ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ: 342. 7 (575.3)
ТКБ: 87. 400, 32 (2Т)
Ф – 17

**ФАЙЗЗОДА МОҲИНАВ РАҶАБ**

# ИКИШОФИ ИНСТИТУТИ НИКОҲ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШУРАВӢ ВА ПАСОШУРАВӢ: ТАҲҚИҚОТИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

**РОҲБАРИ ИЛМӢ**:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**АЗИЗЗОДА У.А.**

**ДУШАНБЕ – 2025**

МУНДАРИҶА:

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО**.................................................................3
**МУҚАДДИМА**........................................................................................4-20
**БОБИ 1. МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ИНСТИТУТИ НИКОҲ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ШУРАВӢ**......................................................21-95
1.1. Асосҳои назариявӣ-методологии институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ...........................................................................................21-42
1.2. Анъанаҳои таърихии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ...................................................................43-58
1.3. Инкишофи қонунгузории шуравӣ дар соҳаи никоҳ.......................58-82
1.4. Таҳаввули вазъи ҳуқуқии бастан ва бекор кардани ақди никоҳ дар давраи шуравӣ..............................................................................82-95
**БОБИ 2. ИНКИШОФИ ИНСТИТУТИ НИКОҲ ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ**...............................................................96-155
2.1. Ташаккул ва инкишофи қонунгузории оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...........................................................................96-111
2.2. Инкишофи мафҳум, моҳият, таъйиноти иҷтимоӣ ва нақши никоҳ дар ҳаёти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ...............................................111-125
2.3. Инкишофи вазъи ҳуқуқии тарафҳои ақди никоҳ.........................125-139
2.4. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи никоҳ.........139-155
**ХУЛОСА**.................................................................................156-159
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**..........................................................................160-162
**НОМГӮЙИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**.........................................163-180
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**.............................................................181-182

## ДАР ДИССЕРТАТСИЯ НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲОИ ЗАЙЛ ИСТИФОДА (ПАЗИРУФТА) ШУДААНД:

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШФСР** – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**ҶМШС Тоҷикистон** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ҶШС Тоҷикистон** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**КИМ** – Кумитаи Иҷроияи Марказӣ

**ҶХШБ** – Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро

**КИМ ҶШФСР** – Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**КИМ ИҶШС** – Кумитаи Иҷроияи Марказии Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ғ.** – ғайра

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳо

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Масъалаҳои оилаву никоҳ дар ҳама давру замон аҳаммияти худро доштанд ва дар замони муосир низ мубрамияти худро гум накардаанд. Асоси ҳар як ҷомеа ва давлатро оила ташкил медиҳад, зеро оила ячейкаи хурди давлат буда, бисёре аз муносибатҳо маҳз аз ҳамин ячейка сарчашма мегиранд. Никоҳ ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ дар муносибатҳои оилавӣ нақши аввалиндараҷа дорад, зеро аксарияти муносибатҳои оилавӣ маҳз аз ҳамин институт оғоз мегарданд. Айни замон дар байни мутахассисоне, ки масъалаи никоҳро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд, ақидае мавҷуд аст, ки сарфи назар аз тафовутҳои ошкори фарҳангҳои ҷаҳонӣ ҷиҳатҳои муштарак низ вуҷуд доранд, ки маъмултаринаш институти никоҳ ба ҳисоб меравад. Илми муосир масъалаи никоҳ ва оиларо ҳамаҷониба меомӯзад. Таҳлили илмии институти ақди никоҳ меъёрҳои бевоситаи ҳуқуқӣ ва равандҳои умумии иҷтимоӣ, идеологӣ ва сиёсии ҷомеаро дар бар мегирад. Аммо дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ падидаи мазкур ба қадри кофӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода нашудааст. Аз ин ҷост, ки бисёре аз масъалаҳо дар ин самт то кунун ҳалли худро наёфтаанд. Бо ин назардошт, анҷом додани таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаи никоҳ дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки никоҳ институти таърихӣ-ҳуқуқӣ буда, баробари пайдоиши инсоният арзи ҳастӣ намудааст. Ҳануз дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон никоҳ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб мерафт. Тавассути бисёре аз сарчашмаҳои ҳуқуқию одатӣ ва динии давраҳои гуногун муносибатҳои никоҳӣ мавриди танзиму ҳифз қарор гирифтаанд. Никоҳ дар масири таърих таҳаввулоти мухталифро аз сар гузаронида, ҳамчун арзиши иҷтимоии инсоният то ба имрӯз омада расидааст. Омӯзиши таҷрибаи давраҳои таърихии ташаккули падидаи никоҳ дар такмилу ташаккули институти мазкур дар замони муосир мусоидат менамояд.

Аз замонҳои қадим институти никоҳ яке аз рукнҳои муайянкунандаи ҳаёти ҷомеа буд ва то имрӯз чунин боқӣ мондааст. Соҳаи никоҳ ва оила ҷузъи муҳимми ҳаёти на танҳо шахсони алоҳида, балки тамоми ҷомеа мебошад. Табиист, ки тули таърихи дуру дарози башарият тартибу шартҳои ақди никоҳ ва талоқ дигаргуниҳои ҷиддиро аз сар гузаронидаанд. Ин ба кишвари мо низ дахл дорад. Ислоҳоти никоҳ, махсусан, дар ибтидои давраи шуравии таърихи Тоҷикистон хеле ҷиддӣ буд. Институти муосири никоҳ, асосан, натиҷаи таҳаввули никоҳ дар давраи муайян мебошад. Вобаста ба ҳамин шароит таҳқиқи таҳаввули институти никоҳ дар низоми ҳуқуқии шуравӣ ва соҳибистиқлол ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Яке аз паҳлуҳои масъалаи мавриди назар, ки мубрамияти таҳқиқоти мазкурро ифода менамояд, арзишнокии никоҳ дар замони муосир мебошад. Мутаассифона, дар раванди ҷомеашавӣ никоҳ арзиши иҷтимоии худро гум карда истодааст. То асри XX никоҳ тавонист моҳияту аҳаммият ва арзишҳои фарҳангии худро нигоҳ дорад ва давлатҳо низ дар ин самт нақши калон гузоштаанд. Аммо дар асри навин ташаккули никоҳ афзоиш ёфта, шакли нави ғайрианъанавиро касб намуда истодааст, ки ба арзишҳои фарҳангию миллии бисёре аз кишварҳо мувофиқ намебошад.

Масъалаи оила, танзими муносибатҳои ақди никоҳ ва оилавӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи давлат қарор мегирад. Маврид ба зикр аст, ки дигаргунсозии муосири муносибатҳои оилавӣ шаклҳои нави никоҳро ба вуҷуд овардааст: иттиҳоди байни шахсони якҷинс, муносибатҳои воқеии ақди никоҳ, бисёрзанӣ ва ғ. Ҳамаи ин дарки равандҳои таҳаввули мафҳумҳо ва татбиқи амалии шарту тартиби никоҳро дар ҷомеаи муосир тақозо мекунад. Дигаргуниҳои куллие, ки дар кишварҳои муосир дар соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт ва идеология ба амал меоянд, ба соҳаи давлатию демографӣ, хусусан, ба муносибатҳои

никоҳ ва оилавӣ низ бетаъсир намемонанд. Ҷомеаи мо ба он, ки насли наврас чӣ гуна ба воя мерасад ва таълим мегирад ва ба ҳазорсолаи нав чӣ гуна қадам мегузорад, ҳеҷ гоҳ бетаваҷҷуҳ нест. Бо ин назардошт, институти никоҳ тақозо мекунад, ки барои такмил, таҳким ва рушди он чораҳои таъхирнопазир андешида шаванд. Таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки мушкилоти оилавиро бо ёрии сиёсати мукаммали андешидашуда ва собитқадамона ба амал бароварданი барномаҳои давлатии демографӣ каму беш самарабахш ҳал кардан мумкин аст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлатро вазифадор намудааст, ки оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳифз намуда, муносибатҳои оилавию никоҳро дар сатҳи қонунгузорӣ танзим намояд (м.м. 33, 34). Меъёри мазкури конститутсионӣ нақш ва мақоми оилаву никоҳро дар ҷомеа нишон дода, мубрамияти таҳқиқоти мазкурро дучанд мегардонад. Аз ин ҷост, ки давлату ҳукумат дар самти ҳифзи арзишҳои оилавӣ пайваста саъю талош меварзад. Дар ин самт аз ҷониби давлату ҳукумати ҶТ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегия, консепсияҳои дахлдор таҳия ва қабул гардидаанд, ки таваҷҷуҳи давлатро ба соҳаи никоҳ ифода намуда, муаррифгари сиёсати давлатии ҶТ дар соҳаи никоҳ мебошанд. Масалан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ бо ҷавонони кишвар дар таърихи 21.05.2021 атрофи вазифадор будани волидон ҷиҳати омода намудани фарзандони худ ба зиндагии мустақилона андешаронӣ карда, аз афзоиши пошхурии оилаҳо ва никоҳҳои хешутаборӣ изҳори нигаронӣ намуданд [165]. Бояд ёдовар шуд, ки нигаронии Пешвои миллат оид ба масъалаҳои зикршуда бесабаб нест, зеро маълумоти оморӣ дар ин хусус нишон медиҳад, ки дар соли 2020 – 10532 талоқ; дар соли 2021– 13684 талоқ ва дар соли 2022 – 14909 талоқ [23] ба қайд гирифта шудааст. Масъалаҳои мавриди назар мубрамияти таҳқиқоти моро афзуда, механизми таҳия ва татбиқ намудани сиёсати муосиркунонидашудаи давлатиро дар соҳаи никоҳ тақозо менамоянд.

Ҳамин тавр, ин ва дигар масъалаҳои баҳсбарангез ва муҳимми ҷомеа оид ба никоҳ боиси интихоби мавзуъ ва оғози таҳқиқоти мазкур гардидаанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи ташаккули институти никоҳ дар ҶТ то кунун ҳамчун мавзуи таҳқиқоти илмии таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ дар сатҳи диссертатсионӣ қарор нагирифтааст. Паҳлуҳои алоҳидаи мавзуи мазкур аз нигоҳи таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ қисман аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ таҳқиқ гардидаанд. Дар ин миён метавон таҳқиқотҳои У.А. Азиззода [8; 148], Ф.А. Бобохонов [149], Э.Б. Буризода [14], Ш.А. Ғафорова [104], А.М. Диноршоҳ [150], А.И. Имомов [28; 29], Н.М. Имомова [30], М.А. Маҳмудзода [43; 45], У.А. Меликов [117], Б.А. Одинаев [155], О.Э. Раҳмонзода [156], Б.А. Сафарзода [56], Ҷ. Саъдизода [157], Ф.Т. Тоҳиров [68], О.У. Усмонов [70], А.Ғ. Холиқзода [77], М.М. Холинова [160], Х.Н. Ҳиматов [143], Р.Ш. Шарофзода [62], Ш.Ш. Шосаидзода [161] ва дигаронро номбар намуд.

Ташаккули институти никоҳ дар давраҳои шуравӣ ва муосир предмети омӯзиши як қатор олимони хориҷӣ низ қарор гирифтааст. Чунончи, М.В. Антоколская [9; 10], С.Н. Бондов [96], В.Н. Виктор [103], С.Н. Гавров [17], А.В. Ковалева [151], А.В. Карпова [152], Т.Ю. Людоровская [114], И.А. Макарова [115], У.С. Нилова [124], П.Л. Полянский [53], О.М. Толстикова [159], А.Т. Токоева [136], Г.А. Трофимова [138], И.А. Трофиметс [137], Ю.М. Фетюхин [158], Л.А. Хачатрян [139], Е.А. Яковлева [147] ва дигарон.

Дар таҳқиқи масъалаи ташаккули институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва муосир бузург будани нақш ва мавқеи олимони ватанӣ равшан мебошад. Аз ҷумла, баъзе паҳлуҳои ташаккули қонунгузории давраи шуравӣ оид ба масъалаи оила ва никоҳ, нақши никоҳ дар ҷомеаи муосир ва монанди инҳоро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Аммо бисёре аз паҳлуҳои институти никоҳ ҳануз ҳалли худро

наёфта, ба таҳқиқоти ҷудогонаи комплексӣ ниёз доранд. Махсусан, мафҳуми дақиқи умумиэътирофшудаи никоҳ то кунун пешниҳод нагардида, аз ҷониби қонунгузорӣ низ танзим нашудааст; шартҳои бастани никоҳ аз давраи шуравӣ то кунун ками дар кам фарқ менамоянд, яъне то кунун таҷдиди назар ва ба шароити замони муосир мувофиқ кунонида нашудаанд; сиёсати давлатӣ дар самти никоҳ ба такмил ва таҷдиди назар зарурат дорад ва монанди инҳо. Бо назардошти андешаҳои мазкур, таҳқиқоти анҷомпазируфта дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ яке аз таҳқиқотҳои нав ва маҷмуӣ буда, барои амалия ва назарияи илми кишвар нақши созгор гузошта метавонад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи татбиқи нақшаҳои дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – «Проблемаҳои назариявии ташаккули низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир барои солҳои 2016-2020» ва «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ барои солҳои 2021-2025» омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқии мафҳуму моҳият, асосҳои методологӣ, ташаккули қонунгузорӣ ва шарту талаботи бастани ақди никоҳ ва қатъ гардидани он дар ҳуқуқи шуравӣ ва пасошуравӣ мақсади асосии таҳқиқоти дисертатсионии мазкурро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, дар Тоҷикистони муосир таҳлилу баррасӣ намудани мафҳуму моҳият ва нақши никоҳ, вазъи ҳуқуқии тарафҳои ақди никоҳ, сиёсати давлатӣ дар самти ташаккули никоҳ, инкишофи қонунгузории муосири кишвар оид ба падидаи никоҳ аз ҷумлаи ҳадафҳои таҳқиқот ба ҳисоб мераванд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҷиҳати ноил гардидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлилу баррасии чунин вазифаҳо муҳим арзёбӣ мегарданд:

– омӯзиши асосҳои назариявӣ-методологии институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ;

– таҳқиқи анъанаҳои таърихии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ;

– таҳлили инкишофи қонунгузории шуравӣ дар соҳаи никоҳ;

– омӯзиш намудани таҳаввули вазъи ҳуқуқии бастан ва бекор кардани ақди никоҳ дар давраи шуравӣ;

– баррасиии ташаккул ва инкишофи қонунгузории оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили инкишофи мафҳум, моҳият, таъиноти иҷтимоӣ ва нақши никоҳ дар ҳаёти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ;

– таҳқиқи инкишофи вазъи ҳуқуқии тарафҳои ақди никоҳ;

– муайян намудани сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи никоҳ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро таҳқиқи таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқии ташаккули институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро махсусиятҳои хоси инкишофу ташаккули институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ ташкил медиҳад. Ҳамзамон, ба мавзуи таҳқиқот асосҳои методологӣ ва назариявӣ-ҳуқуқии институти никоҳ, мафҳуму моҳият, нақши никоҳ дар ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ, вазъи ҳуқуқии тарафҳо, ташаккули қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи никоҳ дохил мешаванд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири ду марҳилаи инкишофи институти никоҳ мебошад: 1)

ташаккули институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ; 2) инкишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол.

Диссертатсияи мазкур дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2022-2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии диссертатсияро сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқ, ғояҳо ва андешаҳои намояндагони афкори сиёсиву ҳуқуқӣ, арзишҳои умумибашарӣ, осори олимони ватанию хориҷӣ, ки ба ташаккули институти никоҳ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Дар таҳияи диссертатсияи мазкур муаллиф ба осори илмии У.А. Азиззода, М.В. Антоколская, С.Н. Бондов, Ф.А. Бобохонов, Э.Б. Буризода, В.Н. Виктор, С.Н. Гавров, Ш.А. Ғафорова, Ҳ.М. Давлатзода, А.М. Диноршоҳ, А.И. Имомов, Н.М. Имомова, А.В. Ковалева, А.В. Карпова, Т.Ю. Людоровская, М.А. Маҳмудов, У.А. Меликов, И.А. Макарова, У.С. Нилова, Б.А. Одинаев, П.Л. Полянский, О.Э. Раҳмонова, Б.А. Сафарзода, Ҷ. Саъдизода, Ф.Т. Тоҳиров, О.М. Толстикова, А.Т. Токоева, Г.А. Трофимова, И.А. Трофиметс, О.У. Усмонов, Ю.М. Фетюхин, А.Ғ. Холиқзода, М.М. Холинова, Л.А. Хачатрян, Х.Н. Ҳиматов, Р.Ш. Шарофзода, Ш.Ш. Шосаидзода, Е.А. Яковлева ва дигарон такя кардааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, усулҳои диалектика, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ дар диссертатсия бештар истифода гардидаанд.

Ташаккул ва инкишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва соҳибистиқлол ба воситаи усули диалектика мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Бо истифода аз усули диалектика мо тавонистем, ки пайдоишу инкишофи институти никоҳ ва масъалаҳои ба он вобастаро

дар низоми ҳуқуқи шуравӣ ва муосир муайян намоем. Усули мазкур дар зербобҳои боби якум бештар истифода шудааст.

Усули мантиқӣ-забонӣ дар таҳлил ва пешниҳоди дурусти истилоҳ, мафҳумҳо ва ибораҳои ҳуқуқии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодагардида мусоидат намудааст. Дар заминаи усули мазкур истифодаи якхела ва дурусти истилоҳ, мафҳум ва ибораҳои ҳуқуқӣ аз назари мантиқӣ ва забонӣ пешниҳод гардидаанд. Эҷод ва масъалагузориҳо дар ҳар як зербоб бо назардошти қонунҳои мантиқӣ ва забонӣ ба роҳ монда шудаанд.

Бо истифода аз усули оморӣ зимни таҳқиқи институти никоҳ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, аз ҷумла, ҳангоми таҳлили масъалаҳои бақайдгирии никоҳ ва бекор кардани онҳо натиҷаҳои оморӣ истифода гардидаанд. Дар заминаи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ институти никоҳ ҳамчун падидаи сирф ҳуқуқӣ баррасӣ гардида, мафҳуми никоҳ, табиати ҳуқуқии он, шартҳои бастани никоҳ, намудҳои ғайрианъанавии никоҳ, нақши никоҳ дар ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ ва монанди инҳо муайян карда шудаанд. Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории ҶТ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ дар бахши институти никоҳ ва масъалаҳои вобаста ба он, аз ҷумла, мавҷудияти мафҳуми никоҳ дар қонунгузорӣ, шартҳои бастани никоҳ, монеаҳои ақди никоҳ ва ғайра омӯхта шуда, шабоҳат ва тафовут миёни онҳо муайян гардидааст. Бо истифода аз усули таърихӣ-ҳуқуқӣ масъалаи институти никоҳ мавриди таҳқиқи таърихӣ-ҳуқуқӣ қарор дода шуда, муайян гардид, ки никоҳ ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқи шуравӣ ва муосири Тоҷикистон таҳаввули таърихиро аз сар гузаронидааст. Усулҳои мазкур дар якҷоягӣ имконият фароҳам овардаанд, то таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамаҷониба, пурра ва объективона гузаронида шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Диссертатсия ба Конститутсияи ҶТ, қонунгузории оилавӣ, қонунгузории кишварҳои хориҷӣ, санадҳои

меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, барномаю стратегия ва консепсияҳо дар соҳаи танзими муносибатҳои никоҳӣ асос ёфтааст. Дар диссертатсияи мазкур қонунгузории давраи шуравӣ, қонунгузории муосири Тоҷикистон, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ васеъ истифода шудаанд. Ҳамзамон, дар таҳқиқот омори солонаи Агентии омори назди Президенти ҶТ ҳамчун заминаи эмпирикии рисола хизмат намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии диссертатсия дар мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, омӯзиши таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқсозии Тоҷикистони шуравӣ оид ба институти никоҳ ва истифодаи он дар замони муосир, такмили қонунгузории кишвар, дар заминаи қонунгузории давраи шуравӣ муайян кардани мафҳумҳои никоҳ, тарафҳо ва як қатор тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ ифода меёбад. Навгонии таҳқиқоти мазкур ҳамзамон дар он ифода меёбад, ки он аввалин таҳқиқоти комплексӣ оид ба масъалаи институти никоҳ бо назардошти низоми ҳуқуқи шуравӣ ва низоми ҳуқуқи муосири Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аввалин маротиба дар сатҳи таҳқиқоти маҷмуӣ таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқии институти никоҳ, фаҳмиши ҳуқуқии категорияҳои «ҳамсарон», «марду зан», «никоҳшавандагон», «шахсоне, ки хоҳиши никоҳ карданро доранд» ва «шахсони дар никоҳ қарордошта» мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки танзими ҳуқуқӣ ва муайян кардани моҳияти ягонаи ҳуқуқии онҳо зарур шуморида шуд. Нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд ва онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

– асосҳои назариявӣ-методологии институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, равишҳои методологӣ ва бархурдҳои муҳаққиқон оид ба фаҳмиши никоҳ муайян карда шудааст;

– инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ таҳқиқ гардида, анъанаҳои таърихии иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ оид ба никоҳ ошкор карда шудаанд;

– инкишофи қонунгузории шуравӣ дар соҳаи никоҳ таҳлил карда шуда, дар натиҷа асосҳои меъёрии ҳуқуқи никоҳ бо назардошти камбудию навгониҳо муайян гардидаанд;

– таҳаввули вазъи ҳуқуқии тартиби бастан ва бекор кардани никоҳ дар давраи шуравӣ мавриди омӯзиши назариявию меъёрӣ қарор дода шуда, бартариятҳо ва камбудиҳои қонунгузории шуравӣ оид ба тартиби бастани никоҳ ошкор гардидаанд;

– ташаккул ва инкишофи қонунгузории оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, бартариятҳо ва нуқсонҳои қонунгузории амалкунандаи миллӣ муайян карда шудаанд, ки ба такмили қонунгузорӣ мусоидат менамоянд;

– таҳлили инкишофи мафҳум, моҳият, таъйиноти иҷтимоӣ ва нақши никоҳ дар ҳаёти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ;

– инкишофи вазъи ҳуқуқии тарафҳои ақди никоҳ таҳқиқ карда шуда, муайян гардидааст, ки вазъи ҳуқуқии тарафҳои ақди никоҳ тибқи қонунгузории амалкунанда дорои масъалаҳои зиёди ҳалталаб мебошад;

– сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи никоҳ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷиҳати такмилу ташаккули он чораҳои муҳимми ҳуқуқӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нуктаҳои зерин ифода меёбад, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд:

1. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки мустаҳкамшавии расмии муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ба рушди давраи шуравӣ рост меояд, ки дар ин давра оила ва никоҳ дар ҷойи аввал меистоданд ва яке аз ячейкаҳои асосии ҷомеа буд, ки ба манфиати он бисёр мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, давлат баромад мекард. Бо назардошти ин,

таҳқиқи асосҳои назариявию методологии институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ муҳим буда, барои мукаммалгардонии қонунгузорӣ ва инкишофи муносибатҳо оид ба оила ва никоҳ дар замони муосир мусоидат менамояд. Аз ҷумла, дар қонунгузории оилавии имрӯзаи ҷумҳурӣ ворид намудани чунин муқаррарот оид ба асоси қатъ (беэътибор) гардидани никоҳ дар ҳолати иваз кардани ҷинс ва ё бастани никоҳ байни шахсони ҳамҷинс, ки ба фарҳангу тамаддуни халқи тоҷик мухолиф мебошад бояд илова карда шавад. Айни замон дар қонунгузорӣ барои никоҳи шахсони ҳамҷинс ва ё шахсоне, ки пас аз никоҳ ҷинси худро иваз мекунанд, ҳеҷ гуна маҳдудият вуҷуд надорад.

2. Таҳқиқот маълум намуд, ки масъалаҳои синни дақиқи никоҳӣ, манъи бисёрникоҳӣ, додани маҳр ва монанди инҳо дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии зикршуда ба таври мухаталиф пешбинӣ шудаанд. Чунин ҳолат гувоҳӣ он аст, ки институти оила аз низоми ҳуқуқи зардуштӣ ба низоми ҳуқуқи мусулмонӣ ва баъдан ба низоми ҳуқуқи шуравӣ ба тариқи меросият гузариш намуда, дар ин раванд марҳила ба марҳила ташаккул ёфта, баъзе арзишҳо ва меъёрҳои навро ба худ касб намудааст. Чунин арзишҳои ҳуқуқӣ оид ба никоҳ то замони муосир омада расида, мутаассифона, аксарияти онҳо то кунун мавриди таҷдиди ҷиддӣ қарор нагирифтаанд. Андешаи мазкур дар он асос мебошад, ки аксари масъалаҳои вобаста ба никоҳ (аз ҷумла, шартҳо ва тартиби бастани никоҳ), тавре ки дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон мавҷуд буданд, дар низоми муосири ҳуқуқ низ бетағйир мондаанд. Бинобар ин, шартҳо, тартиби бастан, ҷой доштани монеаҳои ақди никоҳ, вазъи ҳуқуқии тарафҳо ва дигар масъалаҳои монанд ба таҷдиду такмил ниёз доранд.

3. Дар натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки қонунгузории шуравӣ оид ба никоҳ марҳилаи пурпечутоби таърихӣ ва инкишофро аз сар гузаронида, дар байни солҳои 1917-1970 як қатор санадҳои ҳуқуқии

ҷудогонаро фаро мегирад. Қонунгузории шуравӣ дар соҳаи никоҳ танҳо дар солҳои 70-ум бо қабули Кодекси ҶШС Тоҷикистон оид ба никоҳ ва оила ва Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон дар сатҳи лозима муносибатҳои ҳуқуқиро оид ба никоҳ мавриди танзим қарор дода, нисбат ба санадҳои қаблан қабулгардида мукаммал ба ҳисоб мерафт. Далели мукаммалии ин санадҳо дар он ифода мегардад, ки онҳо то қабули нахустин санадҳои ҳуқуқии даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон амал кардаанд. Маврид ба зикр аст, ки новобаста аз қабули санадҳои ҳуқуқии зиёд ва ислоҳот дар самти қонунгузории оилавӣ, ки дар инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ таъсири мусбӣ расонидаанд, вале дар марҳилаҳои аввал як қатор камбудиҳо ба назар мерасиданд. Аз ҷумла, падидаҳои алоҳидаи ҳуқуқи оилавӣ, масалан, тартиби бастани никоҳ на дар қонун, балки дар санадҳои зерқонунӣ зикр шуда буданд; қонунҳои нав қабулшавандаи марбут ба никоҳ ва оила бидуни зарурат меъёрҳои ҳуқуқии оилавии пешамалкунандаро такрор мекарданд; қонунгузории оилавии амалкунанда аксаран хислати тантанавӣ дошт; байни меъёрҳои оилавию никоҳии алоҳида ихтилофҳо ба назар мерасиданд.

4. Тамоми санадҳои қабулшуда дар давраи шуравӣ аввалан ба никоҳ таваҷҷуҳ намудаанд. Боиси тааҷҷуб аст, ки дар тамоми декретҳо ва кодексҳои давраи шуравӣ зимни номгузорӣ аввалан ба никоҳ ва баъдан ба оила такя карда шудааст. Яъне дар номи санадҳои ҳуқуқӣ мафҳуми никоҳ пеш аз мафҳуми оила оварда шудааст, ки чунин ҳолат мубрамияти никоҳро дар давраи шуравӣ ифода мекунад. Дар қонунгузории имрӯза бошад, таваҷҷуҳи бештар ба оила зоҳир гардида, нисбат ба никоҳ нисбатан таваҷҷуҳ маҳдуд ба назар мерасад. Гуфтан мумкин аст, ки ҳокимияти шуравӣ асоси оила будани никоҳро дарк намуда, таваҷҷуҳи асосиро ба никоҳ равона сохтааст, зеро никоҳи қонунӣ ва муваффақ самаранокӣ ва устувории оилаҳоро таъмин менамояд. Маврид ба зикр аст, ки аз кишварҳои пасошуравӣ

танҳо Ҷумҳурии Қазоқистон таҷрибаи шуравиро нигоҳ доштааст, зеро дар кишвари мазкур кодекс чунин номгузорӣ шудааст: «Кодекси Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба никоҳ (ҳамсарӣ) ва оила». Аз номи санади мазкур бармеояд, ки он ба қонунгузории давраи шуравӣ қариб пурра наздик мебошад.

5. Бояд тазаккур дод, ки дар замони соҳибистиқлолӣ танзими масъалаҳои оилавию никоҳӣ тавассути қонунгузории нави оилавии ҶТ ба роҳ монда шуд. Дар ҶТ қонунгузории оила ба ихтиёрии ақди никоҳ, яккаҳамсарӣ, баробарҳуқуқии зану шавҳар, бо ризоияти тарафайн ҳалли баҳсҳои дохили оила, афзалияти тарбияи мутақобилаи фарзандон, ғамхорӣ дар бораи некӯаҳволӣ ва инкишофи онҳо асос меёбад. Бояд гуфт, ки дар қонунгузории оилавии кишвар мафҳуми ҳуқуқии оила пешбинӣ нашудааст, дар ҳоле ки мавҷудияти мафҳуми оила ва никоҳ дар қонунгузории оилавии кишвар бисёр муҳим буда, дорои аҳаммияти баланди амалӣ мебошад. Дар дилхоҳ баҳсҳои ҳуқуқие, ки ба оила ва никоҳ рабт доранд, ҷиҳати муайян намудан ва додани баҳои воқеӣ ба он, ки оила ва ё никоҳи муайян расмӣ ё ғайрирасмӣ мебошад, ба талаботи қонунгузорӣ мувофиқ ҳаст ё не, дар чунин масъалаҳо танҳо мафҳуми расмии оила ва никоҳ мусоидат карда метавонад, ки инро бояд қонунгузории оилавӣ муқаррар намояд.

6. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки новобаста аз коҳиш ёфтани арзишҳои оилавию никоҳ нақши он дар ҳаёти шахсию ҷамъиятӣ ва давлатӣ баланд ва пураҳаммият боқӣ мемонад. Танҳо давлатро зарур аст, ки дар ин самт чораҳои зарурии ҳуқуқӣ андешад, то никоҳро ҳамчун муҳимтарин арзиши оилавии насли гузашта ҳифз намояд. Ҷиҳати баланд бардоштани арзишҳои анъанавии никоҳ дар кишвар бояд чораҳои муҳим андешида шаванд. Институти никоҳ дар марҳалаи ҳозираи инкишофи худ давраи душвори гузаришро аз модели анъанавӣ ба модели нисбатан озод ва соддатар аз сар

мегузаронад, ки аҳаммияти мақсадҳои никоҳ, яъне таваллуд ва тарбияи кӯдакон кам шуда истодааст. Мо чунин мешуморем, ки дар ин шароит вазифаи давлат аз он иборат аст, ки институти никоҳ, баланд бардоштани нуфузи бақайдгирии иттифоқҳои никоҳ ва дастгирии иҷтимоии оилаҳо таъмин карда шавад, зеро некуаҳволии ҷомеа ва, умуман, давлат аз оила вобаста мебошад.

7. Тамоми субъектони никоҳ, дар умум, ҳамчун тарафҳои ақди никоҳ ҳисобида мешаванд ва ибораи «шахсоне, ки хоҳиши никоҳ бастанро доранд», муайян кардани мафҳум ва ҳайати тарафҳои ақди никоҳро душвор месозад. Қонунгузории оилавӣ дар баробари ин дигар мафҳумҳои норавшанро низ истифода мебарад, ки ба дақиқсозӣ ниёз доранд. Аз ҷумла, мафҳумҳои ҳамсарон, зан ё шавҳар, никоҳшавандагон ва монанди инҳо. Масалан, Кодекси оила дар м. 16 зимни муайян кардани асосҳои қатъи никоҳ дар қисми якум мафҳуми «ҳамсарон» ва дар қисми дуюм мафҳуми «зан ё шавҳар»-ро истифода бурдааст. Саволе ба миён меояд, ки магар ин мафҳумҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд? Оё мафҳуми ҳамсарон ҳамон зану мард аст? Фикр мекунем, ки истифодаи дақиқи мафҳуми «марду зан» ва ё «мард ё зан» дуруст мебошад. Мафҳуми ҳамсарон васеъ буда, чунин никоҳҳои ғайрианъанавиро фаро гирифтанаш мумкин аст. Бинобар ин, беҳтар аст, ки дар қонунгузорӣ мафҳумҳо дақиқ ва якхела оварда шаванд. Ҳамзамон, дар қонунгузорӣ бояд дақиқ муқаррар карда шавад, ки ба ҳайси тарафҳои ақди никоҳ киҳо баромад мекунанд.

8. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки яке аз масъалаҳои ташвишовар дар соҳаи никоҳ афзоиши сатҳи бекоркунии он ба ҳисоб меравад. Агар мо нишондодҳои солҳои 2015-2022-ро муқоиса намоем, маълум мегардад, ки 6563 маротиба сатҳи никоҳ афзоиш ёфтааст. Як масъалаи дигарро низ бояд ба назар гирифт, ки на ҳамаи никоҳҳои аз ҷиҳати динӣ қатъгардида сари вақт расман қатъ карда мешаванд, зеро ба мушоҳида мерасад, ки оилаҳо ба таври динӣ қатъ гардида, барои

расман бекор кардани никоҳи худ муроҷиат намекунанд. Чунин ҳолат моҳҳо ва баъзан солҳо идома меёбад. Бинобар ин, ҳолати мазкур ба нишондодҳои оморӣ ҳатман таъсири худро мерасонад. Маврид ба зикр аст, ки дар панҷсолаи охир ягон санади муҳимми ҳуқуқӣ дар самти никоҳ таҳия ва қабул карда нашудааст. Агар асоси оилаҳо никоҳ бошад, пас, таваҷҷуҳи асосии давлат бояд ба масъалаи никоҳ равона гардад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада ҷиҳати ҳал намудани як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи никоҳ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, масъалаҳои мукаммал намудани адабиёти таълимӣ дар соҳаи оила ва никоҳ, такмили қонунгузорӣ дар соҳаи никоҳ ва монанди инҳо.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки истифодаи маводи диссертатсия дар таҳлилу хулосабарории мавзуъҳои назариявӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи маданӣ маълумотҳо ва маводҳои нави илмиро пешниҳод менамояд. Хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба институти никоҳ бадастомада мумкин аст дар ҳалли як қатор мушкилоти дар илмҳои ҳуқуқи оилавӣ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи маданӣ ва умуман илми ҳуқуқшиносӣ мавҷудбуда истифода гарданд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаҳои марбут ба никоҳ, ба монанди тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи ҶТ, таҳияи санадҳои нави ҳуқуқӣ, таҳия ва қабули стратегия ва консепсияҳои давлатӣ ва ғ. истифода намуд. Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ҷиҳати такмилу ташаккули институти никоҳ аҳаммияти калон доранд.

**Дарачаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи ташаккули никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва соҳибистиқлол, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории қишварҳои хориҷӣ дар самти никоҳ асос меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи масъалаи ташаккули никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва соҳибистиқлол асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Ғайр аз ин, муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ доир ба ҳалли масъалаҳо вобаста ба институти никоҳ дар қонунгузории кишвар навгониҳои назаррасро пешниҳод намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Рисола дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли пешниҳоди маърузаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалии илмӣ-назариявии зерин мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– Инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ // конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» (5-уми декабри соли 2023). – Душанбе, 2023.

– Инкишофи мафҳуми никоҳ ва нақши он дар ҳаёти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ // конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ», бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2014 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» (6 уми декабри соли 2024). – Душанбе, 2024.

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Инкишофи вазъи ҳуқуқии тарафҳои ақди никоҳ // конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Конституция как фактор стабильности государства» (Конститутсия ҳамчун омили устувории давлат) (25 октябри соли 2024). – Душанбе, 2024.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 5 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба нашр расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти довталаб иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 182 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ИНСТИТУТИ НИКОҲ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ШУРАВӢ

## 1.1. Асосҳои назариявӣ-методологии институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ

Никоҳ яке аз институтҳои муҳимми ҳуқуқи оилавӣ ба ҳисоб рафта, мавҷудияти худро дар тамоми марҳилаҳои таърихӣ бо таҳаввули ҳуқуқи оилавӣ нигоҳ доштааст. Никоҳ бо оила робитаи зич дошта, бе ҳамдигар вуҷуд дошта наметавонанд, зеро, аз як ҷониб, оила дар натиҷаи никоҳ бунёд карда мешавад ва аз ҷониби дигар, бастани никоҳ боиси ташкили оила мегардад. Ба таври дигар, онҳо вобастаи ҳамдигар мебошанд. Бинобар ин, никоҳро бе оила таҳлил кардан ба мақсад мувофиқ ва натиҷабахш намебошад. Никоҳ заминаи асосии бунёди ҷомеаи муосир мебошад, ки асоси он ба арзишҳо ва манфиатҳои аз ҷониби умум эътирофшуда асос ёфтааст. Мафҳуми никоҳ дар тӯли садсолаҳо вобаста ба вазъият дар кишвар, бо омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ тағйир ёфта, вале ҳамеша чун як дастури ҳамаҷониба боқӣ мондааст. Таърихи ҷаҳон нишон медиҳад, ки муносибатҳои шахсии зану шавҳар ҳам ба ҳолати умумии фарҳангии ин ё он халқ ва хусусиятҳои миллии он ва ҳам бо усули никоҳ ва шакли оила вобастагӣ доштаанд.

Маврид ба зикр аст, ки масъалаҳо оид ба никоҳ, ҳуқуқҳои оилавӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамсарон, баробарҳуқуқии марду зан дар муносибатҳои оилавӣ ва монанди инҳо дар таҳқиқотҳои як қатор муҳаққиқони ватанӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, Ф.Т. Тоҳиров [69], У.А. Азиззода [148], А.Ғ. Холиқзода [77], А.М. Диноршоҳ [150], Ҷ. Саъдизода [157], Ф.А. Бобохонов [149] ва дигарон. Чунончи, профессор У.А. Азиззода оид ба ҳуқуқи шуравӣ қайд намудааст, ки яке аз давраҳои рушди қонунгузорӣ ва ҳуқуқӣ инсон давраи амали низоми ҳуқуқи шуравӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин давра мутобиқи муҳимтарин санадҳои меъёрии

ҳуқуқии миллӣ баробарҳуқуқии марду зан дар бастан ва бекор кардани ақди никоҳ ба таври расмӣ муқаррар гардидааст [66].

Бояд тазаккур дод, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба фаҳмиши оила ва никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ андешаи умумиэътирофшуда вуҷуд надорад. Оила муҳимтарин институти иҷтимоӣ мебошад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ то ҳол таърифи ягонаи мафҳуми «оила» вуҷуд надорад [122, с. 177-179; 123, с. 17-23; 134, с. 4-9]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки «Одатан оила маҷмуи одамоне ҳисобида мешавад, ки ба никоҳ, хешутаборӣ ва молу мулк, зиндагии муштарак ва идораи умумии хоҷагӣ асос ёфта, муҳити табиии некӯаҳволии аъзои он, тарбияи фарзандон, кумаки ҳамдигар ва наслро ташкил медиҳад» [82, с. 4].

Муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ аз замонҳои қадим, вақте ки одамон, воқеан, дарк намекарданд, ки ҳар гуна муносибат метавонад на танҳо дар асоси эътиқод ва ваъда, балки аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ бидуни дучор шудан ба мушкилоти эҳтимолӣ дар ҳолатҳои зарурӣ ташаккул ёфта, дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам карда шудааст. Омӯзиши таърихи ҳуқуқи никоҳ ҳамеша таваҷҷуҳи зиёди муҳаққиқони соҳаро ба вуҷуд овардааст. Мустаҳкамшавии махсуси муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ба рушди давраи шуравӣ рост меояд, ки дар ин давра оила ва никоҳ дар ҷойи аввал меистоданд ва яке аз ячейкаҳои асосии ҷомеа буда, ба манфиати он бисёр мақомоти давлатӣ, аз ҷумла давлат баромад мекард. Бо назардошти ин, таҳқиқи асосҳои назариявию методологии институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ муҳим буда, барои мукаммалгардонии қонунгузорӣ ва инкишофи муносибатҳо оид ба оила ва никоҳ дар замони муосир мусоидат менамояд.

Институти никоҳ яке аз институтҳои куҳнаи таърихӣ ба шумор рафта, дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ аз қадим дар асоси одатҳои ҳуқуқӣ ва нахустин сарчашмаҳои ҳуқуқӣ мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор мегирифт. Ҳамзамон, институти никоҳ аз қадим таваҷҷуҳи аксари олимони соҳаҳои гуногунро ба худ ҷалб намуда буд. Дар ин хусус ҳақ

бар ҷониби М.А. Маҳмудзода мебошад, ки оид ба никоҳ чунин гуфтааст: «никоҳ, тартиби бастани никоҳ, тахти ҳимояи давлат қарор додани он ва муносибатҳои вобаста ба никоҳ барои ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми нав нест. Никоҳ предмети омӯзиши танҳо илми ҳуқуқи оилавӣ набуда, ҳамчунин аз ҷониби илмҳои дигар, ба монанди ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ, омӯзгорӣ, тиб ва монанди инҳо мавриди омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ қарор дода мешавад» [45, с. 17]. Мавсуф ҷойи дигар илова кардааст, ки «дар таърихи башарият оила яке аз қадимтарин шаклҳои умумияти инсонӣ ба шумор рафта, аз тарафи намояндагони илмҳои ҷомеашиносӣ, ҳуқуқ ва дигар илмҳо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Доираи масоили оила васеъ ва гуногунҷанба буда, раванди ташаккулёбӣ ва хусусиятҳои хоси муносибатҳои байниҳамдигарии ҳамсарон, сабабу омилҳои асосии муноқишаҳои оилавӣ, омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии муайянкунандаи тарзи зиндагии аъзои оила ва дигар паҳлуҳои ин падидаи муҳимро дар бар мегирад» [43, с. 11].

Ташаккул ва инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ аз солҳои 1917 бо саршавии Инқилоби Октябр оғоз мегардад. Аммо олимон ба никоҳ ва оилаи инқилобӣ аз нуқтаи назари мухталиф баҳогузорӣ менамуданд. Ф. Энгелс навишта буд, ки «дар ҳар як ҳаракати бузурги инқилобӣ масъалаи «муҳаббати озод» дар мадди аввал меистад. Барои баъзеҳо ин пешравии инқилобӣ, озод шудан аз робитаҳои куҳнаю анъанавӣ мебошад, ки аз байн рафтааст; барои дигарон ин таълимотест, ки бо омодагӣ пазируфта шуда, ҳама гуна муносибатҳои озод ва осони байни зану мардро ба таври мувофиқ фаро мегирад» [85, с. 8]. Дар ин хусус В.Н. Виктор қайд намудааст, ки одоби нави оилавӣ ба максимализми инқилобӣ асос ёфтааст, ки хусусияти хоси он як давраи кӯтоҳи мавҷудият, дигаргунии куллӣ дар модели рафтори ҳаррӯзаи оилавӣ ва никоҳ, инчунин дарки он аз ҷониби қисми ночизи ҷомеа буд. Омили муайянкунандаи ахлоқи нав на воқеъона, балки ангезаи идеявӣ

буд, ки асоси он ба таври инқилобӣ инкор кардани тамоми гузашта ба ҳисоб рафта, ба ҳар як вайроншавии амиқи ҷамъиятӣ хос аст [103, с. 106].

Т.Ю. Людоровская чунин мешуморад, ки «проблемаҳои тағйир додани ҳуқуқи оилавии давлати шуравӣ дар солҳои 1920-1930 имрӯз низ аҳаммияти бузург дорад, зеро ҳалли масъалаҳои оилавӣ ҳалли тамоми мушкилоти иҷтимоии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Аҳаммияти мавзуъ равшан ва бешубҳа аст, зеро баъд аз барқарор гардидани ҳокимияти шуравӣ дар солҳои 20-ум тамоми асосҳои куҳнаи оилавӣ барҳам дода шуданд. Буҳрони муайяни арзишҳо, баҳодиҳии меъёрҳои ахлоқӣ, ки қаблан инкорнашаванда ҳисоб мешуданд, ба амал омад. Омӯхтани муносибатҳои оилавӣ ва сохти оилавии даҳсолаҳои аввали шуравӣ барои пешгирӣ кардани хатоҳои замони гузашта ёрӣ мерасонад» [114, с. 122].

Маврид ба зикр аст, ки дар марҳалаи аввали ташаккули модели нави муносибатҳои никоҳ ва оила (1917-1918) асосноккунии идеявию ҳуқуқии он ва зиёда аз ин, дар асоси демократӣ сурат гирифт. Аз тарафи дигар, максимализми инқилобӣ боиси аз равиши танзими муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ дур шудани давлат, дар муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ озодии аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабулнашаванда гардид, ки дере нагузашта чунин ҳолат боиси оқибатҳои вазнини иҷтимоию ҳуқуқӣ шуд.

Ба андешаи П.Л. Полянский, оқибатҳои ҳуқуқӣ аз он иборат буданд, ки аз ҷониби давлат назорати ҳуқуқӣ аз болои муносибатҳои ақди никоҳ ва оилавӣ бояд аз байн бурда шаванд, зеро меъёрҳои муайян кардани он муносибатҳои оилавӣ, ки метавонистанд ҳифзи ҳуқуқии давлатиро гиранд, комилан норавшан буданд. Баҳсҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мураккаби оилавӣ ва меросӣ, ки аз мавҷуд будани шумораи зиёди никоҳҳои ба қайд гирифтанашуда (ҳамзистӣ) ба миён омадаанд ва аксар вақт ҳодисаҳои ҳамзистии пайдарпайи як шахс бо ашхоси гуногун ва ҳатто дар як вақт бо якчанд нафар ҷой доштанд [53, с. 67]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ зикр шудааст, ки «ҳамзамон, аз нигоҳи давлат низ «ҳамзистӣ» арзиши ҷиддӣ надорад, зеро дар чунин шакли зист муносибатҳои зану

мард дар қонун расмӣ нашудаанд ва аз ин рӯ, аз ҷониби ниҳодҳои давлатӣ танзим карда намешаванд. Оқибатҳои манфии чунин шакли зист (ҳамзистӣ) аз нигоҳи иҷтимоӣ дар афзоиши назарраси рафторҳои девиантӣ дар оила, никоҳ ва муносибатҳои ҷинсӣ, тезутунд шудани мушкилоти демографӣ зоҳир мешаванд. Ғайр аз ин, кӯдакони берун аз ақди никоҳ таваллудшуда ятимхонаҳоро пур карда, ба кӯдакони бесарпаноҳ табдил меёфтанд, ё бадтараш, ба олами ҷиноятӣ ворид мешуданд» [60, с. 67]. Дар маҷмуъ, ҳамаи ин равандҳо як чизро ифода мекарданд – оғози парокандашавии рафтори анъанавии ҷинсии инсон, ташаккули низоми нави арзишҳо ва қоидаҳои рафтор дар ин самт ва дар ниҳоят, фарогирии ҳаёти ҷинсӣ барои аҳолӣ ва давлат дар чорчубае, ки аз тарафи ахлоқ ва қонун идоранашаванда аст. А.В. Ковалева дар ин хусус дуруст қайд намудааст, ки «чунин ҳолат барои ҷамъият падидаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок буд, зеро агар дар никоҳ муносибатҳои ҷинсӣ ҳуқуқу ухдадориҳои қонуниро ба вуҷуд оваранд, барои ҷамъият қонунӣ ҳисобида мешаванд, ҳол он ки ҳамзистӣ ва муносибатҳои ҷинсӣ дар якҷоягӣ бо қонун танзим карда намешаванд. Аз нигоҳи иҷтимоӣ ҳамзистӣ ҳамчун шакли алтернативии муносибатҳои оилавӣ ба ҷуз муносибатҳои маҳрамона барои ҳамзистии зану мард ягон омили муҳимро дар бар намегирад. Мард дар ин шакли муносибат метавонад аз нақши анъанавии саробон даст кашад, аз ҳар гуна шуғли дуру дароз бо корҳои хона худдорӣ кунад ва ба ҷойи худ ба лаззатҳои худ тамаркуз кунад» [151, с. 11]. Воқеан, дар ин хусус ба андешаи мазкур бояд розӣ шуд, зеро асоси никоҳ танзими қонунӣ аст. Никоҳ танҳо дар он сурат метавонад ҳадафҳои оиларо амалӣ намояд, ки дар чаҳорчубаи қонун ташкил ва танзим карда шавад.

Андешаҳо дар бораи оила ва никоҳ бо тағйироти сохтори иҷтимоӣ ва таҳаввули низоми сиёсиву ҳуқуқии давлат тағйироти гуногунро ба амал овcovered, ки дар дастурҳои ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд. Масъалаҳои марбут ба оила ва никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ дар асарҳои М.В.

Антоколская [9], А.М. Нечаева [154; 36; 49], Л.М. Пчелинсева [35; 54], И.М. Кузнетсова [34; 39], В.А. Рясенсев [55; 61] баррасӣ шудаанд. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ ва никоҳ дар таҳқиқотҳои Н.А. Бурданова ва Н.С. Нижник низ ба назар мерасанд [48; 99; 100; 121].

Дар давраҳои гуногун проблемаи таҳқиқшаванда мавзуи таҳқиқоти муаррихону ҷомеашиносон ва ҳуқуқшиносон гардид. Яке аз олимони шуравӣ А.Г. Харчев дар асари худ «Никоҳ ва оила дар ИҶШС» «таъсири инқилоби сотсиалистиро ба дигаргуниҳои қонунгузории оила, никоҳ ва муносибатҳои оилавӣ таҳлил карда, дар таҳқиқоти худ ташаккули оила ва институти никоҳро аз давраи пешазинқилобӣ сар карда, баррасӣ намудааст, инчунин тағйир ёфтани ҳаҷм, вазифа ва сохти оилаи шуравиро мавриди таҳқиқ қарор додааст» [76, с. 76]. Ӯ чунин мешуморад, ки «сиёсати оилавии шуравӣ дар солҳои 1920-1930 ба ташаккули оилаи сотсиалистӣ нигаронида шуда, тамоюли муҳофизати занон ва кӯдаконро дар ҷамъияти шуравӣ мустаҳкам намудааст» [114, с. 123]. Э.К. Василев дар асари худ бо номи «Оила дар ҷамъияти сотсиалистӣ» ба масъалаҳои «сохтор, андоза, буҷети оилаи шуравиро баррасӣ намуда, инчунин меъёрҳои давлатӣ, ки ба тағйироти соҳаи оила дахл доранд, таваҷҷуҳ кардааст» [15, с. 21]. Ба ақидаи Т.Ю. Людоровская, «таҳқиқотҳои А.Г. Харчев ва Е.К. Василева масъаларо танҳо аз нуқтаи назари омӯзиши умумидавлатии сиёсати оилаи шуравӣ, бе таъсир расондан ба хусусиятҳои инкишофи минтақавии институти оила ва никоҳ дар солҳои 1920-1930 ифода мекунанд» [114, с. 123].

Бояд зикр намуд, ки муносибатҳои никоҳӣ дар ҳуқуқи шуравӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим даровардa мешуданд. Меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои никоҳро дар низоми ҳуқуқии шуравӣ танзим мекарданд, як соҳаи алоҳидаи ҳуқуқӣ ва қонунгузориро ташкил медиҳанд. Меъёрҳои ҳуқуқи оила дар ҳуқуқи шуравӣ масъалаҳои зеринро муқаррар менамуданд: шартҳои никоҳ, ки ҷараёни никоҳро муайян мекунанд; ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зану шавҳарро муқаррар менамоянд; асосҳои қатъ

кардан ва бекор кардани никоҳро муқаррар менамоянд; ҷараёни никоҳро тавсиф мекунанд; муносибатҳои падару модарон, фарзандон ва шахсони дигари алоқамандро ба танзим медароранд. Набояд фаромӯш кард, ки чунин шакли танзими ҳуқуқӣ ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои никоҳии замони муосир бе таъсир намондааст, зеро меъёрҳои ҳуқуқии қонунгузории оилавии имрӯзаи кишвар аз танзими чунин ҷанбаҳои муносибатҳои никоҳӣ бархурдор мебошанд.

Дар илм оид ба таърифи никоҳ андешаҳои гуногун вуҷуд доранд. Масалан, А.И. Загоровский «никоҳро институти махсус ва ҳамчун як намуди иттиҳоди ҷинсии якумраи марду зан, ки қонун танзим мекунад, ҳисоб мекард. Бинобар ин, асоси воқеии никоҳ ҳамзистии зану мард ба ҳисоб меравад» [26, с. 5-6]. Г.Ф. Шершеневич мафҳуми никоҳро «ҳамчун иттиҳоди зану мард бо мақсади якҷоя зистан дар асоси ризоияти тарафайн ва дар шакли муқарраргашта басташуда муайян намуда, таваҷҷуҳи асосиро ба шартҳое, ки никоҳ бояд онҳоро қонеъ гардонад, равона кардааст» [84, с. 26]. Ю.С. Гамбаров «никоҳро дар замони қадим дорои на он қадар аҳамияти калон, балки ҳамчун «ба ҷуз як навъ шартномаи хариду фурӯш чизеро ифода намекунад» баррасӣ намудааст» [22, с. 45]. Ба маънои ҳуқуқӣ К.П. Победоностсев «никоҳро ҳамчун иттиҳоди зану мард муайян кардааст, ки бо шуури ҷамъиятӣ муқаддас гардидааст, яъне хусусияти ҳуқуқӣ пайдо кардааст». Мувофиқи ақидаи намояндагони ҳуқуқи маданӣ, никоҳ бо созиш баста мешавад: он муносибатҳои шартномавию уҳдадориеро ба миён меорад, ки дар он ҳам зан ва ҳам шавҳар ба ҳамдигар уҳдадориҳоро ба зимма мегиранд [51, с. 145]. В.И. Сергеевич никоҳро ҳамчун иттиҳоди зану мард бо мақсади қонеъ кардани талаботҳои ҷинсӣ ва ягонагии тамоми ҳаёт меҳисобад [59, с. 67].

Аз андешаҳои зикргардида бармеояд, ки баъзе аз онҳо моҳияти никоҳро қисман ифода мекунанд ва баъзеи дигар тамоман аз мақсади никоҳ ва табиати ҳуқуқии он дур мебошанд. Масалан, мо ба андешаи

В.И. Сергеевич тамоман розӣ шуда наметавонем, зеро номбурда моҳияти никоҳро на ба талаботи фарҳангу тамаддуни замони муосир ва на мувофиқ ба арзишҳои фарҳангию инсонӣ ва ҳуқуқии низоми ҳуқуқи шуравӣ пешниҳод кардааст. Ҳол он ки ҳадафи асосии никоҳ на қонеъ кардани талаботҳои ҷинсӣ, балки ташкили иттифоқи озоди баробарҳуқуқ бо мақсади ҳамзистии умрбод ва таълиму тарбияи фарзандон мебошад. Ба андешаи Ю.С. Гамбаров низ розӣ шудан душвор аст, зеро номбурда никоҳро ҳамчун маҳаки камарзиш ва шартнома баррасӣ кардааст. Ҳол он ки муносибатҳо оид ба никоҳ ҳанӯз дар давраҳои ҷомеаи ибтидоӣ пеш аз пайдоиши давлат ва баъзе аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вуҷуд доштанд ва дар ҳама тамаддунҳои ҷаҳонӣ дорои арзиши баланд баҳогузорӣ мешаванд. Ғайр аз ин, ҳарчанд ки никоҳ дар зоҳир созиши байни ду шахс буда, барои онҳо ҳуқуқу ухдадориҳои муайянро ба вуҷуд меоварад, вале ин боис шуда наметавонад, ки ба никоҳ фаҳмиши шартномавиро пайваст намоем. Чунки аҳди никоҳ ҳамчун навъи аҳди маданӣ дар ягон адабиёти маданӣ тасниф нашудааст ва ба назари мо низ қобили қабул нест, ки мо онро бо аҳди маданӣ омехта намоем.

Метавон чунин хулоса кард, ки институти никоҳ яке аз институтҳои асосии ҳуқуқи оила ва қонунгузории оилавӣ мебошад. Никоҳро дар ду хислати дигар – ҳамчун муносибатҳои шахсии ҳуқуқии байни зану шавҳар ва ҳамчун факти ҳуқуқӣ барои дигар муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ва ғайриоилавӣ низ метавон тавсиф намуд. Аммо бо вуҷуди аҳаммияти ҳуқуқӣ доштани никоҳ дар қонуни оила он таърифи хоси худро надорад. Гузашта аз ин, ба ақидаи аксарияти тамаддунҳо, чунин таъриф номувофиқ аст, зеро никоҳ дорои хусусиятҳои зиёди иҷтимоӣ мебошад, ки ба расмият даровардa намешаванд.

Н.С. Антоколская қайд намудааст, ки: «аз рӯйи баъзе андешаҳо назарияи ҳуқуқие, ки табиати ҳуқуқии никоҳро тавзеҳ медиҳад, фаҳмиши никоҳро ҳамчун шартнома ва падидаи навъи махсус (sui generis) ифода

менамоянд» [9, с. 119]. Мафҳумҳои зикршудаи никоҳ гарчанде ба андешаи Г.К. Матвеев «тамоми хусусиятҳои хоси никоҳро инъикос наменамояд» [42, с. 43], вале ба андешаи М.А. Маҳмудзода, «заминаи асосии ташаккул ва инкишофи минбаъдаи мафҳуми никоҳро ташкил медиҳанд, ки иттифоқи зану мард будани никоҳ имрӯзҳо дар аксар адабиёти соҳавии ҳуқуқи оилавӣ мушоҳида мегардад. Масалан, О.У. Усмонов никоҳро «ҳамчун иттифоқи ихтиёрии озодонаи марду зан муайян менамояд, ки ба меҳру муҳаббати пок, дӯстиву ҳурмати тарафайн асос ёфтааст» [70, с. 24]. Ба андешаи ӯ, «мақсади чунин иттифоқ барпо намудани оила ва дар руҳияи ахлоқи ҷамъиятӣ тарбия кардани фарзандон мебошад» [43, с. 143].

Маврид ба зикр аст, ки «давраи пасазинқилобӣ марҳалаи вайроншавии навъи патриархалии оила буда, ба ҷараёни асосии прогрессивӣ мувофиқ мебошад. Дар ин марҳила асосҳои динии оилавию никоҳӣ барҳам дода шуда, хусусияти дунявии никоҳ ва муносибатҳои оилавӣ муқаррар гардид. Аммо натиҷаи таҷрибаи радикалии сотсиалӣ, шаклҳои ифротии ба амал баровардани модели инқилобии муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ дар ин соҳа боиси вусъат ёфтани рафтори девиантӣ гардиданд» [43, с. 143].

Яке аз назарияҳои баҳснок оид ба фаҳмиши никоҳ, ки ба он ишора гардид, назарияи шартномавии никоҳ мебошад. Ин назария дар илм байни олимон баҳсҳои мухталифро ба вуҷуд оварда, никоҳро ҳамчун шартномаи миёни зану мард баррасӣ мекунад. Аммо дар муқобили назарияи мазкур, ҳамзамон, назарияи мустақилияти никоҳ вуҷуд дорад. Тарафдорони ин назария ба муқобили тарафдорони назарияи шартномавии никоҳ ба никоҳ ҳамчун падидаи мустақил муносибат менамоянд. Масалан, И.А. Загоровский қайд кардааст, ки «никоҳ гарчанде дар пайдоиши худ унсурҳои муносибатҳои шартномавиро ифода менамояд, лекин дар мазмун ва қатъ гардидан аз табиати шартнома хеле дур қарор дорад: чӣ мазмуни никоҳ ва чӣ тартиби бекор

намудани он аз иродаи ҳамсарон вобаста нест, ки чунин хусусият онро на ба соҳаи ҳуқуқи шартномавӣ, балки ба падидаи мустақил шомил менамояд» [25, с. 5]. Г.Ф. Шершеневич эътироф менамояд, ки «асосҳои пайдоиши никоҳ ва уҳдадориҳои маданиро шартнома ташкил медиҳад. Лекин, ба андешаи ӯ, муносибатҳои никоҳ, уҳдадориҳои маданӣ ба шумор намераванд» [43, с. 141-142].

Дар ин хусус Н.С. Суворов қайд намудааст, ки ба унсури шартномавии никоҳ ҳамчун иттиҳоди якҳамии зану мард, ки муоширати ҷудонашавандаи тамоми умр ва шарикии мутақобила дар қонуни илоҳӣ ва инсониро ифода мекунад, таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Аммо шартномаи никоҳ аз ҳамаи шартномаҳои дигар фарқ мекунад, аввалан, мазмуни он ба муайян кардани иродаи шахс вобаста набуда, балки табиатан ҳамчун ифодаи зарурии ҷалби табиии тағйирнопазирии идома ва нигоҳ доштани оила дода мешавад; дуюм, аз он иборат аст, ки вай на ба содир кардани ягон амали алоҳида, ки иҷрои онҳо мисли дигар уҳдадориҳои шартномавӣ онро қатъ мегардонад, балки ба «пурра кардани» ду шахсият дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон ва тамоми умр нигаронида шудааст [63, с. 45]. Г.Ф. Шершеневич оид ба падидаи шартномавӣ набудани никоҳро дар мақсади никоҳ чунин ифода кардааст: мақсади никоҳ дар ҳамзистии доимӣ на танҳо ба маънои ҷисмонӣ, балки ахлоқӣ ҳамчун «маҷмуи мавҷудият дар тамоми ҳаёт, ҳақиқатҳои илоҳӣ ва инсонӣ муштараканд» муайян карда мешавад. Дар ин самт байни никоҳ ва уҳдадорӣ фарқият вуҷуд дорад, ки ҳардуи онҳо метавонанд дар асоси шартнома сурат гиранд. Вақте ки шартнома ба иҷрои як ё якчанд амали мушаххас нигаронида шудааст, пас, оқибати он муносибатҳои уҳдадорӣ, масалан, шарикӣ хоҳад буд. Аҳдномаи никоҳ бошад, амалҳои муайянеро дар назар надорад, балки ҳамчун муошырати умрбод аз ҷиҳати назариявӣ мазмуни маънавӣ дорад, на мазмуни иқтисодӣ. Таваллуд ва тарбияи фарзандонро мақсади никоҳ қарор додан нодуруст аст: якум натиҷаи эҳтимолии физиологии никоҳ ва дуюмӣ натиҷаи зарурии

ҳуқуқии он мебошад. Аммо агар шахсоне, ки ба он ворид мешаванд, бидуни андешаи фарзандони оянда хоҳиши алоқаи ҷисмонӣ ва ахлоқӣ дошта бошанд, никоҳ ҳеҷ гоҳ маънои худро гум намекунад [84, с. 53].

Дар адабиёт қайд мегардад, ки: «Тарафдорони назарияи никоҳро ҳамчун падидаи шартномавӣ донистан, андешаи худро ба он асоснок мекунанд, ки нисбат ба тартиби бастани никоҳ, шартҳои эътибор ва қатъи он талаботи муайян гузошта мешавад. Баъзе муносибатҳои зану шавҳарро дар асоси шартнома танзим кардан мумкин аст. Масалан, муносибатҳои молумулкӣ дар давраи никоҳ ва баъд аз бекор кардани он» [43, с. 143]. Аммо дар пайравӣ ба андешаҳои зикргардида чунин хулоса кардан мумкин аст, ки никоҳ новобаста аз созиши байни ду шахс будан ҳамчун шартномаи маданӣ баҳои ҳуқуқӣ дода намешавад. Ба андешаи мо, тамоми он нишонаҳо ва унсурҳое, ки муҳаққиқон оид ба мустақилияти никоҳ дар мафҳуми он пешниҳод намудаанд, дар умум, падидаи шартномавӣ будани никоҳро инкор намуда, мустақилияти онро тасдиқ мекунанд. Бо назардошти ин, мо ҷонибдорӣ назарияи мустақилияти никоҳ мебошем.

Бо вуҷуди ин, ҳамон мутахассисони соҳаи ҳуқуқи маданӣ дар асарҳои илмии худ таърифи ин мафҳумро нишон медиҳанд. Ин мафҳумҳо комилан расмӣ гардида, ба маҷмуи аломатҳои зерин нишон дода мешаванд: 1) иттифоқ, созиш, шартнома; 2) риояи шарту тартиби муайяни бастан; 3) мақсад – барпо намудани оила, ҳамзистии умумӣ; 4) бақайдгирии давлатӣ [65, с. 18]. Дар баробари ин, дар адабиётҳо пешниҳодҳои дигар низ оид ба фаҳмиши никоҳ вуҷуд доранд. Масалан, ба андешаи В.А. Рясенсев, никоҳ иттифоқи ихтиёрӣ, баробарҳуқуқ ва умрбоди марду зани озод аст, ки бо тартиби муқарраргардида ва риояи талаботи қонун баста шуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафайнро ба вуҷуд меорад [55, с. 67]. Оид ба мафҳуми мазкур М.А. Маҳмудзода қайд мекунад, ки муҳаққиқ дар баробари мафҳуми никоҳ, нишонаҳои онро низ муайян менамояд,  ки ба мафҳуми никоҳ асос ёфта, инҳоро дар бар

мегирад: меҳру муҳаббати тарафайн, эҳтиром ва дӯстии ҳамсарон, дастгирии моддӣ ва маънавӣ, тарбияи якҷояи фарзандон [43, с. 143]. Чунин мафҳуми никоҳ дар таҳқиқотҳои Г.К. Матвеев низ ба назар расида, номбурда ҳангоми муайян намудани нишонаҳои никоҳ чунин иловаҳоро муқаррар кардааст: «иттифоқи ба принсипи якканикоҳӣ асосёфтаи зану мард, ки аз тарафи давлат ҳифз карда мешавад; иттифоқи озод, баробарҳуқуқ ва умрбоди марду зан» [42, с. 42-46].

Ба андешаи М.А. Маҳмудзода, «мафҳумҳои пешниҳодгардидаи никоҳ бештар тобиши ҳуқуқии маданӣ дошта, аз нуқтаи назари ҳуқуқи маданӣ арзёбӣ шудаанд. Гувоҳи чунин андеша он аст, ки аксари онҳо шартномаро асоси пайдоиши муносибатҳои никоҳӣ эътироф намуда, ташаккули минбаъдаи онро аз тобиши муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ – шартнома, озод менамоянд. Ба ибораи дигар, тарафдорони муносибатҳои никоҳ ҳамчун намуди падидаи навъи махсус онро инкор намекунанд, ки муносибатҳои никоҳ дар асоси шартнома пайдо мегарданд. Онҳо никоҳро ба он хотир ба падидаи навъи махсус шомил менамоянд, ки мазмуни он аз иродаи ҳамсарон вобаста набуда, бо шартнома муайян намегардад. Дар ин ҷо ҳамчунин набояд фаромӯш кард, ки дар давраи тоинқилобӣ соҳаи мустақили ҳуқуқ бо номи ҳуқуқи оилавӣ вуҷуд надошта, танҳо пас аз Инқилоби Октябр ба миён омад ва қисми таркибии ҳуқуқи маданӣ ба шумор мерафт. Аз ин хотир, муҳаққиқони ин соҳа бештар намояндагони ҳуқуқи маданӣ буда, падидаҳои ҳуқуқи оилавиро бо назардошти меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ таҳлил менамуданд» [43, с. 142].

Дар адабиётҳо дигар фаҳмишҳои никоҳ низ ҷой доранд. Мутобиқи назарияи дигар, мафҳуми никоҳ ба маънои маҳдуду васеъ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ шудааст. Тавре дар адабиёт қайд мегардад: Аз нигоҳи иҷтимоӣ никоҳ падидаи гуногунҷанба буда, ҷанбаҳои физиологӣ, маънавӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва баъзан диниро фаро мегирад. Барои илми ҳуқуқ ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ муҳиманд, ки, пеш аз

ҳама, дар муносибатҳои махсуси моликияти байни зану шавҳар таҷассум меёбанд. Ба маънои маҳдуд никоҳ танҳо иттиҳоди зану мард мебошад, ки дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайд гирифта шудааст ва боиси ба вуҷуд омадани ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва амволӣ мегардад [58, с. 34].

Дар сарчашма ҳамзамон назарияи ҳамчун мақом баҳо додани никоҳ мавҷуд аст. Мутобиқи он, никоҳ чунин мақоме мебошад, ки аз ҷониби субъект дар натиҷаи амалҳои пешбининамудаи қонун ба даст омадааст. Доштани ин мақом имкон медиҳад, ки субъект ба гурӯҳи шахси оиладор дохил карда шавад [21, с. 517]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ишора шудааст, ки тарафдорони ин мавқеъ, ки никоҳ як навъ институти махсус аст, ба он ишора мекунанд, ки никоҳ на барои ба вуҷуд овардани оқибатҳои молумулкӣ, балки, пеш аз ҳама, мазмуни ахлоқӣ ва маънавиро ба вуҷуд меоварад. Аксарияти муносибатҳое, ки дар никоҳ ба вуҷуд меоянд, аз ҷониби қонун танзим карда намешаванд. Ба баррасии мафҳуми никоҳ дар робита бо низоми ҳуқуқӣ бояд қайд намуд, ки никоҳ факти ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ ва институти ҳуқуқи оилавӣ мебошад [58, с. 35].

Омӯзишу таҳлили адабиёти соҳавии ҳуқуқи оилавӣ нишон медиҳад, ки олимон оид ба мафҳуми никоҳ андешаи ягона надошта, пешниҳод менамоянд, ки мафҳуми он бояд танҳо асосҳои ҳуқуқии никоҳро дар бар гирифта бошад. Яъне онҳо ақида доранд, ки мафҳуми никоҳ бояд фарогири танҳо хусусиятҳои ҳуқуқӣ буда, хислатҳои иҷтимоии никоҳ аз мафҳуми он хориҷ карда шаванд. Гурӯҳи дигари олимон бошанд, мавқеи баръаксро ишғол намуда, ба мафҳуми никоҳ ворид намудани асосҳои маънавии онро қобили қабул мешуморанд. Мафҳуми никоҳ бояд фарогири хусусиятҳои ҳуқуқӣ ва маънавӣ (ахлоқӣ) бошад, зеро агар меъёрҳои ахлоқӣ мавҷудияти меҳру муҳаббат ва эҳтиром, эҳсоси масъулият ва ҷавобгарии ҳамсарон (издивоҷкунандагон)-ро дар бунёди оила ифода намоянд, меъёрҳои (асосҳои) ҳуқуқӣ талаботи қонунро оид

ба ташкили оила, танзими муносибатҳои никоҳ ва оила дар бар мегиранд [43, с. 142-143].

Дар баробари ин, назарияи ҳамчун факти ҳуқуқӣ баҳо додани никоҳ низ дар адабиётҳо ҷой дорад. Тавре дар адабиёт қайд мегардад: Ҳамчун факти ҳуқуқӣ никоҳ як навъ санади ҳолати шаҳрвандӣ мебошад, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба қайд гирифта шудааст, яъне иродаи зану мард барои ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқии байни онҳо дар асоси унсури шахсӣ. Ҳамчун факти ҳуқуқӣ никоҳро баъзан як навъ факти ҳуқуқӣ дар баробари амалу ҳодисаҳо ҳисоб мекунанд. Ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқӣ никоҳ муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии байни зану шавҳар мебошад, ки қонун онро танзим мекунад. Никоҳ ҳамчун институти ҳуқуқи оилавӣ (ва агар ҳуқуқи оиларо зерсоҳаи ҳуқуқи маданӣ баррасӣ кунем, пас, институти ҳуқуқи маданӣ) маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқиест, ки шароит ва тартиби бастан, бекор кардан, беэътибор донистани никоҳро танзим мекунанд [58, с. 35]. Ба ин маънӣ Г.Ф. Шершеневич қайд намудааст, ки «никоҳ ба маънои ҳуқуқӣ иттифоқи озоди мард ва зан бо мақсади ҳамзистии якҷоя мебошад, ки ба ризоияти ҳамдигарӣ асос ёфта, бо тартиби муқарраргардида ба қайд гирифта шудааст» [83, с. 263].

Бо назардошти таҳлили андешаҳои боло, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки оид ба фаҳмиши никоҳ дар адабиёт назарияҳои мухталиф ҷой дошта, ҷиҳати муайян намудани мазмуну моҳият ва мафҳуми никоҳ равишҳои мухталифи методологӣ истифода гардидаанд. Зимни таҳқиқот ба мо маълум гардид, ки дар ҳуқуқи шуравӣ нисбат ба замони муосир оид ба мафҳуми никоҳ назарияҳои зиёду мухталиф пешниҳод шудаанд. Ба андешаи мо, дар ҳуқуқи шуравӣ оид ба фаҳмиши никоҳ чунин назарияҳо мавҷуд буданд: назарияи патриархалии никоҳ; назарияи шартномавии никоҳ; назарияи сотсиалистии никоҳ; назарияи фаҳмиши никоҳ ҳамчун факти ҳуқуқӣ; назарияи фаҳмиши никоҳ ҳамчун падидаи мустақил; назарияи фаҳмиши никоҳ ҳамчун мақом; назарияи фаҳмиши

никоҳ ба маънои васеъ ва маҳдуд; назарияи фаҳмиши никоҳ ҳамчун муносибати ҳууқуқӣ ва ғ.

Ҳақ ба ҷониби М.А. Маҳмудзода мебошад, ки, ба андешаи ӯ, на танҳо дар адабиёти муосири соҳавии ҳуқуқи оилавӣ, инчунин, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ низ доир ба мафҳуми никоҳ фикру андешаи ягона ҷой надошт ва мафҳумҳои гуногуни он пешниҳод мегардиданд. Агар дар шароити муосир зери мафҳуми никоҳ иттифоқи озод ва ихтиёрӣ фаҳмида шавад, пас, дар аҳди қадим зери мафҳуми никоҳ одатан аҳди иқтисодӣ ё созишнома фаҳмида мешуд [43, с. 142]. Номбурда зимни таҳқиқи масъалаи никоҳ хулосабарорӣ намуда, никоҳро чунин таъриф додааст: никоҳ гуфта, иттифоқи ихтиёрӣ, озод, баробарҳуқуқ ва чун қоида умрбоди зану шавҳарро меноманд, ки ба меҳру муҳаббат ва эҳтироми байниҳамдигарӣ асос ёфтааст ва мақсади ташкили оила, тавлиди фарзанд, таълим ва тарбияи ӯро дошта, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва бо риояи шартҳои пешбинигардида дар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешавад ва дар натиҷа миёни аъзои оила умумияти маънавию хоҷагӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафайнро ба миён оварда, таҳти ҳимояи давлат қарор дорад [43, с. 145].

Аз мафҳуми додашуда бармеояд, ки номбурда баъзе нишонаҳо ва мақсадҳои оиларо дар мафҳуми никоҳ ҷой кардааст. Бо ин назардошт, метавон гуфт, ки мафҳуми мазкур ба маънои васеъ пешниҳод шудааст. Дар маънои маҳдуд, ба андешаи мо, никоҳ иттифоқи байни марду зани баробарҳуқуқ ва озод мебошад, ки бо мақсади ташкили оила бунёд ёфта, пас аз қайди давлатӣ байни ҳамсарон ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафайнро ба вуҷуд меоварад.

Ба андешаи Ю.Н. Стражевич, «муҳимтарин меъёри расмии никоҳ, ки онро аз дигар фактҳои ҳуқуқии ҳуқуқи оилавӣ ва маданӣ фарқ мекунад, факти бақайдгирии давлатӣ мебошад. Дар ин маврид никоҳ, пеш аз ҳама, аз муносибатҳои воқеии ақди никоҳ фарқ мекунад, ки боиси

оқибатҳои пешбининамудаи қонунгузории оилавӣ ва дигар қонунҳо нисбати зану шавҳаре, ки ақди никоҳи онҳо ба қайд гирифта шудааст, намегардад» [135, с. 50]. Аз ин ҷост, ки пас аз Инқилоби Октябр санадҳои ҳуқуқии қабулшуда шакли динии бастани никоҳро беэътибор дониста, шакли давлатии бақайдгирии онро муқаррар карданд. Бо ин назардошт, қонунгузории давраи шуравӣ ҳамчун яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи оила эътирофи танҳо ақди никоҳи дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ басташударо муқаррар кардааст. Бояд тазаккур дод, ки дар қонунгузории ҳозира чунин шакли никоҳ тамоман вуҷуд надорад. Дар адабиёт бамаврид қайд гардидааст, ки «қонун никоҳи ба қайд гирифтанашударо эътироф намекунад ва якҷоя зистани зану мард, аз ҷумла, онҳоеро, ки хонаводаи муштарак доранд, никоҳ намешуморад, гарчанде дар амал одамон ба муносибатҳои воқеии никоҳ назар ба никоҳи дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайд гирифта шуда аҳаммияти камтар медиҳанд, ки никоҳ боиси оқибатҳои дахлдори ҳуқуқӣ намегардад. Инро амалияи судӣ низ тасдиқ мекунад» [58, с. 36].

Никоҳ дорои як қатор нишонаҳои ҳуқуқӣ мебошад:

а) никоҳ иттифоқи ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқи зану шавҳар аст, ки дар асоси ризоияти тарафайн сурат гирифта, ҳеҷ кас тарафҳоро барои бастани ақди никоҳ маҷбур карда наметавонад. Дар ҳолати маҷбур намудани шахс барои бастани ақди никоҳ шахсони гунаҳкор мутобиқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд;

б) никоҳ иттифоқи озод ва чун қоида умрбоди зану шавҳар аст. Издивоҷкунандагон дар интихоби ҳамсар озод буда, иродаи худро дар асоси меҳру муҳаббат ва эҳтироми ҳамдигар иброз менамоянд, ки хислати умрбодӣ дошта, мақсади асосии онро тавлид ва тарбияи фарзанд ташкил медиҳад;

в) он бо тартиби муқарраринамудаи қонунгузории оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо риояи тамоми шартҳои бастани никоҳ аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайди давлатӣ гирифта

шуда, аз лаҳзаи қайди давлатӣ нисбат ба тарафҳо ҳуқуқу ухдадориҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии баробарро ба вуҷуд меорад;

г) никоҳ аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифта шудан таҳти ҳимояи давлатӣ қарор гирифта, устувории он бо қонунгузории амалкунанда таъмин мегардад ва аз дахолати беруна ҳифз карда мешавад;

д) мақсади никоҳро тавлид, тарбияи фарзанд ва барпо намудани оила ташкил медиҳад. Дар ҳолати акс чунин иттифоқ қалбакӣ эътироф гардида, байни тарафҳо ҳеҷ гуна ҳуқуқу ухдадориҳои умумиро ба вуҷуд намеорад [43, с. 145-146]. Нишонаи ҳуқуқии мазкур, ки аз ҷониби профессор М.А. Маҳмудзода пешниҳод шудааст, ба давраи муосир ва давраи ҳуқуқи шуравӣ рост меояд.

Маврид ба зикр аст, ки дар баробари муайян кардани мафҳум ва нишонаҳои ҳуқуқии никоҳ он дорои як қатор шартҳо мебошад, ки мавҷудияти онҳо дар қонунгузории имрӯза сарчашмаи худро ҳанӯз аз давраҳои қадим мегиранд. Махсусан, дар ҳуқуқи шуравӣ шартҳои никоҳ дар қонунгузорӣ муқаррар гардида, хусусияти ҳуқуқӣ ва ҳатмӣ пайдо намудаанд. Аммо дар назарияи ҳуқуқи оилавии шуравӣ шартҳои никоҳ мухталиф пешниҳод шудаанд. Эҳтимол чунин ҳолат аз он вобаста мебошад, ки ҳуқуқи шуравӣ якчанд марҳилаҳои тағйироти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию ҳуқуқиро аз сар гузарондааст.

Дар баъзе адабиёт қайд мегардад, ки «қонунгузории давраи шуравӣ бидуни муайян кардани мафҳуми никоҳ шартҳоеро муқаррар мекунад, ки ҳангоми бақайдгирии ақди никоҳ бояд риоя шаванд (аз ҷумла шартҳои маҳдудкунанда) ва вайрон кардани ин шартҳо боиси беэътибор донистани никоҳ мегардад. Шартҳои никоҳ инҳоро дар бар мегиранд:

1) розигии ихтиёрии тарафайни шахсоне, ки никоҳ мекунанд;

2) синни никоҳӣ;

3) манъ будани никоҳи якҷинс;

4) манъ будани никоҳи бисёрзанӣ;

5) роҳ надодани никоҳ байни хешовандони наздик, инчунин, фарзандхондагон ва фарзандони фарзандхондшуда;

6) роҳ надодан ба никоҳи шахсони ғайри қобили амал;

7) бунёди оила ҳамчун ҳадафи асосии никоҳ» [58, с. 40].

Аз шартҳои мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки онҳо қисман аз шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории оилавии имрӯзаи мо фарқ мекунанд. Ба он хотир қисман, ки он аз рӯйи шумора зиёд буда, ҳамзамон баъзе тағйиротҳои иловагиро доро мебошад. Дар қонунгузории оилавии мо бошад, чунин шартҳо танҳо се номгӯ муқаррар шудаанд, вале дар мазмуни шарти сеюми он баъзе аз шартҳои зикршуда дохил мешаванд. Барои равшан кардани мазмуну моҳияти шартҳои мазкур онҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

**Розигии ихтиёрии тарафайни шахсоне, ки никоҳ мекунанд**. Розигии бошууронаи ихтиёрии тарафайни шахсони никоҳшаванда бояд дар ду ҳолат сурат гирад: якум, ҳангоми муроҷиат кардан дар бораи қайди никоҳ; дуюм, ҳангоми бақайдгирии никоҳ (дар сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ). Иродаи ботинии никоҳшавандагон бояд ба иродаи берунаи онҳо мувофиқат кунад. Он бояд шахсан ва озодона, бидуни ҳеҷ гуна маҷбурӣ (таҳдид, зӯроварӣ, ҳам ҷисмонӣ ва ҳам руҳӣ, на танҳо аз ҷониби шахсони никоҳшаванда, балки аз ҷониби шахсони дигар) ифода карда шавад.

**Синну соли никоҳӣ.** Синну соли никоҳӣ барои муайян кардани имконияти никоҳ муҳим аст, бо назардошти он ки дар кишварҳои гуногун ва давраҳои гуногуни таърихӣ ин синну сол ба ҳам мувофиқат намекунанд. «Аксар вақт синну соли никоҳ барои мардон ва занон гуногун буд. Масалан, дар банди 66-и Кодекси қонунҳо дар бораи ҳолати шаҳрвандӣ, никоҳ, оила ва васоят аз соли 1918 синни никоҳӣ барои зан 16 ва барои мард 18 солагӣ муқаррар карда шудааст» [58, с. 40].

Бояд тазаккур дод, ки пеш аз инқилоби соли 1917 қонунгузории дунявӣ дар Россияи подшоҳӣ синни никоҳро барои занон 16 ва барои

мардон 18 сол муқаррар карда буд, дар ҳоле ки синни маъмули никоҳӣ мутаносибан 13 ва 15 солагиро дар бар мегирифт. Дар ибтидои асри 18, дар замони Пётри I синни никоҳӣ барои писарон аз 20 солагӣ ва барои духтарон аз 18 солагӣ муқаррар гардид. Баъдан Кодекси қонунҳои соли 1926 дар бораи никоҳ, оила ва васоят синни умумии никоҳро аз 18 солагӣ пешбинӣ кард.

**Роҳ надодан ба никоҳи якҷинса.** Дар адабиёти илмӣ роҳҳои гуногуни ҳалли мушкилоте, ки ҳангоми иваз кардани ҷинс дар вақти бастани никоҳ ба миён меоянд, пешниҳод шудааст: «бо сабабҳои имконнопазирии нигоҳ доштани оила қатъ намудани никоҳ; нигоҳ доштани никоҳ; ворид намудани тағйирот ба қонуни оила дар бораи ба иттиҳоди дигар табдил додани никоҳ байни шахсони ҳамҷинс, ки хонаводаи умумиро пеш мебаранд, фарзандони умумиро тарбия мекунанд, вале нақши зану шавҳарро нисбат ба ҳамдигар иҷро намекунанд» [116, с. 235].

Ба андешаи мо, дар қонунгузории оилавии имрӯзаи ҷумҳурӣ ворид намудани чунин муқаррарот оид ба асоси қатъ (беэътибор) гардидани никоҳ донистани иваз кардани ҷинс ва ё бастани никоҳ байни шахсони ҳамҷинс ба фарҳангу тамаддуни халқи тоҷик хос мебошад. Айни замон дар қонунгузорӣ барои никоҳи шахсони ҳамҷинс ва ё шахсоне, ки пас аз никоҳ ҷинси худро иваз мекунанд, ҳеҷ гуна маҳдудият вуҷуд надорад. «Қонунгузории баъзе кишварҳо никоҳи шахсонеро, ки ҷарроҳии ивази ҷинс кардаанд (масалан, дар Британияи Кабир), мустақиман манъ мекунад» [58, с. 48].

**Роҳ надодан ба никоҳи бисёрзанӣ.** Анъанаҳо, қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи қонунгузорӣ ба никоҳи бисёрзанӣ иҷозат намедоданд. Кодекси қонунҳо дар бораи санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ, дар бораи никоҳ, оила ва васояту парасторӣ аз соли 1918 манъи никоҳи дубораи шахсони никоҳдоштаро, ки эътибори бақайдгирифтаро доранд, муқаррар кардааст. Пеш аз инқилоби соли 1917 «дузанагӣ ва душавҳарӣ

на танҳо никоҳи дуюмро беэътибор мегардонд», балки ба никоҳи аввал ҳам таъсир мерасонд.

**Роҳ надодан ба никоҳи байни хешовандони наздик, инчунин фарзандхондагон ва фарзандони фарзандхондшуда.** Манъи никоҳ байни фарзандхондагон ва фарзандони фарзандхондшуда, пеш аз ҳама, бо назардошти ахлоқ вобаста буд, зеро муносибатҳои ҳуқуқии байни ин шахсон аз ҷиҳати ҳуқуқ ба муносибатҳои миёни падару модар ва фарзандон баробар карда мешаванд. Бояд гуфт, ки кӯдаки фарзандхондшуда наметавонист, ки бо хешовандони биологии худ (волидони биологӣ, бибию бобоҳо, хоҳарон ва бародарон) никоҳ бандад.

**Роҳ надодан ба никоҳи шахсони ғайри қобили амал.** Манъи бастани никоҳ барои шахсони ғайри қобили амал ба далелҳои тиббӣ ва ба имконнопазирии додани розигии ғайри қобили амал аз ҷониби шахси ғайри қобили амал ба никоҳ вобаста аст ва боиси риоя нашудани принсипи ихтиёрии ақди никоҳ мегардад.

**Бунёди оила ҳамчун ҳадафи асосии никоҳ.** Никоҳ бояд ба мақсади муайяни муқарраршуда баста шавад ва пайгири мақсадҳои бунёди оила бошад. Никоҳҳое, ки хилофи мақсади он баста мешаванд, эътибори қонунӣ надоранд. Асосан, чун анъана никоҳ бо мақсади ҳамзистии доимӣ бо меҳру муҳаббати тарафайн ва бо мақсади тарбияи фарзандон баста мешавад. Аз ин ҷост, ки пас аз Инқилоби Октябр никоҳҳое, ки ҳамчун ҳамзистии муваққатӣ баста шуда, моҳияти никоҳро ифода намекарданд, аз ҷумла, ба қайди давлатӣ гирифта намешуданд, қувваи худро гум карданд, зеро онҳо ба мақсади асосии никоҳ ва бунёди оила мувофиқ набуданд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи асосҳои назариявӣ-методологии институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Омӯзиши таърихи ҳуқуқи никоҳ ҳамеша таваҷҷуҳи зиёди муҳҳаққиқони соҳаро ба вуҷуд овардааст. Мустаҳкамшавии махсуси

муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ба рушди давраи шуравӣ рост меояд, ки дар ин давра оила ва никоҳ дар ҷойи аввал меистоданд ва яке аз ячейкаҳои асосии ҷомеа буд, ки ба манфиати он бисёр мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, давлат баромад мекард. Бо назардошти ин, таҳқиқи асосҳои назариявию методологии институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ муҳим буда, барои мукаммалгардонии қонунгузорӣ ва инкишофи муносибатҳо оид ба оила ва никоҳ дар замони муосир мусоидат менамояд.

2. Бо назардошти таҳлили андешаҳои боло, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки оид ба фаҳмиши никоҳ дар ададбиёт назарияҳои мухталиф ҷой дошта, ҷиҳати муайян намудани мазмуну моҳият ва мафҳуми никоҳ равишҳои мухталифи методологӣ истифода гардидаанд. Зимни таҳқиқот ба мо маълум гардид, ки дар ҳуқуқи шуравӣ нисбат ба замони муосир оид ба мафҳуми никоҳ назарияҳои зиёду мухталиф пешниҳод шудаанд.

3. Бо назардошти таҳлили андешаҳо оид ба мафҳуми никоҳ, метавон онро ба маънои васеъ ва маҳдуд пешниҳод намуд. Ба маънои маҳдуд, ба андешаи мо, никоҳ иттифоқи байни марду зани баробарҳуқуқ ва озод мебошад, ки бо мақсади ташкили оила бунёд ёфта, пас аз қайди давлатӣ байни ҳамсарон ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафайнро ба вуҷуд меорад. Дар маънои васеъ бошад, онро иборат аз нишонаҳои васеъ чунин аст: никоҳ гуфта, иттифоқи ихтиёрӣ, озод, баробарҳуқуқ ва чун қоида умрбоди зану шавҳарро меноманд, ки ба меҳру муҳаббат ва эҳтироми байниҳамдигарӣ асос ёфтааст ва мақсади ташкили оила, тавлиди фарзанд, таълим ва тарбияи ӯро дошта, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва бо риояи шартҳои пешбинигардида дар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешавад ва дар натиҷа миёни аъзои оила умумияти маънавию хоҷагӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафайнро ба миён оварда, таҳти ҳимояи давлат қарор дорад.

4. Дар баробари муайян кардани мафҳум ва нишонаҳои ҳуқуқии никоҳ он дорои як қатор шартҳо мебошад, ки мавҷудияти онҳо дар қонунгузории имрӯза сарчашмаи худро ҳанӯз аз давраҳои қадим мегирад. Махсусан, дар ҳуқуқи шуравӣ шартҳои никоҳ дар қонунгузорӣ муқаррар гардида, хусусияти ҳуқуқӣ ва ҳатмӣ пайдо намудаанд. Аммо дар назарияи ҳуқуқи оилавии шуравӣ шартҳои никоҳ мухталиф пешниҳод шудаанд. Эҳтимол чунин ҳолат аз он вобаста мебошад, ки ҳуқуқи шуравӣ якчанд марҳилаҳои тағйироти сиёсию, иқтисодӣ ва иҷтимоию ҳуқуқиро аз сар гузаронидааст.

5. Шартҳои никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ аз инҳо иборат буданд: розигии ихтиёрии тарафайни шахсоне, ки никоҳ мекунанд; синни никоҳӣ; манъ будани никоҳи якҷинс; манъ будани никоҳи бисёрзанӣ; роҳ надодани никоҳ байни хешовандони наздик, инчунин, фарзандхондагон ва фарзандони фарзандхондшуда; роҳ надодан ба никоҳи шахсони ғайри қобили амал; бунёди оила ҳамчун ҳадафи асосии никоҳ. Аз шартҳои мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки онҳо қисман аз шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории оилавии имрӯзаи мо фарқ мекунанд. Ба он хотир қисман, ки он аз рӯйи шумора зиёд буда, ҳамзамон баъзе тағйиротҳои иловагиро доро мебошад. Дар қонунгузории оилавии мо бошад, чунин шартҳо танҳо се номгӯ муқаррар шудаанд, вале дар мазмуни шарти сеюми он баъзе аз шартҳои зикршуда дохил мешаванд.

6. Ба андешаи мо, дар қонунгузории оилавии имрӯзаи ҷумҳурӣ ворид намудани чунин муқаррарот оид ба асоси қатъ (беэътибор) гардидани никоҳ донистани иваз кардани ҷинс ва ё бастани никоҳ байни шахсони ҳамҷинс ба фарҳангу тамаддуни халқи тоҷик хос мебошад. Айни замон дар қонунгузорӣ барои никоҳи шахсони ҳамҷинс ва ё шахсоне, ки пас аз никоҳ ҷинси худро иваз мекунанд, ҳеҷ гуна маҳдудият вуҷуд надорад.

## 1.2. Анъанаҳои таърихии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ

Институти никоҳ яке аз институтҳои ҳуқуқӣ ва таърихӣ ба ҳисоб рафта, дар фарҳангу тамаддунҳои башарӣ бо махсусиятҳои хос ташаккул ёфта, то ба имрӯз омада расидааст. Ҳарчанд дар ҳуқуқи шуравӣ институти оила ва никоҳ дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мақоми расмӣ пайдо намуда бошад ҳам, вале ин падидаи ҳуқуқӣ аз низомҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ маншаъ мегирад. Дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ институти оила ҳанӯз аз давраи амали низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии зардуштӣ, мусулмонӣ ва шуравӣ инкишоф ёфта, ба тариқи меросият ба низоми ҳуқуқи муосири Тоҷикистон гузариш намудааст. Дар ин хусус профессор У.А. Азиззода дуруст қайд намудааст, ки «бештари меъёрҳо ва институтҳои ҳуқуқи зардуштӣ таърихан ва мувофиқ ба талаботи меросият аз як низоми давлатдорию ҳуқуқӣ ба дигараш гузашта, қисме аз онҳо то кунун дар ҳаёти воқеӣ ва одату анъанаҳои ҳаррӯзаи тоҷикон амал менамоянд. Ҳатто пас аз паҳнгардии дини ислом дар қаламрави Осиёи Миёна ва Тоҷикистон бештари меъёрҳо ва муқаррароти зардуштӣ, амали худро дар ҷомеа нигоҳ доштанд ва то имрӯз як қатор аломатҳои он дар ҳаёту рӯзгори халқи тоҷик дида мешаванд» [87, с. 44]. Аз ҷумла, меъёрҳои оила, никоҳ, шартҳои никоҳ, вазъи ҳуқуқии кӯдакон, занон ва ғайра. Маврид ба зикр аст, ки аз замони амали ҳуқуқи зардуштӣ то давраи шуравӣ ва замони муосир ба таври меросият гузариш намудани меъёрҳо оид ба оила ва никоҳ, бешубҳа, аз ҳуқуқи мусулмонӣ низ гузариш кардаанд. Ба андешаи профессор У.А. Азиззода, омӯзиши низоми ҳуқуқи мусулмонӣ ниҳоят мубрам ба ҳисоб меравад, зеро он дар умқи шуур ва ахлоқи мардуми мо таърихан ҷой гирифтааст [8, с. 88].

Андешаҳои мазкур ифодакунандаи он мебошанд, ки меъёрҳои ҳуқуқии зардуштӣ ва мусулмонӣ ба ташаккули арзишҳо, меъёрҳо ва анъанаҳои ҳуқуқии шуравӣ таъсири калон расонида, мавҷудияти худро то замони муосир аз даст нанодаанд. Бо ин назардошт, метавон гуфт, ки

аксари меъёрҳои ҳуқуқи шуравӣ оид ба никоҳ дар заминаи муносибат ва анъанаҳои низоми ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ ташаккул ёфта, дар низоми ҳуқуқи шуравӣ мукаммал ва дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам гардида, бисёре аз онҳо то ба низоми муосири ҳуқуқи Тоҷикистон омада расидаанд. Бинобар ин, таҳлил ва омӯзиши онҳо барои назария ва амалияи муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба никоҳ аҳаммияти калон дорад.

Меъёрҳои зиёдеро ном бурдан мумкин аст, ки дар ташаккули анъанаҳои ҳуқуқии шуравӣ аз меъёрҳои зардуштию мусулмонӣ таъсир дидаанд. Аз ҷумла, дар ҳуқуқи зардуштӣ меъёрҳо оид ба ҳуқуқи ҳаёти хушбахтона, ҳуқуқ ба озодии никоҳ ва ғайра мавҷуд буданд, ки дар асоси сарчашмаҳои расмӣ, аз ҷумла, Авесто пешбинӣ гардидаанд [108, с. 31-32]. Оид ба масъалаи мазкур аз нигоҳи меъёрҳои мусулмонӣ бошад, профессор А.Ғ. Холиқзода дуруст қайд менамояд, ки таърихи ҳазорсолаи халқи тоҷик бо меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ зич алоқаманд буд ва таълимоту фарҳанги исломӣ то солҳои 20-уми асри XX устувор амал менамуданд ва мардум дар шароити амали меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ зиндагӣ мекарданд [72, с. 3]. Ба андешаи Ҷ. Саъдизода бошад, аз замони паҳншавии ҳуқуқи мусулмонӣ сар карда, то ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Россия ва ҳатто баъд аз он низ ҳуқуқи мусулмонӣ танзимгари асосии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб мерафт [132, с. 38]. Аз андешаҳои мазкур чунин хулоса бармеояд, ки на танҳо дар ташаккули анъанаҳои ҳуқуқии шуравӣ, балки ҳуқуқи муосири Тоҷикистон низ меъёрҳои ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ таъсири калон расонида, бисёре аз арзишҳои ҳуқуқиро аз худ боқӣ мондаанд. Аз ҷумла, ҳуқуқ ба озодии никоҳ, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии шуравӣ ва м. 33-и Конститутсияи ҶТ муқаррар шудааст, ҳамчун анъанаи ҳуқуқӣ аз замони амали ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ омада расидаанд.

Барои дақиқ ва равшан намудани ташаккули анъанаҳои ҳуқуқии шуравӣ, ки заминаи ҳуқуқии худро аз ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ

мегирад, таҳлили баъзе ҷанбаҳои масъалаҳои никоҳро дар алоҳидагӣ мувофиқи мақсад мешуморем.

**Шартҳои бастани никоҳ.** Дар муносибатҳои оилавӣ ва никоҳ ҷузъи асосиро шартҳои бастани никоҳ ташкил медиҳанд, ки имрӯз дар қонунгузории оилавии ҳама кишварҳои ҷаҳон ба назар мерасанд. Дар ҳуқуқи шуравӣ низ масъалаи мазкур дар назарияи ҳуқуқи оилавӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда пешбинӣ гардида буд. «Бастани никоҳ шарту талаботи ба худ хос дошта, ҳар як нафари никоҳшаванда вазифадор аст, ки ин шарту талаботҳоро риоя кунад, чунки дар сурати акс никоҳ ягон эътибори ҳуқуқӣ пайдо намекард ва муносибатҳои оилавиро низ ба вуҷуд намеовард» [141, с. 114]. Шартҳои бастани никоҳ дар ҳуқуқи зардуштӣ чунин буданд: расидан ба синну соли никоҳӣ, розигии тарафҳо, дар оини зардуштия будан ва вуҷуд доштани шоҳид мебошад. Дар ҳуқуқи мусулмонӣ бошад, шартҳои бастани никоҳ аз инҳо иборат буданд: мавҷудияти «эҷоб» ва «қабул»; ба синни никоҳ расидан; пардохти маҳр; набудани монеаҳо барои ақди никоҳ; риояи қатъии маросими никоҳ [43, с. 21-22]. Ҳуқуқи шуравӣ шартҳои никоҳро дар шакли дигар ва ба таври васеъ муқаррар карда буд: «розигии ихтиёрии шахсоне, ки никоҳ мекунанд; синни никоҳӣ; манъ будани никоҳи якҷинс; манъ будани никоҳи бисёрзанӣ; роҳ надодани никоҳ байни хешовандони наздик, инчунин фарзандхондагон ва фарзандони фарзандхондшудагон; роҳ надодан ба никоҳи шахсони ғайри қобили амал; бунёди оила ҳамчун ҳадафи асосии никоҳ» [58, с. 40].

Аз андешаҳои боло бармеояд, ки онҳо ҳарчанд қисман ва аз рӯйи мазмун ба ҳамдигар наздикӣ дошта бошанд ҳам, вале аз рӯйи талабот ва шумора шартҳои никоҳ дар ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ ва шуравӣ фарқ мекунанд. Масалан, шарти розигии тарафҳои никоҳкунанда дар ҳар се гурӯҳи шартҳо ба назар мерасад. Ин метавонад маънои онро дошта бошад, ки мавҷудияти шарти мазкури никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ аз ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ маншаъ мегирад. Дар баробари ин, баъзе

шартҳои дигар хоси танҳо ҳамон низоми ҳуқуқӣ буда, ба ҳамдигар гузариш накардаанд. Масалан, шарти тобеият ба ойини зардуштӣ танҳо хоси ҳуқуқи зардуштӣ буда, дар ҳуқуқи мусулмонӣ ва шуравӣ вуҷуд надорад. Баръакс, шарти додани маҳр танҳо хоси ҳуқуқи мусулмонӣ буда, дар ҳуқуқи зардуштӣ ва шуравӣ ба назар намерасад. Сабаб дар он аст, ки шартҳои мазкур хусусиятӣ динӣ дошта, дар замони амали низоми ҳуқуқи шуравӣ расман аз байн рафтанд, вале ҳамчун анъана баъзе онҳо то кунун дар шакли ғайрирасмӣ вуҷуд доранд. Маврид ба зикр аст, ки бисёре аз шартҳои мазкур мушаххас гардонида шуда, дар қонунгузории амалкунандаи оилавии кишвар муқаррар карда шудаанд. Айни замон муҳимтарин шартҳои никоҳ розигии никоҳшавандагон, расидан ба синни никоҳӣ ва мавҷуд набудани монеаҳо дар акди никоҳ ба ҳисоб мераванд.

**Озодона бастани акди никоҳ ва розигии никоҳшавандагон** яке аз шартҳои муҳимми бастани никоҳ маҳсуб ёфта, дар ҳуқуқи шуравӣ дар бисёре аз санадҳои ҳуқуқӣ муқаррар гардида буд. Аз ҷумла, дар Кодекси ҶФШСР аз соли 1918, Кодекси никоҳ ва оилаи соли 1926, Кодекси никоҳ ва оилаи соли 1970 ва ғайра. Маврид ба зикр аст, ки, асосан, дар шумори шартҳои никоҳ озодона бастани никоҳ ҷой надорад, вале он ба шарти розигии тарафҳо робитаи зич дошта, аз ин рӯ, таҳлилро талаб мекунад. Ҳамзамон, анъанаҳои таърихӣ якҷоя истифода кардани онҳоро ифода менамоянд. Масалан, ба андешаи М.А. Маҳмудзода, «дар солҳои пешазинқилобӣ ҳарчанд яке аз шартҳои никоҳ мавҷудияти «эҷоб» ва «қабул» ба ҳисоб мерафт, вале ин шарт танҳо дар қоғаз монда, дар амал никоҳшавандагонро падару модар ё хешовандони онҳо намояндагӣ мекарданд» [43, с. 21]. Бояд гуфт, ки мавҷудияти шарти мазкур дар ҳуқуқи шуравӣ сарчашмаи худро аз ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ мегирифт. Масалан, ба андешаи Б.А. Одинаев, «интихоби ҳамсар дар зардуштия ба марду зан вогузор буд. Онҳо дар интихоби ҳамсар озод буда, тибқи дастуроти ин таълимот бояд интихоби оқилона дошта

бошанд. Номбурда ҳамчун далел илова менамояд, ки вақте Паручиста духтари Зардушт мехост ҳамсаре барои худ интихоб кунад, падараш Зардушт ба ӯ чунин гуфт: «Ту дар интихоби ҳамсар озод ҳастӣ. Бо хоҳиши худ он нафареро ба ҳамсарӣ интихоб кун, ки хиради ту, туро ба он фармон диҳад»» [126, с. 216]. Дар Авесто низ қайд гардидааст, ки никоҳҳое, ки бе ризоияти тарафайн баста мешуданд, ҳамчун гуноҳи бузург дониста мешуданд [7, с. 120]. Ба андешаи Н.Ф. Сафарзода, меъёрҳои ҳуқуқи зардуштӣ озодӣ ва ризоияти занро ҳангоми бастани никоҳ эътироф мекарданд [131, с. 22]. Бояд тазаккур дод, ки шарти мазкури никоҳ дар ҳуқуқи мусулмонӣ низ мавҷуд буда, бо меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ташаккул ёфтааст. Оид ба масъалаи мазкур Ф.А. Бобохонов қайд намудааст, ки дар ҳуқуқи мусулмонӣ яке аз ҳуқуқҳои асосии зан озодона бастани ақди никоҳ маҳсуб меёбад. Дар ин хусус дар фиқҳ сухан меравад, ки писару духтар ҳангоми ба синни рушду балоғат расидан ҳуқуқи интихоби ҳамсарро комилан соҳиб мегарданд ва барои валӣ танҳо нақши роҳнамоӣ ва насиҳат боқӣ мемонад, на ҳаққи тасмимгирӣ [149, с. 53].

**Расидан ба синни никоҳӣ.** Дар таърихи ҳуқуқ яке аз баҳсбарангезтарин шартҳои никоҳ расидан ба синни никоҳӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳар як низоми ҳуқуқии миллӣ шарти мазкур тағйироти муайянро соҳиб гардида, марҳила ба марҳила ташаккул ёфтааст. Эҳтимол сабаби номувофиқ ва гуногун будани синни никоҳӣ аз он хотир аст, ки ин масъала аз нигоҳи илмҳои гуногун (ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ, фалсафа, ҳуқуқшиносӣ ва ғ.) баҳо дода мешавад. Азбаски шариат синни никоҳиро муайян накарда буд, аз ин хотир, оид ба масъалаи мазкур дар адабиёт баҳсҳои мухталиф мавҷуданд. Гурӯҳи якуми олимон исбот менамоянд, ки синни никоҳ барои писарон 12 ва барои духтарон 9-солагӣ муқаррар шудааст. Гурӯҳи дуюм 10 сол барои писарон ва 7 сол барои духтарон, гурӯҳи сеюм бошад, аз 15 то 20 сол барои писарон ва аз 12-13-солагӣ барои духтаронро дуруст мешуморанд

[32, с. 75]. Октябри соли 1887 табибони рус Н.Н. Гундиус, А.В. Пославская ва Е.Н. Манделштам ба генерал-губернатори Туркистон дар бораи зарурати ҳалли масъалаи синну соли никоҳ арзнома навиштаанд, ки дар он зарари никоҳи барвақтӣ ба инкишофи ҷисмонии духтарон зикр гардида буд. Лекин баррасии масъала аз тарафи амалдорони онвақта ба ҳар баҳона ба таъхир гузошта шуда, ҳалли худро наёфт, ки ин маънои шикасти ақидаи пешрафтаро дошт. Танҳо соли 1909 дар анҷумани қонуншиносони маҳаллӣ ва намояндагони маъмурияти рус синни никоҳ барои писарон аз 12-солагӣ ва барои духтарон аз 9-солагӣ муқаррар гардид, ки ин низ амалан риоя намегардид [43, с. 22].

Бояд зикр намуд, ки номувофиқ ва гуногун будани синни никоҳӣ дар ҳуқуқи зардуштӣ низ ба назар мерасид. Масъалаи синну соли никоҳӣ яке аз мушкилоти асосӣ ва муҳим дар бастани ақди никоҳ ба ҳисоб меравад. Он дар ҳама давру замон диққати руҳониёну давлатдоронро ба худ ҷалб намудааст. Метавон гуфт, ки он то замони мо ҳамчун масъалаи баҳснок боқӣ мондааст ва донишмандони гуногуни соҳавӣ дар атрофи он таҳқиқот бурда истодаанд [141, с. 114]. Масалан, ба андешаи А.Х. Аминҷонов, «яке аз сабабҳои гуногун муқаррар шудани синну соли никоҳӣ дар қонунгузориҳои давлатҳои имрӯза низ мавҷуд набудани андешаи ягонаи донишмандон мебошад. Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар бораи синну соли никоҳ меъёри ягона мавҷуд набуда, синну соли мухталиф барои бастани ақди никоҳ нишон дода шудааст. Дар ҳар давру замон синну солеро барои бастани ақди никоҳ интихоб менамуданд, ки ба талаботҳои биологӣ, физиологӣ, психологӣ ва ҳуқуқии инсон ҷавобгӯ бошад» [89, с. 305]. Дар дигар сарчашмаҳо қайд гардидааст, ки зардуштиён, одатан пас аз бастани миёнбанди муқаддас никоҳ мебастанд. Маросими бастани миёнбанди муқаддас дар синни 15-солагӣ гузаронида мешуд. Авесто ҳамчун китоби муқаддаси зардуштиён дар муайянкунии синну соли никоҳ (15-солагӣ) нақши муҳим бозидааст. Иловатан Б.А. Одинаев синну соли никоҳӣ ва ба балоғат расиданро дар

ҳуқуқи зардуштӣ аз15-солагӣ медонад [1412, с. 114]. Дар дигар адабиёт синни никоҳӣ дар ҳуқуқӣ зардуштӣ «аз 13-солагӣ боло барои духтарон ва аз 14-солагӣ боло барои писарон қайд гардидааст» [111, с. 108].

Ҳамин тавр, дар ҳуқуқи мусулмонӣ ва зардуштӣ синну соли ягона ва умумиэътирофшуда барои бастани никоҳ вуҷуд надошта, он аз 13, 14 ва 15-солагӣ муқаррар шудааст. Аз сабаби он ки Авесто яке аз ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию динии низоми ҳуқуқи зардуштӣ ба ҳисоб мерафт ва он синни никоҳиро аз 15-солагӣ муқаррар кардааст, метавон гуфт, ки ҳамин синну сол нисбатан бештар мавриди амал қарор гирифтааст. Дар ҳуқуқи мусулмонӣ бошад, новобаста аз муқарраротҳои ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, синну соли никоҳ барои духтарон аз 9-солагӣ ва барои писарон аз 12-солагӣ тибқи сарчашмаҳои динии ҳуқуқи мусулмонӣ муқаррар шуда буд. Ҳамзамон, лозим ба ёдоварист, ки сабаби ниҳоят паст будани синну соли никоҳӣ дар ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ дар он ифода мегардад, ки онҳо таълимотҳои динӣ маҳсуб мешуданд ва тибқи онҳо шахс маҳз аз ҳамон синну сол ақлу фаҳмиш пайдо намуда, ҳаракатҳои худро дарк менамуд ва дар кирдорҳои содирнамудааш гунаҳкор ҳисобида мешуд.

Дар ҳуқуқи шуравӣ бошад, ҳамчун анъанаи ҳуқуқии зардуштӣ ва мусулмонӣ гуногунии синну соли никоҳӣ то як марҳилаи муайян ҷой дошта, баъдан бо қонунгузории оилавӣ он ягона карда шуд. Новобаста аз он ки дар солҳои аввали пасазинқилобӣ бо қонунгузории оила ва никоҳ бастани ақди никоҳ барои мардон аз 18-солагӣ ва барои занон аз 16-солагӣ муқаррар шуда буд, вале он дар амал татбиқ намегардид, зеро меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ба таври ғайрирасмӣ ва анъанавӣ дар байни мардум амал мекарданд. Кодекси қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васояту парасторӣ дар соли 1926 синни никоҳиро барои мардон ва занон аз 18-солагӣ муқаррар карда буд. Бояд гуфт, ки бо ин ҳанӯз синни никоҳӣ на дар амал ва на дар қонунгузорӣ ягона нашуда буд, зеро Эъломия «Дар бораи озодии занон» ва Эъломия «Дар бораи ҳуқуқи занони коргари

ҶМШС Тоҷикистон ва мубориза ба ғуломсозии онҳо» синни никоҳиро барои занон аз 16-солагӣ муқаррар мекарданд.

**Мавҷуд набудани монеаҳо дар ақди никоҳ,** шарти дигари муҳимми бастани никоҳ ба ҳисоб меравад, ки дар худ боз якчанд талаботи дигарро муттаҳид намудааст. Лозим ба ёдоварист, ки он талаботе, ки дар шарти мазкур тибқи қонунгузории оилавии амалкунандаи Тоҷикистони соҳибистиқлол муқаррар шудаанд, дар ҳуқуқи шуравӣ, мусулмонӣ ва зардуштӣ ҳамчун шарти ҷудогона баррасӣ шудаанд. Оид ба шарти мазкур мутобиқи меъёрҳои мусулмонӣ дар давраи тоинқилобӣ М.А. Маҳмудзода чунин қайд менамояд, ки «шарти дигари бастани никоҳро набудани монеаҳо барои ақди никоҳ ташкил медод, ки ба сифати он, асосан, муқаррароти динӣ, аз ҷумла, қаробати хунӣ то дараҷаи чорум, қаробати ширӣ то дараҷаи дуюм ва монанди инҳо эътироф карда мешуданд» [43, с. 22].

Дар ҳуқуқи шуравӣ монеаҳо дар ақди никоҳ – бисёрникоҳӣ, никоҳ бо хешовандони наздик, никоҳ бо фарзандхондагон ва фарзандхондшудагон, никоҳ бо шахси ғайри қобили амал, никоҳ бо шахси маҳкумшуда бо ҳукми судӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар ҳуқуқи мусулмонӣ бошад, монеаҳо дар ақди никоҳ нисбатан васеътар ва ҳамчун талабот ва ё шарти никоҳ дониста шудаанд. Аз ҷумла, роҳ надодан ба никоҳи якҷинса, никоҳи бисёрзанӣ, никоҳи байни хешовандони наздик, инчунин, фарзандхондагон ва фарзандхондшудагон, никоҳи шахсони ғайри қобили амал ва никоҳе, ки берун аз мақсади оила мебошад.

Яке аз масъалаҳое, ки дар ҳуқуқи шуравӣ ҳамчун анъанаи ҳуқуқӣ ташаккул ёфтааст, манъи бисёрникоҳӣ мебошад. Дар ҳуқуқи шуравӣ яке аз монеаҳои бастани никоҳ қарор доштан дар ақди никоҳи дигар маҳсуб меёфт. Барои бисёрзанӣ ҳатто дар қонунгузории ҷиноятии шуравӣ ҷавобгарӣ муқаррар гардида буд. Маврид ба зикр аст, мавҷудияти меъёри м. 170-и КҶ ҶТ маҳз аз ҳуқуқи шуравӣ маншаъ мегирад. Аммо анъанаи ҳуқуқии мазкур танҳо дар ҳуқуқи шуравӣ инкишоф ёфтааст, зеро

ҳуқуқи мусулмонӣ бисёрникоҳиро иҷозат медод. Тибқи баъзе андешаҳо, дар ҳуқуқи зардуштӣ ба бисёрникоҳӣ иҷозат дода намешуд [141, с. 112].

Никоҳ дар замони қадим аҳди иқтисодӣ эътироф мегардид ва тибқи он мард уҳдадор буд ҳамсари худро аз падарӣ ӯ харидорӣ намояд [43, с. 140]. Чунин анъана аз байн рафта, дар ҳуқуқи мусулмонӣ бо додани маҳр шакл иваз намуд, вале баъдан дар ҳуқуқи шуравӣ анъанаҳои ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, додани қалин, ки ҳамчун хариду фурӯши зан ҳисобида мешуд, аз байн бурда шуд ва ҳатто барои додану гирифтани қалин ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардид. «Муносибатҳои никоҳ дар аввал зери таъсири муқарраротти меъёрҳои динӣ қарор гирифта, аз тарафи он ба танзим даровarda мешуданд ва бо мафҳуми никоҳ тобиши динӣ дода мешуд, ки бо назардошти ин, никоҳ ҳамчун муносибати пурраи (ҷисмонӣ, ахлоқӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, динӣ) байни шавҳар ва ҳамсар муайян мегардид» [25, с. 5]. Масалан, дар Авесто аксаран ба танзими муносибатҳои оилавӣ, махсусан, ба масъалаҳои ақди никоҳ диққат дода шудааст [108, с. 32]. Ф.А. Бобохонов аз мавҷудияти муқаррарот дар Авесто оид ба доштани ҳуқуқу озодиҳо ҳангоми бастани ақди никоҳ, ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ва муносибатҳои молумулкии зану шавҳар изҳори андеша намудааст [149, с. 37]. Б.А. Сафарзода қайд намудааст, ки «дар Авесто ба масъалаи танзими муносибатҳои оилавӣ, аз ҷумла, масъалаҳои издивоҷ, ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ва муносибатҳои амволии зану шавҳар таваҷҷуҳи зиёд дода шудааст» [56, с. 55].

Бояд қайд намуд, ки институти никоҳ бо назардошти арзишҳо ва анъанаҳои ҳуқуқии худ маҳз дар ҳуқуқи шуравӣ ташаккул ёфтааст, вале ташаккули онро дар низомҳои ҳуқуқии зардуштӣ ва мусулмонӣ набояд нодида гирифт, зеро ҳамаи он анъанаҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии ин низомҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ боиси инкишоф ва мукаммалгардии институти никоҳ гардидаанд. Маҳз таҷрибаҳои меъёрии ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ заминаи муҳим гузошта, институти никоҳро дар ҳуқуқи шуравӣ мубрам гардонидаанд. Ба андешаи В.Н. Виктор, «никоҳ ҳамчун

як ҷомеаи иҷтимоӣ бояд муҳимтарин унсури давлатдорӣ бимонад ва мафкураи авлавияти оила дар санадҳои меъёрӣ ва худшиносии таърихӣ муқаррар карда шавад» [103, с. 108].

Фарҳангу тамаддуни халқи тоҷик дар замонаи амали ҳуқуқи зардуштӣ никоҳро ҳамчун институти ҳуқуқӣ муқаррар менамуд ва махсусиятҳои он дар сарчашмаҳои ҳуқуқию одатӣ ва динии ҳуқуқи зардуштӣ пешбинӣ шуда буданд. Оид ба паҳлуҳои мухталифи масъалаи институти никоҳ дар ҳуқуқи зардуштӣ олимони ватанӣ, ба монанди У.А. Азиззода [148], А.Ғ. Холиқзода [73; 74], Э.Б. Буризода [13; 14], А.М. Диноршоҳ [150], Ҷ. Саъдизода [157], Ш.Ш. Шосаидзода [161] ва дигарон андешаронӣ кардаанд. Маврид ба зикр аст, ки бисёре аз арзишҳо ва анъанаҳои халқи тоҷик аз фарҳангу тамаддуни зардуштӣ то ба ҳуқуқи шуравӣ омада расидаанд. Яке аз анъанаҳои асосии ҳуқуқи шуравӣ дар он ифода мегардад, ки дар ин низоми ҳуқуқи шуравӣ муносибатҳои оилавӣ ва никоҳӣ аксаран аз таъсири меъёрҳои динӣ дур карда шуда, хусусияти расмӣ (меъёрӣ-ҳуқуқӣ) касб намуданд. Дар ин хусус М.А. Маҳмудзода қайд намудааст, ки пайдоиши илмҳои аввалини дунявӣ ва қабули қонунҳои навишташуда мавқеи муқаррароти диниро дар танзими муносибатҳои никоҳ танг намуда, онро аз тобиши динӣ озод намуд, ки ин барои хислати дунявӣ  касб намудани муносибатҳои никоҳ мусоидат намуд. Агар дар замони қадим нисбат ба муносибатҳои никоҳ тобиши динӣ дода шуда, он ҳамчун муносибати пурраи шавҳар ва ҳамсар муайян мегардид, пас, пайдоиши илмҳои дунявӣ ва ба муносибатҳои никоҳ ворид гардидани онҳо тобиши динии муносибатҳои никоҳиро тағйир дода, онро ҳамчун шартнома муайян намуд, ки чунин мафҳуми никоҳ то дер боз аҳаммияти худро нигоҳ дошт. Дар асрҳои миёна никоҳ тобиши худро ҳамчун муносибатҳои  шартномавӣ тағйир дода, ба падидаи мустақили ҳуқуқӣ табдил ёфт, ки хислати мазкури никоҳ аҳаммияти худро то ба имрӯз гум накардааст [43, с. 141].

Маврид ба зикр аст, ки дар ҳуқуқи зардуштӣ масъалаи обрӯю эътибори зан махсус ҳифз мегардид. Масалан, «агар мард ба таври дахлдор занро нигоҳубин накунад ва ё аз таъминоти ӯ саркашӣ кунад ва ё амалеро содир намояд, ки ба зан ва кӯдакони ӯ зарар расад, ӯро ҳукми қатл интизор буд. Дар ҳуқуқи зардуштӣ қатъ намудани никоҳ ва бе нигоҳубин гузоштани зан низ гуноҳи вазнин дониста мешуд. Қатъ кардани никоҳ танҳо дар сурати розигии тарафҳо мумкин буд. Танҳо дар ду ҳолат розигии занро дар бекор кардани никоҳ ба инобат намегирифтанд: агар ӯ шавҳарашро нофармонӣ карда, ҷодугарӣ кунад, ё гуноҳи динӣ содир намояд; дар ҳолате, ки дар муҳлати 10 сол зан фарзанддор нашавад» [77, с. 92]. Дар дигар адабиёт қайд мегардад, ки низоми ҳуқуқии зардуштӣ ҳангоми ҷудошавӣ муқарраროти ҷолиберо пешбинӣ карда буд. Ҳар марде, ки мехост аз занаш ҷудо шавад, уҳдадор буд, ӯро бо васӣ таъин кунад. Агар шахси дигар васигии занро рад мекард, он гоҳ никоҳ қатъшуда ҳисоб намеёфт [149, с. 39]. Ба андешаи мо, маҳз ҳамин муқарраротҳои ҳуқуқи зардуштӣ ҳамчун анъанаи ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи шуравӣ ташаккул ёфта, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам гардидаанд. Дар ҳуқуқи шуравӣ оид ба вазъи ҳуқуқии занон як қатор санадҳои ҳуқуқӣ қабул гардида буданд, ки муносибатҳои оилавӣ ва никоҳиро низ ба танзим медароварданд.

Бояд зикр намуд, ки на танҳо арзишҳои низоми ҳуқуқи зардуштӣ, балки арзишу меъёрҳо ва институтҳои низоми ҳуқуқи мусулмонӣ низ ба тариқи меросият дар замони амали ҳуқуқи шуравӣ низ амал мекарданд ва бисёре аз онҳо то замони имрӯза омада расидаанд. Ба андешаи Э.Б. Буризода, «дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ паҳншавии ҳуқуқи мусулмонӣ хеле суст сурат гирифта, он дар асри IX-XX ба анҷом расид. Маълумотҳои таърихӣ собит менамоянд, ки ин ҷараён дар баъзе аз минтақаҳо пас аз асри XX низ идома ёфтааст» [13, с. 34]. Дар ин хусус А.Ғ. Холиқзода қайд менамояд, ки «таърихи ҳазорсолаи халқи тоҷик бо меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ зич алоқаманд буданд ва таълимоту

фарҳанги исломӣ то солҳои 20-уми асри XX устувор амал менамуданд ва мардум дар шароити амали меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ зиндагӣ мекарданд» [72, с. 3]. Масалан, синни никоҳии нисбатан паст, ки меъёри ҳуқуқи мусулмонӣ ба ҳисоб меравад, ҳанӯз дар ҳуқуқи шуравӣ ба назар мерасид. Маврид ба зикр аст, ки паҳлуҳои мухталифи масъалаи институти никоҳ дар ҳуқуқи мусулмонӣ дар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, ба монанди У.А. Азиззода, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода, Э.Б. Буризода, А.М. Диноршоҳ, Ҷ. Саъдизода, Ш.Ш. Шосаидзода ва дигарон ба назар мерасанд.

Н.И. Бобоева қайд мекунад, ки «аз таърихи гузашта ва ҳозираи тоҷикон маълум аст, ки шуури муқаррарии аксари мо бо муқаррароти сарварию ҳукмфармоии беисти мардон ва ба он тобеъ будани занон ба таври анъанавӣ падаршоҳӣ мебошад. Урфу одатҳои аз гузашта боқимонда дар мисоли бо қалин харидорӣ кардани духтарон ё арӯсон ҳанӯз то замони мо пурра аз байн нарафтааст» [92, с. 68]. Аз андешаҳои муҳаққиқон бармеояд, ки, воқеан, анъанаҳои ҳуқуқи шуравӣ оид ба масъалаҳои оилавию никоҳӣ аз ҳуқуқи мусулмонӣ ба ҳуқуқӣ шуравӣ гузариш намуда, бо қонунгузории шуравӣ мустаҳкам гардонида шудаанд ва баъзе аз онҳо то замони мо омада расидаанд.

Ба андешаи академик М.А. Маҳмудзода, танзими ҳуқуқии никоҳ ва оила дар давраи то Инқилоби Октябр бештар ба муқаррароти дин асос ёфта, аз онҳо сарчашма мегирифт [43, с. 23]. Мавсуф дар ҷойи дигар қайд мекунад, ки дар минтақаҳои шимоли Тоҷикистон муносибатҳои никоҳ ва оила дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамчунин, тавассути расму оинҳо, ки хилофи қонунгузорӣ набуданд, ба танзим дароварда мешуданд. Бинобар ин, дар ин давра дар минтақаҳои зикршуда унсури дуализми ҳуқуқӣ вуҷуд дошт. Инчунин, аз сабаби он ки дар Тоҷикистони ҷанубӣ ҳокимияти шуравӣ дертар барқарор гардид, раванди ташаккули санадҳои қонунгузории оилавӣ бо дигар роҳҳо сурат мегирифт [43, с. 24]. Дар розӣ шудан ба андешаи мазкур ҳеҷ шубҳае нест, зеро, воқеан, дар

солҳои аввали пасазинқилобӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ, махсусан, муносибатҳои оилавию никоҳӣ дар омезиши меъёрҳои динӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ мавриди танзим қарор дода мешуданд. Аммо бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Тоҷикистони шуравӣ ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мақоми аввалиндараҷа дода шуда, меъёрҳои динӣ расман эътибори худро аз даст доданд. Ҳатто бастани никоҳ дар мақомҳои динӣ ва бо тартиби динӣ эътибори худро гум карданд. Маҳз аз ҳамин давра никоҳ ва муносибатҳои оилавӣ сирф хусусиятӣ ҳуқуқӣ ва расмӣ пайдо намуда, тартиби бастан, мақоми бақайдгирӣ, шартҳои никоҳ, синни никоҳӣ ва дигар паҳлуҳои он ба анъанаҳои ҳуқуқӣ табдил ёфта, ба таври меросият ба низоми муосири ҳуқуқи Тоҷикистон гузариш намуда, дар қонунгузории имрӯзаи кишвар мустаҳкам гардиданд.

Пас аз Инқилоби Октябр ва ташкили ИҶШС низоми ҳуқуқи шуравӣ ташаккул ёфта, бо қонунгузории худ муносибатҳои оилавию никоҳиро ба танзим медаровард. Маҳз дар ҳуқуқи шуравӣ баробарҳуқуқии марду зан дар муносибатҳои оилавӣ ва никоҳӣ ба таври расмӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардид. Ба андешаи Б.А. Одинаев, «низоми ҳуқуқи шуравӣ бо махсусиятҳои худ институти никоҳро, ки дар заминаи фарҳангу тамаддуни гузаштаи халқи тоҷик ташаккул ёфтааст, тавассути инъикос намудан дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хусусияти расмӣ бахшид. Аммо то ибтидои асри XX марду зан дар муносибатҳои оилавӣ ҳатто баробарҳуқуқ дониста намешуданд. Танҳо мард соҳибихтиёри корҳои оилавӣ ба ҳисоб мерафт. Пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ афкори ҷомеа доир ба масъалаҳои оилавӣ тағйир ёфта, аз нигоҳи илми ҳуқуқ никоҳ ҳамчун шартномаи шаҳрвандони баробарҳуқуқ баррасӣ гардид» [125, с. 23]. Академик М.А. Маҳмудзода низ дуруст қайд намудааст, ки дар оғози ташкилшавии ҳокимияти шуравӣ муносибатҳои оилавӣ аксаран бо расму оинҳои шариат ва урфу одат танзим мешуданд. Ҳукумати ҶШХБ санаи 27-уми майи соли 1922 Низомнома «Дар бораи ихтисоркунии муваққатии амали баъзе расомаҳои шариат ҳангоми ҳалли

парвандаҳои маданӣ ва парвандаҳо доир ба ҷиноятҳои маишӣ дар додгоҳ, инчунин, оид ба нигоҳ доштани судҳои қозигӣ»-ро қабул кард [43, с. 23-24]. Ҳамин тавр, анъанаҳои динӣ дар танзими муносибатҳои оилавӣ ва никоҳӣ мавқеи худро аз даст дода, ҷойи онҳоро анъанаҳои ҳуқуқӣ ишғол намуданд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи анъанаҳои таърихии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Анъанаҳои таърихии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ оид ба инкишофи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ сарчашмаи худро аз фарҳангу тамаддуни низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии зардуштӣ ва мусулмонӣ мегирад. Арзишҳои фарҳангию ҳуқуқии тамаддуни зардуштӣ ва мусулмонӣ дар инкишофи институти никоҳи ҳуқуқи шуравӣ заминаи бузург гузоштаанд.

2. Дар ҳуқуқи шуравӣ паҳн гардидани анъанаи иҷтимоию ҳуқуқии гузаштаи халқи тоҷик ба таври мухолиф сурат гирифтааст. Масалан, синни никоҳии нисбатан паст, ризоияти никоҳшавандагон, манъи никоҳи шахси ба синни никоҳӣ нарасида ва дигар масъалаҳои монанд дар низомҳои ҳуқуқии зардуштӣ, мусулмонӣ ва шуравӣ ба ҳамдигар ҳамшабеҳ мебошанд. Вале масъалаҳои синни дақиқи никоҳӣ, манъи бисёрникоҳӣ, додани маҳр ва монанди инҳо дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии зикршуда ба таври мухталиф пешбинӣ шудаанд. Чунин ҳолат гувоҳӣ он аст, ки институти оила аз низоми ҳуқуқи зардуштӣ ба низоми ҳуқуқи мусулмонӣ ва баъдан ба низоми ҳуқуқи шуравӣ ба тариқи меросият гузариш намуда, дар ин раванд марҳила ба марҳила ташаккул ёфта, баъзе арзишҳо ва меъёрҳои навро ба худ касб намудааст.

3. Таҳқиқот нишон дод, ки аксари меъёрҳои ҳуқуқи шуравӣ оид ба никоҳ дар заминаи муносибатҳо ва анъанаҳои низоми ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ ташаккул ёфта, дар низоми ҳуқуқи шуравӣ мукаммал ва дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам гардида, бисёре аз онҳо то ба низоми муосири ҳуқуқи Тоҷикистон омада расидаанд. Дар солҳои аввали

пасазинқилобӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ, махсусан муносибатҳои оилавию никоҳӣ дар омезиши меъёрҳои динӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ мавриди танзим қарор дода мешуданд. Аммо бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Тоҷикистони шуравӣ ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мақоми аввалиндараҷа дода шуда, меъёрҳои динӣ расман эътибори худро аз даст доданд. Ҳатто бастани никоҳ дар мақомҳои динӣ ва бо тартиби динӣ эътибори худро гум карданд. Маҳз аз ҳамин давра никоҳ ва муносибатҳои оилавӣ сирф хусусияти ҳуқуқӣ ва расмӣ пайдо намуда, тартиби бастан, мақоми бақайдгирӣ, шартҳои никоҳ, синни никоҳӣ ва дигар паҳлуҳои он ба анъанаҳои ҳуқуқӣ табдил ёфта, ба таври меросият ба низоми муосири ҳуқуқи Тоҷикистон гузариш намуда, дар қонунгузории имрӯзаи кишвар мустаҳкам гардиданд.

4. Аз натиҷаи таҳлил бармеояд, ки шартҳои никоҳ ҳарчанд қисман ва аз рӯйи мазмун ба ҳамдигар наздикӣ дошта бошанд ҳам, вале аз рӯйи талабот ва шумора дар ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ ва шуравӣ фарқ мекунанд. Масалан, шарти розигии тарафҳои никоҳкунанда дар ҳар се гурӯҳи шартҳо ба назар мерасад. Ин метавонад маънои онро дошта бошад, ки мавҷудияти шарти мазкури никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ аз ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ маншаъ мегирад. Дар баробари ин, баъзе шартҳои дигар хоси танҳо ҳамон низоми ҳуқуқӣ буда, ба ҳамдигар гузариш накардаанд. Масалан, шарти тобеият ба ойини зардуштӣ танҳо хоси ҳуқуқи зардуштӣ буда, дар ҳуқуқи мусулмонӣ ва шуравӣ вуҷуд надорад. Баръакс, шарти додани маҳр, танҳо хоси ҳуқуқи мусулмонӣ буда, дар ҳуқуқи зардуштӣ ва шуравӣ ба назар намерасад. Сабаб дар он аст, ки шартҳои мазкур хусусиятӣ динӣ дошта, дар замони амали низоми ҳуқуқи шуравӣ расман аз байн рафтанд, вале ҳамчун анъана баъзе аз онҳо то кунун дар шакли ғайрирасмӣ вуҷуд доранд. Маврид ба зикр аст, ки бисёре аз шартҳои мазкур мушаххас гардонида шуда, дар қонунгузории амалкунандаи оилавии кишвар муқаррар карда шудаанд. Айни замон муҳимтарин шартҳои никоҳ розигии никоҳшавандагон,

расидан ба синни никоҳӣ ва мавҷуд набудани монеаҳо дар акди никоҳ ба ҳисоб мераванд.

### 1.3. Инкишофи қонунгузории шуравӣ дар соҳаи никоҳ

Давраи амали ҳуқуқи шуравӣ яке аз давраҳои инкишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони таърихӣ ба ҳисоб рафта, дар ин давра муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба никоҳ хусусияти меъёрӣ-ҳуқуқӣ касб намуда, дар сарчашмаҳои мухталиф мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода шуданд. Бо ин назардошт омӯзишу таҳқиқи инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ мубрам мебошад, зеро аксари меъёрҳои ҳуқуқии қонунгузории оилавии имрӯзаи кишвар сарчашмаи худро аз қонунгузории замони шуравӣ мегиранд. Ғайр аз ин, дар ҳуқуқи шуравӣ дар тамоми марҳилаи таърихӣ бори аввал санадҳои мухталифи ҳуқуқӣ сирф оид ба оила ва никоҳ қабул карда шуданд, ки танҳо баҳри танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба никоҳ равона шуда буданд ва чунин санадҳо дар давраи амали ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ба назар намерасиданд.

Бояд тазаккур дод, ки никоҳ яке аз институтҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ мебошад. Бинобар ин, тули таърих дар соҳаҳои гуногуни илм ва дар заминаи ҳуқуқи оилавӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Ғайр аз ин, оила ва никоҳ ба ҳамдигар робитаи ногусастанӣ дошта, онҳоро бе мавҷудияти ҳамдигар мавриди омӯзиш қарор додан ғайриимкон мебошад. Бо ин назардошт, агар сухан дар хусуси никоҳ равад, пас, ҳатман аз муносибатҳои оилавӣ ишора мегардад ва баръакс, агар сухан дар хусуси оила равад, пас, он решаи худро аз никоҳ мегирад, зеро сарчашмаи бунёди ҳар як оила никоҳ мебошад.

Ташаккул ва инкишофи қонунгузории оилавиро дар ҳуқуқи шуравӣ ба якчанд марҳилаҳои таърихӣ ҷудо кардаанд. Масалан, мутобиқи назарияи даврабандии У.С. Нилова, «қонунгузории оила дар таърихи давлат ва ҳуқуқи дохилии шуравӣ чунин марҳилаҳоро аз сар

гузаронидааст: 1) Солҳои 1917-1926 – ташаккули ҳуқуқи оилавии шуравӣ баъд аз Инқилоби Октябри соли 1917; 2) Солҳои 1926-1969 – қабули санади нави меъёрии ҳуқуқии «Кодекси қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васояту парасторӣ», ки ба шарофати он қонуни оилавӣ инкишоф ва танзими ҳуқуқи оиларо ба даст овард, муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ хусусияти устуворро касб намуданд; 3) Солҳои 1969-1990 – 27 июни соли 1968 Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар бораи никоҳ ва оила қабул карда шуданд» [124, с. 369-370]. Дар ин давра танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ ва ақди никоҳ танҳо ба эътибори қонунӣ эътироф кардани ақди никоҳи ба қайд гирифташуда асос ёфтааст. Дар бораи молу мулки шахсии ҳар як зан, дар бораи ба зани ҳомила додани алимент қоидаҳо муқаррар шуда буданд.

Дар даврабандии мазкур ба ду маҳаки асосӣ – Инқилоби Октябр ва қабули санадҳои муҳимми меъёрии ҳуқуқӣ, такя карда шудааст. Ба андешаи мо, камбудиҳои асосии даврабандии мазкур дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбанд: аввалан, дар марҳилаи якум ташаккули ҳуқуқи оилавии шуравӣ пас аз Инқилоби октябр, вале то соли 1926 нишон дода шудааст. Ҳол он ки марҳилаи «пас аз Инқилоби Октябр» метавонад то давраи парокандашавии Иттиҳоди шуравӣ бошад. Сониян, чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба оила ва никоҳ ҳанӯз аз солҳои 1918 қабул гардида буданд. Бинобар ин, ба андешаи мо, даврабандии мазкур инкишофи қонунгузории шуравиро оид ба оила ва никоҳ ба пуррагӣ инъикос наменамояд.

Академик М.А. Маҳмудзода зимни таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқи оилавӣ се марҳилаи асосии инкишофи муносибатҳои оилавиро ҷудо кардааст: «марҳилаи аввал – танзими ҳуқуқии никоҳ ва оила то ғалабаи Инқилоби Октябр дар Тоҷикистон; марҳилаи дуюм – танзими ҳуқуқии никоҳ ва оила дар Тоҷикистон баъд аз ғалабаи Инқилоби Октябр; марҳилаи сеюм – танзими муносибатҳои оилавӣ дар замони муосир» [43,

с. 20]. Аз даврабандии мазкур бармеояд, ки танҳо марҳилаи дуюм ба ҳуқуқи шуравӣ мансуб мебошад.

Академик Ф.Т. Тоҳиров инкишофи ҳуқуқро дар Тоҷикистони шуравӣ на танҳо дар муносибатҳои оилавӣ, балки низоми ҳуқуқи шуравӣ ба чор марҳила ҷудо намудааст: марҳилаи аввал аз ибтидои барқарор шудани ҳокимияти шуравӣ то давраи гузаронидани тақсимоти миллӣ-ҳудудиро дар бар мегирад; марҳилаи дуюм ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон ва инкишофи низоми давлаттдорӣ ва ҳуқуқии Тоҷикистонро дар ҳайати Ҷумҳурии Сотсиалистии Ӯзбекистон ва Иттифоқи Шуравӣ дар бар мегирад; марҳилаи сеюм аз давраи ҷумҳурии мухторӣ дар ҳайати Ҷумҳурии Сотсиалистии Ӯзбекистон ба ҷумҳурии алоҳидаи шуравӣ табдил ёфтанро дар бар мегирад; марҳилаи чорум инкишофи низоми ҳуқуқи сотсиалистии муттарақӣ ва ташаккули демократисозии он дар ҳайати низоми ҳуқуқи шуравӣ ва замони амали он то сохтмони низоми нави ҳуқуқи миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад [68, с. 164]. Даврабандии мазкур ҳарчанд аз инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба оила ва никоҳ ишора наменамояд, вале дар умум тамоми марҳилаҳои инкишофи ҳуқуқро дар Тоҷикистони шуравӣ нишон додааст, ки, бешубҳа, ташаккули қонунгузории оилавӣ ва никоҳ низ ба он дохил мешавад.

Ба марҳилаҳои алоҳида ҷудо кардани инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ омӯзиш ва таҳқиқи масъаларо боз ҳам равшантар мегардонад, зеро институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ марҳилаҳои мухталифи таърихӣ-ҳуқуқиро аз сар гузаронидааст. Дар ин хусус академик М.А. Маҳмудзода дуруст қайд намудааст, ки ташаккули муносибатҳои оилавӣ ва никоҳӣ марҳилаҳои гуногуни инкишофро паси сар намудааст, ки дарки онҳо аз лиҳози робитаҳои таърихӣ хеле муҳим буда, барои таҳқиқи ҳаматарафаи инкишофи илми ҳуқуқи оилавӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меоварад. Донистани таърих ва сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ барои ҳамаҷониба азхуд кардани

падидаҳои алоҳидаи ҳуқуқи оилавӣ ва дар заминаи сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқӣ баровардани хулосаи зарурӣ мусоидат менамояд [43, с. 20].

Дар натиҷаи таҳлили андешаҳои боло метавон чунин хулоса кард, ки даврабандии инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дорои аҳаммияти калони назариявӣ буда, институти мазкур дар ҳуқуқи шуравӣ марҳилаҳои гуногуни таърихиро тай намудааст. Бо ин назардошт, мо метавонем чунин даврабандии инкишофи қонунгузории шуравиро оид ба институти никоҳ пешкаш намоем: 1) инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи пасазинқилобӣ ва барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ (солҳои 1917-1924); 2) ташаккули қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи ташкилшавӣ ва фаъолияти ҶМШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1929); 3) рушди қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи ташкилшавӣ ва фаъолияти ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1929-1998).

Бояд тазаккур дод, ки даврабандии мазкур бо назардошти вазъи сиёсию ҳуқуқии Тоҷикистон дар давраи амали ҳокимияти шуравӣ пешниҳод шудааст. Агар мо вазъи сиёсию ҳуқуқии минтақа ва ё ҷаҳонро ба инобат гирем, он гоҳ метавонем даврабандии инкишофи қонунгузории шуравиро оид ба институти никоҳ дар шакли зерин пешниҳод намоем: 1) инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ пас аз Инқилоби Октябр (солҳои 1917-1938); 2) ташаккули қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи оғози Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ва солҳои аввали баохиррасии он (солҳои 1939-1947); 3) рушди қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва қабули санадҳои муҳимми байналмилалӣ (солҳои 1948-1998).

Новобаста аз андешаҳои боло, инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ аз давраи пасазинқилобӣ оғоз гардидааст. «Баъд аз инқилоби Октябри соли 1917 муносибати ҷамъият оид ба оила ва

никоҳ ба куллӣ тағйир ёфт, аз ҷумла, қонунҳои нав қабул карда шуданд, ки ба дигаргуниҳои тарзи ҳаёти оилаи шуравии бавуҷудоянда таъсир расониданд. Бори аввал бо Декрети Шурои Комиссарони Халқии ҶФШСР «Дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ, кӯдакон ва дар бораи нигоҳ доштани дафтарҳои санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ» соли 1917 барои иҷрои вазифаи қайди акди никоҳ мақомотҳои САҲШ ташкил карда шуданд. Ғалабаи Инқилоби Октябр ва барқарор гардидани ҳокимияти шуравӣ дар танзими муносибатҳои никоҳ ва оила мавқеи меъёрҳои ҳуқуқи мусулмониро маҳдуд намуда, ба он хислати дунявиро дод» [114, с. 123]. Барои ташаккул ва инкишофи қонунгузории оилавӣ, ки муносибатҳои никоҳу оилавиро танзим мекунад, аҳаммияти санадҳои ҳуқуқии шуравӣ роҷеъ ба никоҳ калон мебошад. Масалан, «18-19 декабри соли 1917 КИМ-и умумироссиягӣ ва Шурои Комиссарҳои халқии ҶФШСР ду Декрет – «Дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ, оид ба кӯдакон ва доир ба дафтари асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ва «Дар бораи бекоркунии никоҳ»-ро қабул кард» [43, с. 23], ки ин декретҳо на фақат ҳолати бунёди муносибатҳои никоҳу оиларо аниқ ифода мекарданд, балки барои қабули минбаъдаи қонунҳои никоҳу оила заминаи ҳуқуқӣ гузошта буданд.

Дар ин хусус дар дигар адабиёт қайд мегардад, ки тағйироти таърихии соли 1917 дар Русияи подшоҳӣ ба тағйироти ҷаҳонӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, дар соҳаи никоҳ ва муносибатҳои оилавӣ оварда расонид. «Аввалин тағйирот ин буд, ки ҳукуматдорон кӯшиш карданд, то арзишҳои инқилобиро ба меъёрҳои ҳуқуқӣ табдил диҳанд. Ҳам ҳуқуқи оила ва ҳам маданияти муносибатҳои оилавӣ ва никоҳ дар Россия, ки оиларо муҳимтарин ҷузъи маънавии ҷомеа медонист,ислоҳоти амиқро аз сар гузарониданд» [27, с. 104-105]. Оид ба санадҳои мазкур дар адабиёт қайд мегардад, ки «ин ду ҳуҷҷат маънои тамоман вайрон кардани қонуни оилавии пешазинқилобиро доштанд. Мувофиқи декрети якум, мақомҳои динӣ аз иштирок дар қайди

санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ хориҷ карда шуданд. Танҳо никоҳи шаҳрвандӣ эътибори қонунӣ дошт ва он ҳама маҳдудиятҳои қонунии никоҳро аз байн бурд. Масъалаҳои мансубият ба ин ё он табақа, миллат, дин барои қайди акди никоҳ аҳаммияте надоштанд. Сарфи назар аз навовариҳо, рафтори аҳолӣ дар доираи ақидаҳои анъанавии никоҳ ва оила боқӣ монданд. Муддати тӯлонӣ никоҳи шаҳрвандӣ барои аҳолӣ ихтиёрӣ боқӣ монд ва танҳо дар натиҷаи фишори шадиди мақомот шакли шаҳрвандӣ дар ҳама ҷо паҳн карда шуд» [103, с. 104]. Дар солҳои аввали пасазинқилобӣ тибқи қонунгузорӣ давлат муносибатҳои никоҳ ва оилавиро ҷиддитар таҳти назорати худ гирифт, ки ин дар маҷбур кардани шаҳрвандон барои иҷро намудани уҳдадориҳои оилавӣ зоҳир мегардид. Аз ин ҷо метавон хулоса намуд, ки дар муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ ҷузъи инқилобӣ (идеологӣ) бо меъёрҳои ҳуқуқӣ торафт бештар иваз карда мешуд. Дар баробари ин, таъқиби ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои ҷинсӣ пурзӯр карда мешуд.

Ба андешаи Ш.Ш. Шосаидзода, «давлат аз назари сиёсӣ намехост оила ва тарбияи кӯдакро, махсусан баъд аз он ки дин аз давлат ҷудо карда шуд, бе таваҷҷуҳ гузорад. Давлат, пеш аз ҳама, мафҳуми «ҳокимияти волидайнӣ»-ро дар Декрети КИМ ИҶШС аз 18 декабри соли 1917 «Дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ, кӯдакон ва пешбурди китобҳои асноди ҳолати шаҳрвандӣ» барҳам дода буд ва санади мазкур ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мутақобилаи волидон ва кӯдаконро муқаррар мекард» [161, с. 76-77]. Декрет «Дар бораи бекор кардани акди никоҳ», ки озодии комили ҷудошавиро ҷорӣ намуд, низ инқилобӣ ба ҳисоб мерафт. Никоҳ бо розигии ҳамдигарии зану шавҳар ё ҳатто бо баёни беасоси яке аз онҳо бекоршуда эътироф мегардид. Зан барои ҷудошавӣ чунон ҳуқуқу озодиҳои васеъ гирифт, ки метавонист бо сабабҳои гуногун ҷудошавиро талаб кунад. Тавре В.Н. Виктор қайд менамояд, «тартиби бекор кардани акди никоҳ бо як карори судя маҳдуд карда шуд. Ҳамин тариқ, тартиби пешазинқилобии мурофиаи акди никоҳ, ки танҳо ба эътирофи ҳолатҳои

форс-мажор асос ёфта, идомаи минбаъдаи ақди никоҳро имконнопазир мегардонд, аз байн рафт» [103, с. 104-105].

Қадами дигар дар инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ қабули Кодекси қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳу оила ва васояти ҶФШСР ба ҳисоб мерафт, ки 16-уми сентябри соли 1918 қабул гардида буд. Кодекси мазкур ду декрети қаблан қабулшударо мукаммал гардонид. Кодекс дар муносибатҳои никоҳӣ як қатор тағйиротҳои ҷиддиро ворид намуд. Аз ҷумла, танҳо никоҳи ҳамон шаҳрванде эътирофшуда донista мешуд, ки агар он дар мақомоти САҲШ ба қайд гирифта шудааст. Тағйироти назарраси дигар ин буд, ки барои бастани никоҳ ризоияти тарафайн, аризаи шахсии онҳо ва фаророасии синни никоҳ (барои мардон аз 18-солагӣ ва барои занон аз 16-солагӣ) зарур буд. Ҳамзамон дар кодекс як қатор принсипҳои бунёди оила муқаррар шуда буданд: «якканикоҳӣ, озодии издивоҷу талоқ, баробарҳуқуқии фарзандони ғайриникоҳӣ бо фарзандоне, ки дар никоҳ таваллуд шудаанд, баробарии ҳамсарон дар муносибатҳои шахсиву молумулкӣ, ҷудоиву умумияти молумулкии ҳамсарон ва ғ.» [43, с. 23-24]. Оид ба қабули Кодекси соли 1918 В.Н. Виктор чунин қайд намудааст, ки «муқаррароти декретҳои аввал дар қонунгузории солҳои 1918-1920 муқаррар карда шудаанд. Моҳи сентябри соли 1918 Комитети Иҷроияи Марказии Умумироссия Кодекси қонунҳоро дар бораи санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ, никоҳ, оила ва ҳуқуқи васоят қабул кард. Мазмуни ҳуқуқии Кодекс ба якчанд принсип асос ёфтааст: хусусияти шаҳрвандии никоҳ ва ҷудошавӣ; никоҳи ихтиёрӣ; озодии ақди никоҳ ва талоқ. Дар Кодекс меъёри ҷудокунии молу мулки зану шавҳар нигоҳ дошта шуда буд, ки ҳар кадоме аз зану шавҳар бо ҳамдигар бо бастани қарордоди молумулкӣ ба муносибатҳои молумулки худ метавонанд озодона ихтиёрдории худро дошта бошанд. Ин меъёр занонро дар вазъияти душвори молӣ қарор дод, зеро аксари занон даромади шахсии худро надоштанд ва дар сурати ҷудошавӣ онҳо ба мавҷудияти хеле ночиз

маҳкум мешуданд» [103, с. 105]. Кодекси қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳ, оила ва васоят аз 22 октябри соли 1918 то андозае матни декретҳоро инкишоф дод. Тибқи муқарароти ин санад, «кӯдаконе, ки аз волидайни бе никоҳ таваллуд шудаанд, бо кӯдакони дар издивоҷи қонунӣ таваллудшуда ҳуқуқҳои баробар пайдо карданд. Дар самти ҳифзи иҷтимоии кӯдакон назорати давлатӣ муқаррар карда шуд» [12, с. 16]. Ба андешаи М.М. Холинова, «кӯдакони аз сарпарастии падару модар маҳрумшуда ва таваллуди ғайриникоҳӣ дорои ҳуқуқи баробар ба муассисаи васоят ва парасторӣ гаштанд. Тақсимоти кӯдакон ба қонунӣ ва ғайриқонунӣ хотима дода шуд» [160, с. 107].

Бояд тазаккур дод, ки қабули Кодекси соли 1918 ҳануз маънои онро надошт, ки тамоми меъёрҳои он дар ҳудуди Тоҷикистон амал мекарданд. Барои ин санаи 28-уми феврали соли 1924 КИМ-и умумибухороӣ қарор қабул намуд, ки дар тамоми қаламрави ҶШХБ Кодекси қонунҳои никоҳ, оила ва васояти ҶФШСР ҷорӣ карда шавад. 17-уми апрели соли 1924 ба Кодекси ҷиноятии ҶФШСР тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, барои қалин додану қалин гирифтан, дуздидани духтар бо мақсади никоҳ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардид, ки ин барои инкишофи қонунгузории соҳавӣ таҳкурсии ҳуқуқӣ гузошт [44, с. 21-26].

Дар ташаккули қонунгузории оилавии шуравӣ Кодекси қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васоят нақши муҳим бозидааст. Санади мазкур нисбат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии пешқабулшуда иловаю тағйирот ворид намуда, баъзе меъёрҳоро хориҷ кардааст. Мувофиқи меъёрҳое, ки аллакай дар қонунгузории шуравӣ муқаррар карда шудаанд, ақди никоҳ дар ИҶШС бояд дар мақомотҳои махсуси давлатӣ – мақомоти САҲШ, қайд карда шаванд [124, с. 370]. Ба андешаи В.Н. Виктор, «никоҳи воқеӣ метавонад дар мақомоти САҲШ ҳар вақт бо нишон додани санаи ибтидоии он сабт карда шавад. Барои эътирофи он зану мард бояд якҷоя зиндагӣ кунанд, хонаводаи умумӣ дошта бошанд, фарзандонро якҷоя тарбия кунанд ё дар мукотиба ва дигар ҳуҷҷатҳо муносибатҳои никоҳро

ба шахсони сеюм ошкор кунанд. Кӯдакон аз ақди никоҳи воқеӣ аз ҳамон ҳуқуқҳое истифода мебурданд, ки аз волидон дар ақди никоҳи ба қайд гирифта таваллуд шудаанд» [103, с. 107]. Кодекс ҳуқуқи зану шавҳарро оид ба қатъи никоҳ ҳам бо розигии тарафайн ва ҳам бо хоҳиши яктарафаи яке аз занҳо нигоҳ дошт.

Ю.В. Гуполов дар ин хусус қайд кардааст, ки қонунгузории шуравӣ дар самти институти никоҳ тартиби бастани никоҳро хеле осон карда, аз салоҳияти мақомотҳои динӣ онро берун кард. Акнун никоҳ танҳо аз ҷониби идораи САҲШ анҷом дода мешуд, дар ҳоле ки ҳозиршавии ҳар яке аз ҳамсарон ихтиёрӣ буд. Аммо ақидаи аҳолии минтақа ба ин масъала мухталиф буд: азбаски масъалаи дар суд дида баромадани парвандаи ҷудошавӣ ба миён гузошта шуда буд, сабабҳои бекор кардани ақди никоҳро муайян кардан лозим омад. Илова бар талоқ, ки ақди никоҳро барои тамоми давраи минбаъда қатъ мекард, ақди никоҳи беэътибор ва радшуда низ аз лаҳзаи бастани онҳо муқаррар карда мешуд. Сабаби ин метавонист, масалан, никоҳе бошад, ки дар он яке аз ҳамсарон ба синни ҳадди ақали никоҳ нарасидааст [22, с. 90-91].

Дар баробари тағйироти қонунгузорӣ дар соҳаи муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ дар давраи якуми инқилобӣ (1917-1918) кӯшишҳои тағйир додани анъана ва идеологияи никоҳию оилавӣ, ҷорӣ намудани модели нави муносибатҳои оилавӣ, ки дар онҳо ба амал омада буд, ба ақидаҳои радикалии инқилобӣ дар бораи институти никоҳ асос ёфтааст. Масалан, ба андешаи А. Коллонтай, «шакли куҳнаи никоҳ, ки ба дахлнопазирии иттифоқи никоҳ асос ёфтааст, ба манфиати синфи коргар мувофиқ нест. Танҳо робитаҳои озод метавонанд ба зан имкон диҳанд, то шахсияти худро дар ҷомеае, ки мардон бартарӣ доранд, нигоҳ дорад» [33, с. 57-60]. Вобаста ба андешаи мазкур С.Н. Гавров қайд намудааст, ки «албатта, дар ақидаҳои А. Коллонтай унсурҳои прогресивӣ мавҷуданд. Ба ин принсипи баробарии гендерӣ, принсипи ғамхорӣ дар бораи модар ва ғайра дохил мешаванд. Аз ҷониби дигар, андешаи ӯ, ки аз нигоҳи

мантиқ ва ақли солим хеле печида буд, аз дарки зарурати оила ҳамчун институти иҷтимоии рушди давлат дур буд. Умуман, тағйиротҳои пасазинқилобӣ ба раванди навсозии шуравии муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ, ки бо аз байн рафтани анъанаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии оилавӣ ҳамроҳ буд, ба оммаи бузурги одамон таъсир расонд» [17, с. 78]. Ба андешаи В.Н. Виктор, Кодекс баробарҳуқуқии кӯдаконеро, ки дар ақди никоҳи ба қайд гирифта ва берун аз ақди никоҳ таваллуд шудаанд, эътироф кардааст. Уҳдадории вохӯрӣ барои фарзандон барои таъминоти падару модари маъюбу ниёзманд муқаррар карда шуд. Яке аз вижагиҳои Кодекс ин буд, ки дар он институти фарзандхондӣ комилан инкор карда мешуд. Дар меъёрҳои Кодекс муқаррар карда шудааст, ки «ба фарзандхондии фарзандони худ ва ё дигарон роҳ дода намешавад. Ҳар гуна фарзандхондӣ барои фарзандхондагон ва фарзандхондшудагон ҳеҷ уҳдадорӣ ва ҳуқукро ба миён намеорад» [103, с. 105].

Ш.Ш. Шосаидзода «камбудии Кодекси оилаи соли 1918-ро дар танзими  мухтасари асосҳои маҳрумсозии ҳуқуқҳои падариву модарӣ, инчунин,  тамоман ҷой надоштани институти фарзандхонӣ арзёбӣ намудааст» [161, с. 78]. М.В. Антоколский вобаста ба ин масъала қайд мекунад, ки «дар ин марҳила пайдо намудани омили бавуҷудоии кодексе, ки муносибатҳои оилавиро дар алоҳидагӣ аз маданӣ танзим  намояд, дар назари аввал тамоман номумкин буд. Вале зарурати ба таври нав танзим намудани муносибатҳои оилавӣ ба миён омада буд. Бинобар ин, маҳз дар чунин ҳолат, яъне мавҷуд набудани қонунгузории маданӣ кодекси оилавии нав қабул гардид» [10, с. 64].

Яке аз масъалаҳои баҳснок дар ин давра, ки санадҳои қабулшуда низ ба он таъсири ҷиддӣ расонида буданд, масъалаи синну соли никоҳшавандагон ба ҳисоб мерафт. Мутобиқи баъзе андешаҳо, дар ин давра кӯшишҳое зиёде карда шудаанд, ки синни никоҳ барои духтарон аз 14-солагӣ муқаррар карда шавад. Барои ин ҳатто дархости Раёсати Шурои Миллатҳои  КИМ-и иттифоқ аз 21-уми сентябри соли 1925 дар

хусуси муқаррар кардани синни аққал барои занони миллатҳои Шарқ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат доранд, беҷавоб гузошта шуд. Танҳо баъд аз огоҳии дубора ва бо исрори Раёсати Комитети инқилобии ҶМШС Тоҷикистон аз 17-уми декабри соли 1925 Комиссариати халқии тандурустии ҶМШС Тоҷикистон ҷавоб дод, ки «барои бастани никоҳ дар Тоҷикистон синни ҳадди аққал барои занон аз 16-солагӣ муқаррар карда мешавад» [43, с. 25]. Дар адабиёт низ қайд карда мешавад, ки «қонунҳои шуравии оила меъёрҳоро дар бораи синну соли поёнии ақди никоҳ, инчунин, манъи ақди никоҳи хешу табори наздик тағйир надоданд. Тибқи Кодекси оила, занон метавонистанд дар синни 16-солагӣ ва мардон дар синни 18-солагӣ никоҳ банданд. Вале бо мурури замон масъалаи баробар кардани синни ақди никоҳ барои мардону занон ва дертар дар аксари ҷумҳуриҳо мавриди баррасӣ қарор мегирад ва дар ИҶШС синни ягонаи никоҳ аз 18-солагӣ муқаррар карда мешавад» [15, с. 27].

Дар инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ қабул шудани Кодекси қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васояту парасторӣ дар соли 1926 нақши назаррас гузоштааст. Кодекси мазкур дар муносибатҳои оилавию никоҳӣ як қатор тағйирот ворид намуда, паҳлуҳои мухталифи институти никоҳро мавриди танзим қарор додааст. В.Н. Виктор дар ин хусус қайд мекунад, ки «моҳи ноябри соли 1926 Кодекси қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васоят қабул карда шуд, ки дар он ба қонунгузории пештара тағйироти калон дохил карда шуд» [103, с. 106]. Тағйироти аз ҳама равшан эътирофи ақди никоҳ ва васеъ кардани ҳуқуқу ухдадориҳои зану шавҳар дар никоҳи бақайдгирифташуда бо онҳо буд. Ба андешаи Ш.Ш. Шосаидзода, «бо назардошти ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, бавуҷудоии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва камбудиҳои қонунгузории амалкунанда ба ИҶШС зарур омад, ки ба такмили қонунгузории амалкунанда шуруъ намояд. Ҳамин тавр, дар соли 1923 корҳо доир ба таҳияи кодекси нав оғоз ёфтанд. Соли 1925

лоиҳаи кодекси навро ба муҳокимаи умумихалқӣ бароварданд. Кодекси нави қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васоят 1-уми январи соли 1927 ба қувваи амал даромад» [161, с. 79].

Кодекси мазкур дар м. 11 ҳамзистии никоҳиро эътироф намуда, ба муносибатҳои шахсоне, ки «воқеан, ақди никоҳ доранд, ҳатто агар ба қайд гирифта нашуда бошанд ҳам, агар ин шахсон якдигарро ҳамчун зану шавҳар эътироф кунанд ё муносибатҳои ақди никоҳи байни онҳо ба қайд гирифта нашуда бошад ҳам, ё муносибати никоҳии байни онҳо агар аз тарафи суд аз рӯйи аломатҳои вазъияти воқеии ҳаёт муқаррар шуда бошад ҳам, эътироф карда мешуд» ва инро дар суд исбот кардан мумкин буд. Далели ҳамзистии никоҳӣ дар сурати ба қайд гирифта нашудани ақди никоҳ барои суд инҳо буданд: далели якҷоя зиндагӣ кардан, мавҷудияти хонаводаи умумӣ дар ин якҷоягӣ ва дар мукотибаи шахсӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо муайян кардани муносибатҳои ақди никоҳ бо шахсони сеюм, инчунин, дар сурати мавчуд будани таъминоти моддии якдигар, тарбияи якҷояи фарзандон ва ғ. Моддаи 5-и Кодекси мазкур синни никоҳиро барои мардон ва занон аз 18-солагӣ муқаррар кардааст [124, с. 371]. Мутобиқи санади мазкур, никоҳ кардан танҳо бо ризияти никоҳшавандагон мумкин буда, дар ҳолати вайрон кардани ин шарт ё агар ризоият дар ҳолати бешуурона ё маҷбуран дода шуда бошад, ё байни шахсоне бошад, ки ба синни никоҳӣ нарасидаанд, никоҳ беэътибор ҳисобида мешуд. Аммо вобаста ба дараҷаи инкишофи шуур муносибати аҳолии таҳҷойӣ ба судҳои халқӣ ва қозигӣ дар навоҳии мухталифи ҷумҳурӣ якхела набуд [43, с. 26].

Ба андешаи В.С. Гопанчук, «Дигаргунсозии навбатии муҳимми қонунгузории ҳокимияти шуравӣ дар соҳаи ҳуқуқи оила ба бекор кардани никоҳ мансуб буд. Дар асоси он акнун парвандаҳои талоқ низ аз мақомҳои динӣ гирифта шуда, ба додгоҳҳои маҳаллӣ интиқол дода шуданд. Мутобиқи Кодекси болозикр талоқ бо розигии ҳамдигар ё бо хоҳиши яке аз онҳо имконпазир аст, ки онро аҳолии минтақа низ мусбат

қабул карда буданд» [19, с. 203]. Дар ин хусус У.С. Нилова қайд мекунад, ки «қатъи ақди никоҳи ба қайд гирифташуда ва ба қайд гирифтанашуда, вале аз ҷониби суд муқарраршуда, дар давоми ҳаёти зану шавҳар метавонист дар мақомоти САҲШ (ақди никоҳ) ба қайд гирифта шавад» [124, с. 371-372]. Кодекси мазкур тартиби судии бекор кардани ақди никоҳро бекор намуд ва минбаъд ақди никоҳ танҳо дар мақомоти САҲШ қатъ карда мешуд ва иштироки ҳамсари дуюм ихтиёрӣ буд, ӯ танҳо дар бораи ҷудошавӣ огоҳ карда мешуд. Дар Кодекс чунин меъёре муқаррар карда шудааст, ки никоҳ дар давоми ҳаёти зану шавҳар бо розигии ҳамдигарии онҳо ва бо хоҳиши яктарафаи яке аз онҳо бекор карда мешавад.

Мутобиқи Кодекси соли 1926 ҳангоми ба қайд гирифтани ақди никоҳ зану шавҳар дар бораи хоҳиши гирифтани насаби умумии зан ё шавҳар ё бо насабҳои пеш аз никоҳ мондани худ изҳорот дода метавонистанд. Зимни ба қайд гирифтани ақди никоҳи шахсе, ки шаҳрванди ИҶШС буд, бо шахсе, ки шаҳрванди хориҷӣ мебошад, ҳар кадоми онҳо шаҳрвандии худро нигоҳ медоштанд. Кодекс институти фарзандхониро, ки қаблан дар танзими муносибатҳои оилавӣ ва ақди никоҳ бо «Кодекси қонунҳо дар бораи ҳолати шаҳрвандӣ, никоҳ ва оила» бекор карда шуда буд, муттаҳид намуд. Уҳдадории нигоҳубини кӯдакон ба зиммаи ҳарду волидон гузошта шуданд; андозаи ёрдампулие, ки ба онҳо дода мешавад, вобаста ба вазъияти моддии онҳо муайян карда мешуд. Ба андешаи Т.Ю. Людоровская, «Кодекси мазкур институти фарзандхониро иҷозат медод. Ин ҳолат ҳамчун чораи маҷбурӣ ба далели афзоиши теъдоди кӯдакони бесарпаноҳ, ки ба васоят ниёз доранд, қабул карда мешуд. Баъзе мардум чунин ақида доштанд, ки барои татбиқи тартиби фарзандхонӣ розигии ду ҳамсар шарт нест. Қисми дигар бошад, даъво мекарданд, ки фарзандхонӣ бояд бо ризоияти ҳамдигарии зану шавҳар ва ба манфиати фарзандхондаҳо сурат гирад. Инчунин,

институти маҳрум кардани ҳуқуқи падару модар аз кӯдак ҷорӣ карда шуд» [114, с. 126].

Дар ташаккули қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ Эъломия «Дар бораи озодии занон» аз 11-уми декабри соли 1926 [79, с. 242] низ нақши муассир гузоштааст. Қисми 4 Эъломия ба масъалаҳои ҳуқуқи никоҳӣ бахшида шуда буд. Аз ҷумла, дар он муқаррар шудааст, ки бастани ақди никоҳ танҳо дар ҳолати розигии ихтиёрии занон имкон дорад. Дар Эъломияи мазкур синни никоҳӣ барои занон 16-солагӣ пешбинӣ гардида, барои ба шавҳар додани духтари ба 16-солагӣ нарасида ҷавобгарӣ муқаррар шудааст. Ҳамзамон, Эъломия додугирифти қалинро ҳамчун хариду фурӯши зан ҳисобида, барои маҷбур кардани ӯ дар бастани никоҳ новобаста аз хешу таборони наздик ва барои бисёрзанӣ чораҳои пурзӯри ҷавобгарӣ муқаррар кардааст. Ба андешаи Ш.Ш. Шосаидзода, «Эъломия нисбат ба занон чунин имтиёзҳоро пешбинӣ намуда буд, баробарҳуқуқии мардону занон, озодона бастани ақди никоҳ, ҷавобгарии қатъии падару модар ва шахсоне, ки занро барои бастани ақди никоҳ маҷбур месозанд, ҳуқуқи бо хоҳиши худ бекор кардани ақди никоҳ, манъи бисёрзанӣ (бисёрникоҳӣ), таъмини модару кӯдак аз ҷониби падар (пардохти алимент) ва ғ.» [161, с. 95-96].

Яке аз санадҳои муҳимми дигар Эъломия «Дар бораи ҳуқуқи занони коргари ҶМШС Тоҷикистон ва мубориза ба ғуломсозии онҳо» мебошад, ки санаи 12-уми декабри соли 1926 [79, с. 276] аз ҷониби Анҷумани Умумитоҷикистонии Шуроҳо қабул шуда, баҳри ҳифзи шаъну шараф ва шахсияти занон равона гардида буд. Академик М.А. Маҳмудзода оид ба масъалаи мазкур қайд кардааст, ки Эъломия дар навбати худ принсипҳои зерини ҳуқуқи оилавиро эълон намуд: баробарҳуқуқии мард ва зан дар ҳама ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ; ихтиёрӣ будани ақди никоҳ ва ризоияти тарафайн ҳангоми даромадан ба он; якканикоҳӣ; муқарраркунии ҷавобгарии

ҷиноятӣ барои бисёрзанӣ; озодии талоқ таҳти назорати давлат; муқаррар кардани синни никоҳӣ барои занон аз 16-солагӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани ин қоида; баробарии фарзандоне, ки дар никоҳи қонунӣ таваллуд шудаанд; ҳуқуқи модари кӯдак барои аз падари ӯ талаб кардани таъминоти моддӣ, сарфи назар аз он ки ин кӯдак аз никоҳи бақайдгирифташуда таваллуд шудааст ё не; ғамхории ҳамаҷонибаи давлат ба модарону кӯдакон бо роҳи ташкили шабакаи васеи хонаҳои модарону кӯдакон, кӯдакистонҳо, хонаҳои кӯдакон ва монанди инҳо [43, с. 28].

Дар таҳқиқотҳои О.Э. Раҳмонзода оид ба Эъломия гуфта шудааст, ки мутобиқи Эъломия бастани никоҳ танҳо бо ризоияти ихтиёрии зан имконпазир гардида, синни никоҳ барои занҳо 16-солагӣ муқаррар карда шуд. Бори аввал бисёрзанӣ дар сатҳи қонунгузорӣ манъ карда шуд ва ҳуқуқи модари кӯдак барои талаб кардани таъминоти моддӣ аз падар, новобаста аз таваллуди ӯ дар ақди никоҳи сабтином ё бидуни қайд, муқаррар гардид [156, с. 58]. Ш.Ш. Шосаидзода оид ба Эъломияи мазкур қайд намудааст, ки дар Эъломия нисбат ба ҳамаи шахсон, аз он ҷумла, хешовандони наздике, ки занро барои ба шавҳар баромадан маҷбур мекарданд, барои онҳо ҷазо пешбинӣ шуда буд. Хоҳиши зану мард ҷиҳати ҷудо шудан аз якдигар барои бекор кардани ақди никоҳ асоси кофӣ ба ҳисоб мерафт. Барои ба шавҳар додани духтарони то 16-сола низ ҷазо пешбинӣ шуда буд. Дар қарори мазкур қалин (маҳр) як навъ хариду фурӯши зан ҳисобида шуда, барои додан ва гирифтани он низ ҷазо муқаррар шуда буд [161, с. 99]. Дар ин хусус бояд қайд намуд, ки муқаррароти Эъломияи мазкур дар хусуси масъалаҳои никоҳӣ пурра ба Эъломияи қаблӣ монанд буд. Ҳатто шумораи сархатҳо ва тартиби ҷумлаҳо пурра ба ҳамдигар шабеҳ буданд. Бо ин назардошт хулоса кардан мумкин аст, ки меъёрҳои Эъломия «Дар бораи ҳуқуқи занони коргари ҶМШС Тоҷикистон ва мубориза ба ғуломсозии онҳо» дар бахши никоҳ аз Эъломия «Дар бораи озодии занон» гирифта шудаанд.

Ҳамин тавр, таҳлили меъёрҳои Эъломияҳо дар бораи вазъи ҳуқуқии занон нишон медиҳад, ки онҳо як қатор масъалаҳои муҳимро оид ба оила ва никоҳ муқаррар кардаанд. Аз ҷумла, зан дар баробари мард аз тамоми ҳуқуқҳои маданӣ бархурдор буд; хоҳиши зан мисли мард сабаби кофӣ барои бекор кардани никоҳ ба ҳисоб намерафт; қонун барои ба шавҳар додани духтарони то синни шонздаҳсола ҷазо муқаррар карда буд; қонун барои пардохт ва қабули қалин, ки як навъ хариду фурӯши зан дониста мешавад, ҷазои сахт пешбинӣ мекард; зан ҳуқуқ дошт таъминоти моддии фарзандонро, сарфи назар аз он ки онҳо дар никоҳи қайдшуда ё қайднашуда таваллуд шудаанд, талаб намояд; зан дар ҳолати бекор кардани никоҳ ё марги шавҳар бо тартиби муқаррарнамудаи қонун дар баробари мард ҳуқуқ ба моликият дошт.

Бояд тазаккур дод, ки ҳарчанд салоҳияти бастан ва бекор кардани ақди никоҳ аз мақомҳои динӣ ба мақомоти давлатии САҲШ вобаста гардида буданд, вале ҳануз то солҳои 1928 судҳои қозигӣ мавҷуд буданд, ҳарчанд қонунгузории шуравиро риоя намекарданд. Аз ин хотир, 30-юми июли соли 1928 бо қарори КИМ ва Шурои Комиссарҳои халқии ҶМШС Тоҷикистон судҳои қозигӣ барҳам дода шуданд, зеро дигар ба истифодаи меъёрҳои шариат зарурат намонда буд ва бо ҳамин иқдом ба дуализми ҳуқуқӣ дар соҳаи муносибатҳои никоҳу оила хотима гузошта шуд. Бояд гуфт, ки «барҳам хӯрдани судҳои қозигӣ ва меъёрҳои шариат на бо роҳи маъмурӣ, балки тавассути боло рафтани нуфузу эътибори қонунҳои шуравӣ ва судҳои шуравӣ, инчунин, тағйирёбии мафкураи аҳолӣ имконпазир гардид» [43, с. 27-28].

Дар натиҷаи таҳлили андешаҳои боло чунин хулоса кардан кардан мумкин аст, ки Кодекси қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васояту парастории соли 1926 дар инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба масъалаҳои оилавӣ ва никоҳӣ нақши калон бозида, дар ҳуқуқи оилавии шуравӣ ба сифати яке аз санадҳои муҳим табдил ёфта буд. Санади мазкур дар таърихи ҳуқуқи оилавии шуравӣ муҳимтарин ба ҳисоб рафта, ҷиҳати

ба даст овардани возеҳият ва устувории танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавию никоҳ мусоидат кардааст. Гуфтан мумкин аст, ки Кодекси мазкур барои дигар санадҳои ҳуқуқие, ки баъдан дар сарзамини Тоҷикистон қабул карда шудаанд, аз ҷумла қонунгузории оилавии амалкунандаи ҷумҳурӣ заминаи хуби меъёрӣ-ҳуқуқӣ гузоштааст.

Марҳилаи дигари инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ ба ташкилшавии ҶШС Тоҷикистон рост меояд. Академик М.А. Маҳмудзода давраи мазкурро таҳлили хуби таърихӣ-ҳуқуқӣ намуда, қайд менамояд, ки соли 1931 комиссияи махсус таъсис дода шуд, ки он моҳи январи соли 1932 «Маҷмуи қонунҳои амалкунандаи ҶШС Тоҷикистон»-ро омода намуд. КИМ ва ШКХ ҶШС Тоҷикистон маҷмуаро бо қарори худ аз 21-уми апрели соли 1933 тасдиқ намуда, ҳамзамон муқаррар намуд, ки Кодекси қонунҳои никоҳ, оила ва васояти ҶШС Узбекистон, ки дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон амал мекард, бо тамоми тағйиру иловаҳо то нашри Кодекси дахлдори ҶШС Тоҷикистон қувваи ҳуқуқии худро нигоҳ медорад [43, с. 30]. Аз соли 1936 сар карда, муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ ҳам бо санадҳои қонунгузории ҷумҳуриявӣ ва ҳам умумииттифоқӣ, ки ба проблемаҳои муҳимтарини ҳаёти никоҳ ва оила бахшида шудаанд, танзим карда мешаванд. Ба андешаи О.Э. Раҳмонзода, «ин санадҳои ҳуқуқии умумииттифоқӣ ва ҷумҳуриявӣ ба таҳкими муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии оилаҳои серфарзанд, зиёд кардани таваллуд, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои модару кӯдак нигаронида шуда, ба такмили қонунгузории ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла, ба ҳуқуқу озодиҳои онҳо мусоидат намуданд» [156, с. 87-88].

Бояд тазаккур дод, ки гарчанде дар ҶШС Тоҷикистон борҳо кӯшиши омода намудани лоиҳаи Кодекси қонунҳо оид ба никоҳ, оила ва васоят сурат гирифт, лекин онҳо бенатиҷа анҷом ёфтанд. Аз ҷумла, 28-уми ноябри соли 1935 ШКХ ҶШС Тоҷикистон қарор «Дар бораи нашри Кодекси ҶШС Тоҷикистон»-ро қабул намуда, Комиссариати халқии

адлияро уҳдадор кард, ки дар муҳлати се моҳ лоиҳаи кодексро омода сохта, барои муҳокима ва тасдиқ пешниҳод намояд. Аммо бо як қатор сабабҳои объективию субъективӣ ин қарор иҷро нагардид. Вобаста ба ин, Кодекси қонунҳо оид ба никоҳ, оила ва васояти ҶШС Узбекистон (соли 1928) дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон амалан то январи соли 1970, яъне то эътибор пайдо кардани Кодекси дахлдори ҶШС Тоҷикистон қувваи ҳуқуқии худро нигоҳ дошт [43, с. 30-31]. Дар ин хусус О.Э. Раҳмонзода қайд намудааст, ки «Кодекси қонунҳои никоҳ, оила ва васояти ҶШС Узбекистон, ки соли 1928 қабул шуда, дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон низ амал мекард, асосан, бо Кодекси соли 1926-и ҶФШСР мувофиқат мекард, вале як қатор тафовутҳо низ дошт. Масалан, синни никоҳӣ барои занҳо аз 16-солагӣ ва барои мардон аз 18-солагӣ муқаррар карда шудааст, ҳол он ки дар кодекси ҶФШСР ин гуна тафовут муқаррар карда нашудааст» [156, с. 86].

Дар инкишофи қонунгузории шуравӣ санади кодификатсионии дорои қувваи олии ҳуқуқ – Конститутсия, ба ҳисоб меравад. Дар Тоҷикистони таърихӣ аввалан 28-уми апрели соли 1929 ва баъдан 25-уми феврали соли 1931 Конститутсия қабул карда шуд, вале дар ҳеҷ кадоме аз онҳо оид ба масъалаҳои оилавӣ ва никоҳ қайд нагардида буд. Санаи 1-уми марти соли 1937 Конститутсияи навбатии ҶШС Тоҷикистон қабул карда мешавад, ки боби 9-уми он ба масъалаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии шаҳрванд бахшида шуда буд. Моддаи 107-и Конститутсияи мазкур ба ҳуқуқҳои занон бахшида шуда, дар он меъёрҳои эъломияҳои қаблӣ оид ба масъалаҳои манъ гардидани додугирифти қалин, баробарҳуқуқии зану мард, ба шавҳар додани духтари хурдсол, монеъ шудан ба таҳсили занон ва монанди инҳо муқаррар мешуданд [79, с. 455]. Аммо дар санади мазкур оид ба оила ва никоҳ ҳеҷ муқаррароти дахлдор ба назар намерасид.

Новобаста аз қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд ва мухталиф дар самти оила ва никоҳ, мақсади асосии қонунгузории шуравӣ

мустаҳкам кардан ва дуруст ба танзим даровардани муносибатҳои оилавию никоҳӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин хусус В.С. Тадевосян қайд намудааст, ки «қонунгузории шуравӣ оид ба никоҳ ва оила, пеш аз ҳама, мақсади таҳкими оиларо дошт» [64, с. 5]. Ба андешаи Ш.Ш. Шосаидзода, «дар шакли императивӣ ба оила дахолат намуда, давлати шуравӣ манфиатҳои давлатиро нисбат ба манфиатҳои оила боло мегузошт ва бо мақсади ҳарчи бештар онро тобеи сиёсати давлатӣ намудан, дарвоқеъ, онро вайрон мекард. Дар натиҷа, оила қобилияти ҳаётӣ ва ба ҳаводиси берунӣ мутобиқ буданро исбот намуд» [161, с. 110].

Кодекси қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васояту парасторӣ ба муътадил гардидани танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ дар давлати шуравӣ мусоидат намуда, то солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба оила ва никоҳ ба танзим даровард. Аммо солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, вақте ки дар вазъи демографӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омад, муқаррароти Кодекс вайрон карда шуд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аҳолии ИҶШС аз 194 миллион ба 167 миллион нафар кам шуд. Аз 27 миллион нафари фавтида аксариятро ҷавонон (18-38 сола) ташкил медоданд. Дар ИҶШС миллионҳо модарони танҳо ва занҳои бешавҳар пайдо шуданд. Дар чунин шароит меъёрҳои қонунгузории оилавиро ислоҳ карда, онро ба ҳолати мувофиқи тараққиёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат даровардан лозим буд. Дар ниҳоят ба муқаррароти Кодекс тағйирот ворид карда шуд [124, с. 373].

Инкишофи минбаъдаи қонунгузории оилавии ҷумҳурӣ бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда ҷараён мегирифт. Масалан, дар моддаи 4-и Кодекс бо фармони Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 28 сентябри соли 1938 тағйирот ворид карда шуда, синни никоҳии занон то 18-солагӣ баланд бардошта шуд. Санаи 30-юми январи соли 1954 Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон барои ворид намудани тағйирот ба Кодекси қонунҳои никоҳ, оила ва васояти ҶШС Тоҷикистон фармон баровард, ки он як қатор тағйиру иловаҳоро

дар бар мегирифт. Аз ҷумла, «дар ҳолати истисно, бидуни шиносномa ё шаҳодатномаи таваллуд тасдиқ кардани шахсият, вазъи оилавӣ ва синну соли никоҳшавандагон бо нишондоди шоҳидон, воситаҳои тиббӣ ва дигар роҳҳо иҷозат буд; ҳангоми бақайдгирии никоҳ тарафҳо бояд аз саломатии ҳамдигар бохабар бошанд; шахси мансабдор вазифадор аст, ки бақайдгирии никоҳро дар шиносномаи зану шавҳар бо нишон додани ному насаб ва соли таваллуди ҳамсар, маҳал ва вақти бақайдгирии никоҳ сабт намояд. Ба Кодекси оила ва никоҳи ҷумҳурӣ минбаъд низ тағйироти зарурӣ дохил карда шуданд» [43, с. 32].

Дар инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ Кодекс оид ба никоҳ ва оилаи ҶШС Тоҷикистон нақши калон бозидааст, зеро аввалан, Кодекси мазкур дар заминаи кодексҳои қаблӣ таҳия шуда, санади мукаммалёфта ба ҳисоб меравад; дуюм, Кодекси мазкур пас аз қабули санадҳои муҳимми байналхалқӣ қабул гардидааст, аз ин рӯ, дар таҳияи меъёрҳои он меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ таъсир расонидаанд, сеюм, Кодекси мазкур никоҳро пеш аз оила гузоштааст, яъне дар он ба институти никоҳ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардидааст.

Лозим ба ёдоварист, ки Кодекси мазкур якбора қабул нашуда, балки як марҳилаи муайяни омодагӣ ва қабулро аз сар гузаронидааст. Масалан, санаи 28-уми ноябри соли 1935 ШКХ ҶШС Тоҷикистон дар бораи нашри Кодекси ҶШС Тоҷикистон қарор қабул намуда, Комиссариати халқии адлияро уҳдадор мекунад, ки дар муҳлати се моҳ лоиҳаи кодексро омода сохта, барои муҳокима ва тасдиқ пешниҳод намояд. Аммо бо як қатор сабабҳои объективию субъективӣ ин қарор иҷро намегардад. Танҳо пас аз қабули Асосҳои қонунгузорӣ оид ба никоҳ ва оилаи ИҶШС дар соли 1968 имконият фароҳам омад, ки дигар ҷумҳуриҳои умумииттифоқӣ қонунгузории оилавии худро қабул намоянд. Ниҳоят, санаи 30-юми июли соли 1969 Кодекс оид ба никоҳ ва оилаи ҶШС Тоҷикистон қабул карда шуд. Ба санади мазкур ҳарчанд тағйиру иловаҳои зиёд ворид шуда бошанд ҳам, вале то қабули Кодекси

оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 дар Тоҷикистон амал карда, муносибатҳои ҳуқуқиро оид ба никоҳ ва оила ба танзим даровардааст. Дар хусуси қабули кодекси мазкур О.Э. Раҳмонзода чунин қайд кардааст, ки барои инкишофи минбаъдаи қонунгузории оилаи ҷумҳуриҳо, аз ҷумла, ҶШС Тоҷикистон аз тарафи Шурои Олии ИҶШС қабул карда шудани Қонун дар бораи тасдиқ намудани Асосҳои қонунгузории ИҶШСР ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар бораи никоҳ ва оила аҳаммияти фавқулода дошт. Мувофиқи ҳамин санад 19-уми июни соли 1969 Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон Кодекс оид ба никоҳ ва оилаи ҷумҳуриро қабул кард, ки он аз моҳи январи соли 1970 эътибор пайдо карда, барои беҳтар намудани муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои занон дар мамлакат марҳилаи нав ба ҳисоб мерафт [156, с. 93].

Яке аз санадҳои муҳимми дигар, ки дар инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба никоҳ таъсири бевосита расонидааст, қабули Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1978 ба ҳисоб меравад. Санади мазкур бори нахуст дар таърихи халқи тоҷик муҳимтарин ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар худ таҷассум намуда, аввалин маротиба дар он меъёри ҳуқуқӣ оид ба дар паноҳи давлат будани оила пешбинӣ гардид. Бешубҳа, метавон гуфт, ки меъёри м. 34-и Конститутсияи амалкунандаи кишвар сарчашмаи худро маҳз аз ҳамин меъёри зикршуда мегирад. Бо қабули санади мазкур ҶШС Тоҷикистон барои оила бо роҳи барпо намудан ва зиёд кардани шабакаи муассисаҳои бачагона ва ташкилу такмили хизмати маишӣ ва хӯроки умумӣ, ба муносибати таваллуд шудани кӯдак додани ёрдампулӣ, ба оилаҳои серфарзанд додани ёрдампулӣ ва имтиёзот шароити мусоидро муҳаё намуд. Дар Конститутсияи мазкур қайд гардида буд, ки никоҳ дар асоси розигии ихтиёрии зану мард баста шуда, ҳамсарон дар муносибатҳои оилавӣ пурра баробарҳуқуқ мебошанд [79, с. 650].

Инкишофи минбаъдаи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ бо ворид намудани тағйиру иловаҳо қонунгузории амалкунанда

дар соҳаи оила ва никоҳ ба роҳ монда шудааст. Масалан, Фармони Шурои Олии ИҶШС аз санаи 20-уми феврали соли 1985 «Дар бораи баъзе тағйиротҳои тартиби ситонидани алимент барои кӯдакони ноболиғ» дар масъалаи супоридани алимент тағйирот ворид намуд, Фармони Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз санаи 19-уми ноябри соли 1986 ба моддаи 68-и Кодекси никоҳ ва оилаи ҶШС Тоҷикистон оид ба андозаи алимент иловаҳо ворид намуд. Қонуни ИҶШС аз 22 майи соли 1990 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории ИҶШС оид ба масъалаҳое, ки ба занҳо, оила ва кӯдакон дахл доштанд» ба Асосҳои қонунгузорӣ дар бораи никоҳ ва оила тағйирот ворид намуд. Умуман, қонунгузории шуравӣ оид ба никоҳ дар охири асри XX ба такмилдиҳӣ ниёз дошт. Аз ин рӯ, ба он тағйиру иловаҳои зиёд ворид карда шуда, дар натиҷа онҳо мукаммал гардонида шуданд. Дар ин хусус О.Э. Раҳмонзода қайд намудааст, ки ба Кодекс бисёр тағйироту иловаҳо вобаста ба қайди қатъи ақди никоҳ мансуб буданд. Мувофиқи моддаи 16-и Кодекси мазкур ҳангоми бақайдгирии қатъи ақди никоҳ масъалаи кадоме аз зану шавҳар ва кадоме аз фарзандонро бояд тарбия намояд, кадоме аз волидон ва то чӣ андоза хароҷоти нигоҳубини кӯдаконро ба дӯш мегирад, инчунин маблағи таъминот барои ҳамсари маъюби эҳтиёҷманд муқаррар мешуд [156, с. 91].

Мутобиқи меъёрҳои конститутсионӣ ва Асосҳои қонунгузорӣ, Кодекси ҶШС Тоҷикистон аз муқаддима, 5 фасл, 23 боб ва 223 модда иборат буда, мантиқан принсипи баробарӣ ва ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои занонро ифода мекард. Таркиби Кодекс чунин масъалаҳои муҳимро фарогир буд: асосҳои вазъи қонунгузории никоҳӣ-оилавӣ ва муҳлати даъво (м.м. 1-11); тартиб ва шартҳои ақди никоҳ, ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳар, қатъи ақди никоҳ, асосҳо, тартиб ва оқибатҳои беэътибор донистани ақди никоҳ (м.м. 12-48); уҳдадориҳои алиментӣ, фарзандхондӣ, васоят ва парасторӣ (м.м. 49-174); санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ, аз ҷумла, муносибатҳое, ки вобаста ба бақайдгирии

таваллуд, фавт, акди никоҳ, қатъи нкиоҳ, фарзандхонӣ, тағйир додани ном, номи падар ва насаб (м.м. 175-213) ва ниҳоят, татбиқи қонунгузории шуравӣ дар бораи никоҳ ва оила ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, инчунин татбиқи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва шартномаҳои байналхалқӣ оид ба никоҳ ва оила (м.м. 214-223) [156, с. 93-94].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили масъалаи инкишофи қонунгузории шуравӣ дар соҳаи никоҳ чунин хулосаҳоро баровардан мумкин аст:

1. Аз таҳлили андешаҳои боло метавон чунин хулоса кард, ки даврабандии инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дорои аҳаммияти калони назариявӣ буда, ҳамзамон институти мазкур дар ҳуқуқи шуравӣ марҳилаҳои гуногуни таърихиро тай намудааст. Бо ин назардошт, мо метавонем чунин даврабандии инкишофи қонунгузории шуравиро оид ба институти никоҳ пешкаш намоем: 1) инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи пасазинқилобӣ ва баркароршавии ҳокимияти шуравӣ (солҳои 1917-1924); 2) ташаккули қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи ташкилшавӣ ва фаъолияти ҶМШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1929); 3) рушди қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи ташкилшавӣ ва фаъолияти ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1929-1998). Бояд тазаккур дод, ки даврабандии мазкур бо назардошти вазъи сиёсию ҳуқуқии Тоҷикистон дар давраи амали Ҳокимияти Шуравӣ пешниҳод шудааст. Агар мо вазъи сиёсию ҳуқуқии минтақа ва ё ҷаҳонро ба инобат гирем, он гоҳ метавонем даврабандии инкишофи қонунгузории шуравиро оид ба институти никоҳ дар шакли зерин пешниҳод намоем: 1) инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ пас аз Инқилоби Октябр (солҳои 1917-1938); 2) ташаккули қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи оғози Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ва солҳои аввали баохиррасии он (солҳои 1939-1947); 3) рушди

қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва қабули санадҳои муҳимми байналмилалӣ (солҳои 1948-1998).

2. Таҳқиқот нишон дод, ки институти никоҳ ҳанӯз аз солҳои аввали пасазинқилобӣ бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии мухталиф (декретҳо, эъломияҳо, кодексҳо ва конститутсияҳо) мустаҳкам гардида, марҳила ба марҳила бо мукаммал гардидани қонунгузории кишвар институти никоҳ низ ташаккул ёфтааст. Аз ҷумла, дар солҳои аввали ҳуқуқи шуравӣ синни никоҳӣ омехта муқаррар шуда, нисбатан паст буд. Ба андешаи мо, ин таъсири меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ мебошад, зеро дар солҳои аввали ҳуқуқи шуравӣ ҳануз меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ пурра аз байн нарафта буданд. Масъалаи синни никоҳӣ аввалан барои марду зан аз 16-солагӣ, баъдан барои занон аз 16-солагӣ ва барои мардон аз 18-солагӣ ва дар ниҳоят барои марду зан аз 18-солагӣ муқаррар гардида буд.

3. Маълум гардид, ки қонунгузории шуравӣ оид ба никоҳ марҳилаи пурпечутоби таърихӣ ва инкишофро аз сар гузаронида, миёни солҳои 1917-1970 як қатор санадҳои ҳуқуқии ҷудогонаро фаро мегирад. Қонунгузории шуравӣ дар соҳаи никоҳ танҳо дар солҳои 70-ум бо қабули Кодекси ҶШС Тоҷикистон оид ба никоҳ ва оила ва Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон дар сатҳи лозима муносибатҳои ҳуқуқиро оид ба никоҳ мавриди танзим қарор дода, нисбат ба санадҳои қаблан қабулгардида мукаммал ба ҳисоб мерафтанд. Далели мукаммалии ин санадҳо дар он ифода мегардад, ки онҳо то қабули нахустин санадҳои ҳуқуқии даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон амал кардаанд.

4. Дар натиҷаи таҳлилҳо муайян гардид, ки новобаста аз қабули санадҳои ҳуқуқии зиёд ва ислоҳот дар самти қонунгузории оилавӣ, ки дар инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ таъсири мусбӣ расонидаанд, дар марҳилаҳои аввал як қатор камбудиҳо ба назар мерасиданд. Аз ҷумла, падидаҳои алоҳидаи ҳуқуқи оилавӣ, масалан, тартиби бастани никоҳ на дар қонун, балки дар санадҳои зериқонунӣ зикр шуда буданд; қонунҳои нав қабулшавандаи марбут ба никоҳ ва оила

бидуни зарурат меъёрҳои ҳуқуқии оилавии пешамалкунандаро такрор мекарданд; қонунгузории оилавии амалкунанда аксаран хислати тантанавӣ дошт; байни меъёрҳои оилавию никоҳии алоҳида ихтилофҳо ба назар мерасиданд.

## 1.4. Таҳаввули вазъи ҳуқуқии бастан ва бекор кардани ақди никоҳ дар давраи шуравӣ

Қонунгузории оилавӣ ва никоҳ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ борҳо тағйир ёфтааст. Маҳз дар ҳамин раванд институти ақди никоҳ, аз ҷумла, тартиби бастани он тағйиру ташаккул ёфта, танзими ҳуқуқию расмиро касб намудааст. Дар илми ҳуқуқшиносӣ аз нигоҳи таърихӣ ва назариявӣ ба таҳлили танзими ҳуқуқии бақайдгирии ақди никоҳ таваҷҷуҳи кофӣ дода нашудааст. Дар баробари ин, фаъолияти татбиқи қонун дар ин самт бе заминаи кофии идеявию назариявӣ, ки таҳлили таҷрибаи андӯхтаи афкори сиёсию ҳуқуқии дохилиро дар бар мегирад, имконнопазир мебошад.

Муҳаққиқони ватанӣ дар ин хусус қайд менамоянд, ки «донистани таърих ва сарчашмаҳои асосии қонунгузории оилавӣ барои пурмазмун ва ҳамаҷониба аз худ кардани институҳои алоҳидаи ин соҳаи ҳуқуқ кумаки беандоза доранд. Зеро дар оянда ҳангоми ҳалли масъалаҳои муҳимми ҳаёти оилавӣ, пеш аз ҳама, ба сарчашмаҳои ҳуқуқӣ такя карда, мутахассис хулосаи зарурӣ мебарорад» [107, с. 74]. Дар заминаи андешаи мазкур қайд менамоем, ки таҳқиқу баррасии масъалаи тартиби бастан, шартҳо ва тартиби бекор кардани ақди никоҳ дар марҳилаҳои таърихӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, дар натиҷа таҷрибаи ғании таърихию ҳуқуқӣ дар соҳаи никоҳ ба даст оварда мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки марҳилаи муҳим дар ташаккули масъалаҳои никоҳ давраи амали ҳуқуқӣ шуравӣ ба ҳисоб меравад. Бо ташкили ҳокимияти шуравӣ бисёре аз масъалаҳои давлатию ҷамъиятӣ мавриди тағйирпазирӣ қарор гирифтанд, ки ин раванд нисбат ба институти никоҳ

низ бетаъсир намонд. Ҳокимияти шуравӣ ба масъалаҳои муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҳаёти ҳаррӯза, муносибатҳои гендерӣ ва масъалаҳои оила аҳаммияти махсус медод. Омӯзиши назариявии ин масъаларо олимони шуравӣ танҳо аз мавқеъҳои марксистӣ-ленинӣ ба амал баровsecurityанд. Дар баробари ин, идеологҳо ва сиёсатмадорони шуравӣ дар тафсир ва дарки ин масъала аз арзёбиҳои мухолифи ниҳоди никоҳ ва оила худдорӣ накардаанд [97, с. 9]. Дар адабиёт қайд мегардад, ки солҳои ҳокимияти шуравӣ санадҳои дахлдор қабул карда шуданд, ки онҳо муносибатҳои никоҳ ва оиларо ба тартиб медароварданд. Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба руҳияи замон мувофиқ буданд. Ғайр аз ин, оид ба масъалаҳои САҲШ дастуру низомномаҳои гуногун бароварда шудаанд [20, с. 83]. Маҳз дар давраи шуравӣ оид ба масъалаи тартиби бастан, бекор кардан, шартҳо ва монеаҳои ақди никоҳ як қатор тағйиротҳо ба амал омаданд. Аз ҷумла, баъзе монеаҳо на танҳо тағйир ёфтанд, балки маънои ҳуқуқии худро гум карданд, масалан, гуногунии эътиқодии динии зану шавҳар, бақайдгирии ақди никоҳ ҳатмӣ гардид ва ғ.

То давраи амали ҳуқуқи шуравӣ санадҳои кодификатсионӣ оид ба масъалаи тартиби бастани никоҳ вуҷуд надоштанд. Маҳз дар давраи шуравӣ таҳкурсӣ гузошта шуд, ки баъдан нахустин сарчашмаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи никоҳ ба вуҷуд омаданд [128, с. 51]. То оғози ҳуқуқи шуравӣ тартиби бастани никоҳ бо риояи бисёре аз расмиётҳо хос буд. Масалан, пурсиши ҳамсарон ва шоҳидон дар бораи мавҷуд будан ё набудани монеаҳои қонунӣ барои никоҳ [155, с. 89], дигар расму оинҳо ва одатҳои динӣ. Дар асл, бақайдгирии расмии ақди никоҳ ба намояндагони динҳо вогузор карда буд, ки вазифаҳои он дохил кардани сабти дахлдор дар феҳристҳо буданд.

Гурӯҳе аз муҳаққиқон бар ин назаранд, ки пас аз инқилоб дар ҷомеа мушкилии наве ба миён омад, ки навовариҳои ҳокимияти шуравӣ боиси он гардиданд, то аҳолӣ ба бунёди оила муносибати сода намоянд, зеро чунин тартиби содашуда, воқеан, имкон дод, ки шаҳрвандон дар як

рӯз никоҳ баста, никоҳи худро бекор намоянд [127, с. 340]. Аслан, сухан оид ба низоми содашудаи бекор кардани ақди никоҳ меравад. Санадҳои дар ин давраи таърихӣ қабулгардида тартиби бекор кардани ақди никоҳро осон намуда, баъзе монеаҳоро аз байн бурданд, ки чунин ҳолат боиси бекоршавии зиёди никоҳҳо гардид. Бояд гуфт, ки чунин ҳолат то имрӯз идома дорад. Моро зарур аст, ки ба таҷрибаҳои пеш аз давраи шуравӣ такя намуда, бо назардошти шароити нав низоми бекор намудани никоҳро каме душвортар намоем.

Инқилоби Октябри соли 1917 шакли нави тараққиёт, аз ҷумла, институти никоҳро муайян намуд. Санадҳои нави қабулгардида қоидаҳои ҳуқуқии гузаштаро дар бар намегирифтанд. Никоҳ танҳо дар сурате қонунӣ дониста мешуд, ки агар тартиби бақайдгирии ақди никоҳ дар мақомоти давлатӣ риоя мегардид. Баробари дар моҳи декабри соли 1917 қабул шудани Декрет «Дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ, дар бораи кӯдакон ва пеш бурдани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ва «Дар бораи талоқ» дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ инқилоби асосӣ ба амал омад. Қонунгузории шуравӣ озодии ақди никоҳро эълон карда, тамоми маҳдудиятҳои синфӣ, динӣ ва моликиятро аз байн бурда, инчунин, озодии ҷудошавиро муқаррар кард.

Декретҳои зикргардида чунин монеаҳои никоҳро муқаррар мекарданд: хешутабории наздик; дар никоҳи дигар қарор доштан; номукаллафӣ [153, с. 86]. Ба ғайр аз ин, дигар монеаҳои акди никоҳ низ ба назар мерасиданд. Аз ҷумла, яке аз монеаҳо ва шартҳои муҳим ҳангоми бастани никоҳ мукаллафӣ ба ҳисоб мерафт. Мукаллафӣ мавҷуд набудани бемории руҳиро дар никоҳшавандагон ифода менамояд. Бояд гуфт, ки шахсоне, ки хохиши никоҳ карданро доранд, на танҳо ҳангоми ақди никоҳ, балки аслан набояд гирифтори бемории равонӣ бошанд. Агар одам мукаллаф бошад, пас, ӯ метавонад худ нияти никоҳро баён кунад. Аз ин рӯ, шарти дигар ихтиёрона бастани никоҳ ба ҳисоб мерафт. Бояд гуфт, ки қонунгузории шуравӣ барои ақди никоҳ ризоияти падару

модар ё дигар шахсонро талаб намекунад ва ин ҳолат имкони фишори шахсони дигарро амалан аз байн мебурд. Бисёрзанӣ барои ҳама, сарфи назар аз эътиқоди динии шахсоне, ки никоҳ мекунанд, манъ буд. Аз ин рӯ, шарти дигари никоҳ мавҷуд набудани никоҳи дигари ба қайд гирифташуда ё ақди никоҳи дорои мақоми бақайдгирифташуда маҳсуб мегардид.

Дигар монеаи ақди никоҳ бастани никоҳ байни хешутабори наздик ба ҳисоб мерафт. Никоҳ кардан бо хешовандони хунӣ бидуни маҳдудият дар дараҷаи хешовандӣ манъ буд. Никоҳҳо ҳам байни бародарону хоҳарон пурра манъ карда шуданд. Аммо молу мулк, хешутаборӣ тавассути фарзандхонӣ ва хешовандии руҳонӣ дигар монеа барои никоҳ набуданд. Қонунгузорӣ, ҳамчунин, «як қатор маҳдудиятҳое, ки ба бастани никоҳ (қаблан, бинобар шакли динии никоҳ вуҷуд доштанд) аз байн бардошта шуд, аз ҷумла, гуногунии эътиқоди динии одамон дигар монеа барои бастани никоҳ ҳисобида намешуд» [37, с. 71]. Шароити никоҳ ба таври назаррас сабук карда шуда, монеаҳои зиёде барои бастани он бартараф карда шуданд. Аз ҷумла, маҳдудияти никоҳ кардани шахсони дар хизмати ҳарбӣ ё шаҳрвандӣ қарордошта бе иҷозати роҳбарашон бекор карда шуд [153, с. 89]. Минбаъд бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз тобеияти сохторҳои динӣ ба салоҳияти истисноии мақомоти давлатӣ гузашт. Ҷиҳати ба амал баровардани Декретҳо (соли 1917) соли 1918 дар шуроҳои шаҳрӣ ва минтақавӣ шуъбаҳои қайди ақди никоҳ ва таваллуд ташкил карда шуданд [97, с. 10].

Ҳамин тариқ, яке аз аввалин Декретҳои ҳокимияти шуравӣ ба муборизаи зидди меъёрҳои ҳуқуқии динӣ нигаронида шуда буд. Бекор кардани тартиби динии никоҳ ва талоқ барои ҳалли низоъҳои ҳуқуқи оилавӣ мувофиқи принсипҳои эълоншуда имконият фароҳам овард, ки яке аз онҳо баробарии пурраи зану мард ба ҳисоб мерафт. Иродаи озоди шахсоне, ки ба ақди никоҳ медароянд, ҳалкунанда гардид ва он муносибатҳои ҳуқуқии оилавиро, дар маҷмуъ, муайян мекард.

Бояд тазаккур дод, ки қонунгузории нави оила тартиби на танҳо бастани ақди никоҳ, балки бекор кардани онро ҳам тағйир дод. Никоҳ дар натиҷаи марги яке аз ҳамсарон ё фавтида эълон шудан аз тарафи суд, инчунин, дар натиҷаи талоқ метавонист қатъ карда шавад. Бо вуҷуди ин, қонунгузории нав баҳо додани никоҳро ҳамчун муқаддасот ва иттиҳоди аслан ҷудонашаванда аз байн бурд, бинобар ин, тартиби бекор кардани ақди никоҳ хеле сода гардид. Масъалаи ислоҳоти тартиби талоқ дар охири асри XIX муҳим буд. Раванди ҷудошавӣ пеш аз инқилоб тартиби оштишавии тарафҳо ва пешниҳод намудани далелҳои мавҷудияти асосҳои қонунии ҷудошавиро дар бар мегирифт. Баъдтар ин далелро суд бояд санҷида, қарори дахлдор қабул менамуд. Инчунин, метавон гуфт, ки шаҳодати шоҳидон ҳамчун далели зино қабул карда мешуд ва аксар вақт боиси шаҳодати бардурӯғ мегардад. Аз ин рӯ, барои ҳокимияти шуравӣ хеле муҳим буд, ки тартиби пештараи ҷудошавиро зуд тағйир диҳанд. Ин бори аввал дар Декрет «Дар бораи талоқ» сурат гирифт, ки тибқи он шаҳрвандон ҳуқуқи ҷудо кардани ақди никоҳро на танҳо бо хоҳиши ҳамдигар ва ризоияти зану шавҳар, балки бо хоҳиши яке аз онҳо пайдо карданд. Ин дархост метавонист ба таври хаттӣ ё шифоҳӣ пешниҳод карда шавад. Яъне агар яке аз зану шавҳар хоҳиши бекор кардани никоҳро дошта бошанд, бо вуҷуди хости ҳамсари дигар никоҳ бояд қатъ карда шавад.

Ба андешаи Ю.В. Бондаренко, «тартиби бақайдгирии ақди никоҳ бо дастури Комиссариатҳои халқии адлия ва худидоракунии маҳаллӣ «Дар бораи ташкили шуъбаҳои қайди ақди никоҳ ва таваллуд», ки моҳи январи соли 1918 қабул шуда буд, муфассалтар танзим гардид» [97, с. 10]. Сабти ақди никоҳ дар дафтари никоҳи ақди никоҳ аз ҷониби раиси шуъба (ё ҷонишини ӯ) ва котиби шуъба (ё ёрдамчии ӯ) сурат мегирифт, ки пеш аз ворид кардани сабт шахсияти никоҳшавандагон, оиладор будан ё набудан, ихтиёран баён кардани хоҳиш ва риояи шартҳои никоҳи онҳоро месанҷиданд.

Моҳи сентябри соли 1918 Кодекси қонунҳо дар бораи ҳолати шаҳрвандӣ, никоҳ, оила ва васоят қабул карда шуд. Кодекс муқаррар кардааст, ки танҳо никоҳи шаҳрвандӣ (дунявӣ), ки дар шуъбаи САҲШ ба қайд гирифта шудааст, боиси ба вуҷуд омадани ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳар мегардад ва эътибори ҳуқуқии никоҳи аз рӯйи расму оинҳои динӣ басташуда эътироф карда намешаванд. Атрофи меъёрҳои санади мазкур андешаҳо хеле зиёданд. Дар адабиёт қайд мегардад, ки дар ин хуҷҷат нуқтаҳои декретҳои аз ин пеш қабулшуда, масалан, дар бораи барҳам додани бисёр монеаҳо барои никоҳ ва муқаррар намудани реҷаи алоҳидаи моликияти зану шавҳар ҷамъбаст карда шудаанд. Дар он, инчунин оқибатҳои ҳуқуқӣ ҳангоми ҷудошавӣ ва агар акди никоҳ дертар беэътибор дониста шуда бошад, муайян гардиданд. Кодекс аз он сабаб хеле муҳим буд, ки он нобаробарии кӯдакони никоҳҳои қонунӣ ва ғайриқонуниро аз байн бурд [127, с. 340]. Дар дигар сарчашмаҳо иброз гардидааст, ки «Кодекси қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳу оила ва васояти ҶФШСР, ки 16-уми сентябри соли 1918 қабул шуд, декретҳои соли 1917-ро рушду инкишоф доданд. Кодекс танҳо никоҳи шаҳрвандонеро, ки дар мақомоти САҲШ ба қайд гирифта шудааст, эътироф менамуд» [80, с. 40]. Санади мазкур дар моддаҳои алоҳида тартиби пурраи бастан ва бекор кардани акди никоҳрро ба танзим медаровард. Аз ҷумла, шартҳои акди никоҳро м.м. 66 ва 70-и Кодекси нав (соли 1918) муқаррар кардаанд, ки тибқи онҳо яке аз муҳимтаринҳо расидан ба синни никоҳӣ маҳсуб меёфт. Синни никоҳ барои мардон 18 сол ва барои занон 16 сол муқаррар карда шуд (м. 66).

Шарти дигари бастани никоҳ розигии шахсоне ба шумор мерафт, ки акди никоҳ мекунанд (м. 70). Ин муқаррарот дар м. 12-и Кодекс муқаррар шуда буд, ки барои бастани акди никоҳ розигии тарафайн ва бемаҳдудияти шахсони акди никоҳро талаб мекард. Дар сурати набудани розигии яке аз зану шавҳар акди никоҳ метавонист ба тариқи суд беэътибор дониста шавад (м. 80).

Қонунгузории нав монеаҳои ақди никоҳро муқаррар мекард. Мутобиқи меъёрҳои Кодекс, шахсоне, ки аллакай дар ақди никоҳи дигари ба қайд гирифташуда ё ақди никоҳи дорои эътибори бақайдгирифташуда қарор доранд, никоҳ карда наметавонистанд (м. 68). Тибқи қонунгузории қаблӣ (декретҳо) дузанагӣ манъ буда, принсипи якканикоҳӣ ҷорӣ буд, вале қонунгузории нав дузанагиро танҳо барои яҳудиён ва масеҳиён маҳдуд намуда, барои намояндагони дигар динҳо иҷозат медиҳад.

Бояд зикр намуд, ки дар солҳои аввали ҳокимияти шуравӣ тамоми кӯшиши ҳокимият баҳри ҷорӣ сохтани никоҳҳои шакли давлатӣ, аз байн бурдани расму оинҳои динӣ ва шакли динии бастани ақди никоҳ нигаронида шуда буд. Аммо тартибу низоми ҳуқуқӣ оид ба бастани никоҳ танҳо дар қисматҳои шаҳрнишини аҳолӣ амалӣ мегардид. Дар деҳотҳо кӯшиши бо расму оинҳои нав иваз кардани урфу одатҳои кӯҳна амалан бебарор буд. Деҳа ба навоварӣ устуворона муқобил истода, такягоҳи ҳаёти патриархалӣ буд. Дар охири солҳои 20-ум талошҳои мақомот барои ҷорӣ кардани таҷрибаи «тӯйи сурх» дар фарҳанги оммавӣ амалан бенатиҷа монданд. Дар ҷумҳуриҳои алоҳида вазъият аз сабаби дар амал нигоҳ доштани меъёрҳои шариат мураккаб мегардид [97, с. 11], аз ҷумла дар Тоҷикистони шуравӣ.

Бояд гуфт, ки ҳукумати подшоҳӣ дар масъалаи танзими муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ сиёсати чандиртареро пеш гирифта, ба халқҳои ғайри насронӣ ҳангоми ба никоҳ даромадан ба расму оин ва одатҳои динии худ иҷозат медод: «Ҳар як қабила ва халқ мувофиқи қоидаҳои қонуни худ ё мувофиқи урфу одатҳои қабулшуда барои никоҳ бастан иҷозат дода мешавад» [97, с. 11]. Аммо қонунгузории ҳокимияти шуравӣ ин меъёрро аз байн бурда, барои тамоми ҷумҳурӣ низом ва меъёри якхела муқаррар намуд. Бо ҷудо шудани сохторҳои динӣ, давлат ва муқаррар кардани қонуни танҳо никоҳи шаҳрвандӣ татбиқи қонунҳои урфу одат ё исломӣ истисно карда шуд. Қонунгузории солҳои аввали

ҳокимияти шуравӣ танҳо никоҳҳоеро эътироф мекард, ки бо тартиби муқарраршуда ба қайд гирифта шудаанд. Ақди никоҳ бояд дар мақомоти САҲШ қайд карда мешуд (м. 52). Танҳо пас аз ин никоҳшавандагон метавонистанд ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зану шавҳарро ба даст оваранд. Агар ақди никоҳ аз рӯйи расму оинҳои динӣ анҷом шуда бошад, ин ҳолат боиси оқибати ҳуқуқӣ намегардид. Новобаста аз андешаҳо ва меъёрҳои ҷойдошта, дар амалия баъзе истисноҳо ва ё мухолифатҳо ба назар мерасиданд. Аз ҷумла, дар замони ҳокимияти шуравӣ як қисм аҳолии мусулмон дар бобати риоя намудани меъёрҳои қонунгузории шуравӣ интихоби муайян зоҳир менамуданд.

Мутобиқи қонунгузории нав, бастани никоҳ тартиби муайянро доро буд. Барои ақди никоҳ аз онҳое, ки хоҳиши ақди никоҳ карданро доранд, ба мақомоти САҲШ-и маҳаллӣ аризаи хаттӣ пешниҳод кардан лозим буд. Ба ариза дар бораи хоҳиши ақди никоҳ чунин зарураҳо илова карда мешуданд: шаҳодатномаи шахсияти зану шавҳар ва имзои зану шавҳар дар бораи никоҳи ихтиёрӣ ва мавҷуд набудани монеаҳо барои ақди никоҳ [153, с. 93]. Тавре зикр гардид, агар дар ҷараёни сабти ақди никоҳ монеаҳои ақди никоҳ ошкор карда шаванд, бақайдгирӣ қатъ шуда, парванда ҷиҳати баррасӣ ба мақомоти судӣ фиристода мешуд.

28-уми феврали соли 1924 КИМ-и умумибухороӣ қарор кард, ки дар тамоми қаламрави ҶШХБ кодекси қонунҳои никоҳ, оила ва васояти ҶШСФР ҷорӣ карда шавад. 17-уми апрели соли 1924 ба Кодекси ҷиноятии ҶШСФР тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, барои қалин додану қалин гирифтан ва дуздидани духтар бо мақсади никоҳ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардид. Ин барои инкишофи қонунгузории соҳавӣ таҳкурсии ҳуқуқӣ гузошт [44, с. 21-26]. Тавре маълум мегардад, солҳои аввали ҳокимияти шуравӣ дар ташаккули масъалаҳои тартиби бастан ва бекор кардани никоҳ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ қонунгузории ҶШСФР нақши калон бозидааст.

Кодекси қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васояти ҶШСФР дар соли 1926 марҳалаи навбатии ислоҳоти қонугузорӣ барои кишварҳои ИҶШС ба ҳисоб мерафт. Санади мазкур тамоми қонунгузории қаблиро фаро мегирифт. Бояд гуфт, ки меъёрҳои кодекс то соли 1969 амал мекарданд, вале давоми солҳои 1940-1950 ба онҳо иловаҳои калон дохил карда шуданд. Тавре Ю.В. Бондаренко қайд мекунад, «Кодекси нави қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васоят, ки онро КИМ-и умумируссиягӣ 19 ноябри соли 1926 қабул карда буд, никоҳи қайднашударо бо никоҳи қайдшуда баробар кард» [97, с. 11]. Ҳамин тариқ, шахсоне, ки зиндагии якҷоя доштанд, вале ақди никоҳи худро расман ба қайд нагирифтаанд, аз рӯйи ҳуқуқ ва ухдадориҳои худ ба зану шавҳари дар ақди никоҳи қайдшуда баробар буданд.

Бо қарори Раёсати КИМ ҶШС Ӯзбекистон аз 24-уми октябри соли 1925 синни ниҳоии никоҳ барои занони миллатҳои Шарқ 16 сол муқаррар гардид, ки ин синну солро дар ҳолатҳои истисно дар асоси хулосаи духтур то ба як сол кам кардан мумкин буд. Аз ин хотир, 22-юми декабри соли 1925 Раёсати Комитети инқилобии ҶМШ Тоҷикистон қарор кард, ки дар назди КИМ ИҶШС тавассути КИМ-и Ӯзбекистон бар зидди муқаррар кардани синни ниҳоии никоҳ барои занон 16 сол ва барои мардон 18 сол хоҳиш шавад. Ҳамчун истисно дар ҳолати мушаххас бо иҷозати духтур шароити иқлим, маишӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ба эътибор гирифта шуда, ба мардон 17 ва ба занон аз синни 15-солагӣ ба никоҳ даромадан иҷозат дода мешуд. Аммо Анҷумани якуми муассисони Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон ин масъаларо ба тарзи дигар ҳал намуд. Дар банди 3-юми Эъломияи Анҷуман аз 11 декабри соли 1926 синни никоҳ бидуни истисно аз 16 солагӣ муқаррар гардид [71, с. 20]. Маврид ба зикр аст, ки чунин қарор дер давом накарда, соли 1927 барои тамоми ИҶШС синни никоҳи умумӣ аз 18 солагӣ муқаррар карда шуд.

Ақди никоҳи воқеӣ ҳамзистии якҷояи марду занро бидуни ба расмият даровардани никоҳ тибқи тартиби муқарраршуда муайян

менамуд, яъне никоҳи онҳо дар мақомоти САҲШ ба қайд гирифта нашудааст. Аммо дар қонун барои эътирофи чунин никоҳ шартҳои зерин муқаррар карда шудаанд: ҳамдигарро эътироф кардани зану шавҳар, якҷоя зистан, доштани хоҷагии умумӣ, инчунин дастгирии ҳамдигар ва тарбияи якҷояи фарзандон. Ҳамин тавр, Кодекси соли 1926 имконияти эътибори ҳуқуқии эътироф намудани муносибатҳои ҳамзистиро, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун дар мақомоти САҲШ ба қайд гирифта нашудаанд, пешбинӣ намуд.

Соли 1927 раванди танзими муносибатҳои оилавию никоҳ бо мавриди амал қарор гирифтани Кодекси конунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васоят идома ёфт, ки дар он ҷиҳатҳои ҳуқуқие, ки дар кодекси пештара ифода ёфта буданд, мавриди ташаккул қарор гирифтанд. Тартиби бекор кардани ақди никоҳ ба танзим даровarda шуд, акнун ин тартиб дар идораи САҲШ ва дар суд гузаронида мешуд. Маҳдудиятҳои синни никоҳ тағйир ёфтанд, синни никоҳӣ барои духтарон ба ивази 16-солагӣ, ки қаблан муқаррар шуда буд, аз 18-солагӣ муқаррар гардид.

Шартҳои никоҳ мисли пештара ба синни ақди никоҳ расидан, розигии тарафайни шахсоне, ки ба ақди никоҳ медароянд ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои муайян: шахсият, имзо дар бораи мавҷуд набудани монеа барои ақди никоҳ буданд. Илова бар ин, ҳангоми муроҷиат ба ақди никоҳ талаб карда мешуд, ки шахсони ақди никоҳ аз вазъи саломатии худ, аз ҷумла, дар бораи бемориҳои таносул, равонӣ ва сил бохабар буда, нишон диҳанд, ки ҳар кадоми онҳо дар кадом никоҳ қарор дошта, чанд фарзанд доранд (м. 132 Кодекс). Дар муқоиса бо Кодекси соли 1918, ки синни никоҳро гуногун муқаррар кардааст, кодекси нав онро барои марду зан баробар аз 18-солагӣ муқаррар намуд. Аммо барои зан синни никоҳӣ агар сабабҳои узрнок дошта бошад, (ҳарчанд чунин сабабҳои узрнок дар қонун муқаррар нашудаанд) метавонист як сол кам шавад.

Давлати шуравӣ солҳои аввали мавҷудияти худ дар масъалаҳои такмил додани қонунгузории никоҳ ва оила дигаргунии муайянеро аз сар

гузаронд. Тавре дар адабиёт қайд мегардад, «хусусияти хос дар он буд, ки бар хилофи танзими императивие, ки ба қонунгузории Империяи Руссия хос буд, солҳои аввали ҳокимияти шуравӣ танзими муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ, асосан, характери диспозитивӣ доштанд» [153, с. 102-103]. Аммо ин вазъият ба қадри кофӣ дер давом накард. Марҳалаи нави дигаргунсозии қонуни оилаи шуравӣ аз соли 1944 инҷониб сиёсати танзими императивии никоҳ ва муносибатҳои оилавӣ ба ҳисоб мерафт, ки тибқи он давлат муносибатҳои никоҳи ҳамзистиро эътироф намекард ва онро ба қайди ҳатмии ақди никоҳ дохил намуд. Инкишофи минбаъдаи қонунгузории оилавии ҷумҳурӣ бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда ҷараён мегирифт. Масалан, 30-юми январи соли 1954 Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон барои ворид намудани тағйирот ба Кодекси қонунҳои никоҳ, оила ва васояти ҶШС Тоҷикистон фармон баровард, ки тибқи он:

а) дар ҳолати истисно, бидуни шиноснома ё шаҳодатномаи таваллуд тасдиқ кардани шахсият, вазъи оилавӣ ва синну соли никоҳшавандагон бо нишондоди шоҳидон, воситаҳои тиббӣ ва дигар роҳҳо иҷозат дода мешуд;

б) ҳангоми бақайдгирии никоҳ тарафҳо бояд аз саломатии ҳамдигар бохабар бошанд;

в) шахси мансабдор вазифадор аст, ки бақайдгирии никоҳро дар шиносномаи зану шавҳар бо нишон додани ному насаб ва соли таваллуди ҳамсар, маҳал ва вақти бақайдгирии никоҳ сабт намояд.

Марҳилаи навбатии танзими муносибатҳои ақди никоҳӣ ва оилавӣ охири солҳои 60-ум оғоз ёфт. Ҷумҳуриҳои иттифоқии ИҶШС ба қабули кодексҳои худ оид ба никоҳ ва оила шуруъ карданд, вале чунин ҳолат дар ҶШС Тоҷикистон охири соли 1969 рӯй дод [127, с. 340]. 19-уми июни соли 1969 иҷлосияи панҷуми Шурои Олии Тоҷикистон даъвати 7 Кодекс оид ба никоҳ ва оилаи ҶШС Тоҷикистонро қабул намуд, ки аз 5 фасл, 23 боб ва 223 модда иборат буд. Ҳамин Кодекс бо қарори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 1970 мавриди амал қарор гирифт

[107, с. 80]. Қонунгузории нави оилавию никоҳ тақсимоти моликияти умумии зану шавҳарро ба ҳиссаҳои баробар ва қоидаҳои моликияти шахсиро ҷорӣ намуд. Дар ҳудуди на танҳо ҶШС Тоҷикистон, балки тамоми ИҶШС танҳо никоҳҳое, ки дар мақомоти САҲШ қайд карда шудаанд, мавриди амал қарор гирифтанд. Дар баробари ин имкони баргузории маросими хонадоршавӣ дар ин солҳо низ боқӣ монда буд.

Кодекс оид ба никоҳ ва оилаи ҶШС Тоҷикистон синни никоҳӣ барои мардон ва занонро аз 18 солагӣ муқаррар кард. Мувофиқи Укази Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 1980 ба м. 15 ҳамин кодекс тағйирот ворид карда шуда, синни никоҳӣ дар ҳолатҳои истисно як сол кам карда шуд [38, с. 11]. Бақайдгирии ақди никоҳ дар ҳузури шахсоне, ки ба ақди никоҳ дохил мешаванд, дар мақомоти САҲШ дар ҷойи истиқомати яке аз онҳо ё волидони онҳо сурат мегирад. Бақайдгирии ақди никоҳ дар сурати набудани яке аз ҳамсарони оянда иҷозат дода намешавад. Агар ақди никоҳ бе иштироки шахсии яке аз зану шавҳар ба қайд гирифта шуда бошад, он аз тарафи суд беэътибор дониста шуда, протокол бояд бекор карда шавад. Дар аризаи шахсоне, ки хоҳиши ақди никоҳ доранд, тасдиқ мегардад, ки барои ақди никоҳ ягон монеа вуҷуд надорад ва ҳамчунин ҳар кадоми онҳо оиладор ва ё соҳиби фарзанд ҳастанд ё не. Шахсоне, ки пеш дар ақди никоҳи ба қайд гирифта шуда буданд, метавонанд ақди никоҳи навро танҳо дар сурати пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи қатъи ақди никоҳи пештара ба қайд гиранд.

Бояд тазаккур дод, ки тамоми санадҳои қабулшуда дар давраи шуравӣ аввалан ба никоҳ таваҷҷуҳ намудаанд. Боиси тааҷҷуб аст, ки дар тамоми декретҳо ва кодексҳои давраи шуравӣ зимни номгузорӣ аввалан ба никоҳ ва баъдан ба оила такя карда шудааст. Яъне дар номи санадҳои ҳуқуқӣ мафҳуми никоҳ пеш аз мафҳуми оила оварда шудааст, ки чунин ҳолат мубрамияти никоҳро дар давраи шуравӣ ифода мекунад. Дар қонунгузории имрӯза бошад, таваҷҷуҳи бештар ба оила зоҳир гардида,

нисбат ба никоҳ таваҷҷуҳ маҳдуд ба назар мерасад. Гуфтан мумкин аст, ки ҳокимияти шуравӣ асоси оила будани никоҳро дарк намуда, таваҷҷуҳи асосиро ба никоҳ равона сохтааст, зеро никоҳи қонунӣ ва муваффақ самаранокӣ ва устувории оилаҳоро таъмин менамояд. Маврид ба зикр аст, ки аз кишварҳои пасошуравӣ танҳо Ҷумҳурии Қазоқистон таҷрибаи шуравиро нигоҳ доштааст, зеро дар кишвари мазкур кодекс чунин номгузорӣ шудааст: «Кодекси Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба никоҳ (ҳамсарӣ) ва оила». Аз номи санади мазкур бармеояд, ки он ба қонунгузории давраи шуравӣ қариб пурра наздик мебошад. Бинобар ин, номи қонунгузории оилавии мо низ бояд тағйир дода шавад, зеро таркиби меъёрии кодексҳои тамоми кишварҳои пасошуравӣ, бахусус ҶТ нишон медиҳад, ки фоизи бештар ва қисмати аввали кодексҳоро маҳз масъалаҳои никоҳ ташкил медиҳанд. Бо ин назардошт, пешниҳод мегардад, ки номи қонунгузории оилавии кишвар дар чунин шакл табдили ном карда шавад: «Кодекси ҶТ оид ба никоҳ ва оила».

Ҳамин тавр, дар давраи ҳокимияти шуравӣ муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ аз доштани характери диспозитивӣ дур буда, ба назорати давлат аз болои чунин як воҳиди муҳимми ҷамъият, монанди оила вобастагӣ дошт. Ин аз он ҷиҳат низ муқаррар гардид, ки қонунгузории давраи шуравӣ танҳо барои муносибатҳои ақди никоҳ, ки бо тартиби муқарраршуда ба қайд гирифта шудаанд, оқибатҳои ҳуқуқиро пешбинӣ карда, муносибатҳои ҳамзистӣ ба эътибор гирифта нашудаанд. Аз таҳқиқот бармеояд, ки қонунгузор ба қадри имкон тавонист никоҳро аз расмиятҳо озод карда, онро ба иттиҳоди воқеан озоди зану мард табдил диҳад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки масъалаи тартиби бастан ва бекор кардани ақди никоҳ дар давраи амали ҳуқуқӣ шуравӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб мерафт. Низоми ҳуқуқи шуравӣ марҳила ба марҳила тавассути қабул намудани санадҳои нави ҳуқуқӣ ва такмил додани онҳо ба ташаккули муносибатҳои никоҳ, аз ҷумла тартиби бастан ва бекор

кардани акди никоҳ асос гузоштааст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки тартиби бастан ва бекор кардани никоҳ танҳо дар солҳои аввали ҳокимияти шуравӣ номукаммал ба назар мерасиданд. Аммо, шуруъ аз солҳои 30-юм масъалаҳои тартиби бастан, шартҳои бастан, монаҳо ва тартиби бекор кардани никоҳ мукаммал гардида, пурра гардиданд.

# БОБИ 2. ИКИШОФИ ИНСТИТУТИ НИКОҲ ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

## 2.1.Ташаккул ва инкишофи қонунгузории оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Баробари ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва соҳибихтиёр гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави рушди қонунгузории Тоҷикистон оғоз гардид. Дар ин марҳилаи таърихӣ қонунгузории оила низ ташаккул ёфта, дар ин самт як қатор санадҳои дахлдори ҳуқуқӣ қабул карда шуданд. Бояд гуфт, ки дар шароити муосир ҳифзи давлатии оила, модар ва кӯдак дар дигар соҳаҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла ҳифзи саломатии аҳолӣ, меҳнат ва ҳифзи меҳнат, маданӣ, манзил ва ғайра низ амалӣ мегардад. Дар ин хусус Х.Н. Ҳиматов дуруст қайд намудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйир ёфтани сохти ҷамъиятӣ ва ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ташаккули низоми комилан нави қонунгузорӣ оғоз шудааст [143, с. 458]. Ба андешаи Н.Ш. Муродова, «пас аз соҳибистиқлол гардидани ҶТ ҳама соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ такмилу густариш ёфта, ба марҳилаи нави рушду пешрафт собитқадамона гом бардошта, қонунҳое қабул карда шуданд, ки барои зиндагии шоистаи инсонҳо шароити хубу мусоид фароҳам оварда, баробарҳуқуқии занону мардонро таъмин намуданд ва дар асоси меъёрҳои Конститутсия қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, инчунин санадҳои дигар таҳияву тасдиқ гардидаанд» [120, с. 246]. Воқеан, истиқлолият дар низоми қонунгузории кишвар тағйироти куллиро ба амал оварда, боиси он гардид, ки қонунгузории тамоми соҳаҳо, бахусус, оилавӣ ва никоҳ бо назардошти хусусиятҳои хоси миллӣ ва фарҳангу низоми ҳуқуқи миллӣ таҳия ва қабул карда шаванд.

Дар ҶТ дар асоси ислоҳоти ҳуқуқӣ, ки аз рӯзҳои соҳибистиқлолии кишвар оғоз гардида буд, дар давраи начандон тӯлонӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зиёде, ки ба танзими муносибатҳои оилавӣ равона гардидаанд,

қабул шуда, нақши оила ҳамчун асоси ҷамъият дар м.м. 33 ва 34 Конститутсияи ҶТ дарҷ гардид. Яъне нахустин санади ҳуқуқӣ, ки дар низоми қонунгузории оилавӣ мавқеи аввалинро ишғол менамояд, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ин санади олии ҳуқуқӣ нахуст дар моддаи 17 баробарҳуқуқии марду занро эътироф карда, баъдан дар м.м. 33 ва 34 дигар ҳуқуқҳои марбут ба ташкили оила, баробарҳуқуқӣ дар муносибатҳои оилавӣ, ақди никоҳ ва бекор кардани никоҳ, якканикоҳӣ, ҳифзи модару кӯдак ва амсоли инҳо танзим карда шудаанд.

Ба андешаи муҳаққиқони ватанӣ, «дар замони соҳибистиқлолӣ танзими масъалаҳои оилавию никоҳӣ тавассути қонунгузории нави оилавии ҶТ ба роҳ монда шуд. Дар ҶТ қонунгузории оила ба ихтиёрии ақди никоҳ, яккаҳамсарӣ, баробарии ҳуқуқу ухдадориҳои зану шавҳар, бо ризоияти тарафайн ҳалли баҳсҳои дохили оила, афзалияти тарбияи мутақобилаи фарзандон, ғамхорӣ дар бораи некӯаҳволӣ ва инкишофи онҳо асос меёбад» [105, с. 98]. Бояд гуфт, ки дар қонунгузории оилаи кишвар мафҳуми ҳуқуқии оила пешбинӣ нашудааст, вале чунин мафҳум дар адабиёти ҳуқуқӣ мавҷуд буда, ҳамчун доираи шахсоне, ки бо қоидаҳо ва ухдадориҳое, ки аз издивоҷ, хешутаборӣ, фарзандхонӣ бармеоянд, муайян карда мешавад. Дар дилхоҳ баҳсҳои ҳуқуқие, ки ба оила ва никоҳ рабт доранд, ҷиҳати муайян намудан ва додани баҳои воқеӣ ба он, ки оила ва ё никоҳи муайян расмӣ ё ғайрирасмӣ мебошад, ба талаботи қонунгузорӣ мувофиқ ҳаст ё не, дар чунин масъалаҳо танҳо мафҳуми расмии оила ва никоҳ мусоидат карда метавонад, ки инро бояд қонунгузории оилавӣ муқаррар намояд.

Дар низоми қонунгузории оилавии Тоҷикистон мавқеи намоёнро Кодекси оилаи ҶТ ишғол менамояд. Тамоми паҳлуҳои муносибатҳо ва ҳуқуқҳои оилавӣ маҳз тавассути санади мазкур танзим карда шудаанд. Санади мазкур заминаи таърихӣ дошта, дар ивази як қатор санадҳои қаблан мавҷудбуда таҳия гардидааст. Як қатор муҳаққиқон қайд

мекунанд, ки агар хоҳем зарурати қабули Кодекси оилаи амалкунандаи Тоҷикистонро дарк намоем, бояд ба таърихи мухтасари он, ки, ба андешаи мо, қариб 70 солро дар бар мегирад, каме назар кунем [130, с. 46]. Маврид ба зикр аст, ки заминаҳои меъёри қонунгузории оилавии кишвар ҳануз дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонию шуравӣ таҳия гардидаанд. Аз ҷумла, масъалаи мазкур дар таҳқиқотҳои У.А. Азиззода [148], А.Ғ. Холиқзода [78], З.Х. Зокирзода [110], Ф.А. Бобохонов [88; 93; 94] ва дигарон ба назар мерасад. Аз ҷумла, Ф.А. Бобохонов қайд намудааст, ки «дар ҳуқуқи зардуштӣ муносибатҳо аз имконият ва доштани ҳуқуқу озодиҳо ҳангоми бастани ақди никоҳ, ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ва муносибатҳои молумулкии зану шавҳар танзим мегардиданд» [11, с. 22]. Ба андешаи У.А. Меликов, «Кодекси оилаи ҶТ яке аз санадҳое мебошад, ки аксарияти меъёрҳои он ҷавобгӯи талаботи замон буда, барои танзими воқеии муносибатҳои оилавӣ нақши муҳим дорад. Аммо ба назар гирифтан зарур аст, ки рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, қабули қонунҳои дигари соҳавӣ, таҳлили таҷрибаи татбиқи Кодекси оила ва дигар омилҳо водор месозанд, ки Кодекси оила давра ба давра таҳлил ва такмил дода шавад» [117, с. 65]. Маврид ба зикр аст, ки пас аз соҳибистиқлолии кишвар дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ ба санади нави кодификатсионӣ ниёз пайдо шуд. Кодекс оид ба никоҳ ва оила, ки 19 июни соли 1969 аз тарафи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон қабул шуда, аз 1 январи соли 1970 мавриди амал қарор гирифта буд, то 13 ноябри соли 1998 амал намуда, муносибатҳои оилавию никоҳиро дар сарзамини Тоҷикистон танзим намудааст. Тавре дар адабиёт қайд мегардад, Кодекси мазкур дар асоси Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1978 қабул гардида, баробарҳуқуқии никоҳшавандагон ва ҳуқуқи ташкили оиларо муқаррар менамуд [149, с. 75]. Ҳамзамон, санади мазкур дар таҳия ва қабули қонунгузории нави оилавӣ ҳамчун заминаи асосӣ баромад кардааст.

Қобили зикр аст, ки Кодекси нави оилавӣ дар асоси Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 таҳия гардидааст. Конститутсия танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро асос гузошта, оиларо асоси ҷомеа эътироф намуда, дар меъёрҳои худ муқаррароти муҳимро дар бораи баробарҳуқуқии зану мард, ҳуқуқи ташкили оила, баробарҳуқуқии тарафҳо дар бастани никоҳ ва бекор кардани он, ҳифзи модару кӯдак ва монанди инҳо пешбинӣ намуд. Дар заминаи меъёрҳои зикршудаи конститутсионӣ Кодекси оилаи ҶТ 13-уми ноябри соли 1998, №683 қабул гардид, ки он аз 8 фасл, 22 боб ва 178 модда иборат буд. Зарурати қабули Кодекси оиларо барҳам хӯрдани ИҶШС, куллан тағйир ёфтани муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ, ба низоми қонунгузории миллӣ ворид гардидани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, эътироф гардидани таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва гуногунандешии сиёсӣ ба миён овард [107, с. 81]. Дар ин санади ҳуқуқӣ Ҳукумати Тоҷикистон тавонист тамоми ормону орзуи худро мустақилона, бе таъсири қувваҳои беруна амалӣ намуда, муносибатҳои никоҳию оилавиро ҳамаҷониба тибқи санади кодификатсияшуда ба танзим дарорад. З.А. Саидов қайд мекунад, ки кодекси нав аз он ҷиҳат мубрам аст, ки меъёрҳои он характери императивӣ ва диспозитивӣ доранд. Пайдо шудани чунин мафҳумҳо, ба монанди аҳдномаи ақди никоҳӣ, аҳдномаи алиментсупорӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак, тартиби хосаи ба фарзандӣ қабул кардан аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ, шартҳои ақди никоҳ барои шаҳрвандони хориҷӣ ва ғайраҳо гувоҳи гуфтаҳои боло мебошанд [130, с. 47].

Бояд гуфт, ки муносибатҳои оилавӣ ҳам мисли дигар робитаҳои иҷтимоӣ баробари инкишофи ҷамъият дар як ҷой истода наметавонанд ва инкишоф меёбанд. Барои пурра таъмин намудани танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ, инчунин такмил ва рушди қонунгузории никоҳ ва оила ба Кодекси оилаи ҶТ борҳо тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд [105, с. 98]. Дар ин хусус Х.Н. Ҳиматов изҳор доштааст, ки «ба Кодекси оилаи ҶТ якчанд тағйироту иловаҳои назаррас ворид карда шуданд. Аз

ҷумла, тағйироту иловаҳо ба масъалаҳои шартҳои ақди никоҳ, синни никоҳӣ, ҳолатҳое, ки ба ақди никоҳ монеъ мешаванд, муоинаи ҳатмии тиббии шахсони ба ақди никоҳ воридшаванда, масъалаҳое, ки суд ҳангоми қабули қарор дар бораи бекор кардани ақди никоҳ ҳал мекунад, бастани шартномаи ақди никоҳ, мазмуни шартномаи ақди никоҳ ва монанди инҳо» [143, с. 466]. Якчанд тағйироту иловаҳоро дақиқан қайд намудан мумкин аст. Масалан, дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи ҶТ» аз 29 апрели соли 2006 ба муносибати қабули Қонуни нав «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» аз Кодекси оила фасли VII, боби 21 ва як қатор моддаҳои дахлдор хориҷ карда шуданд. Айни замон тартиби ислоҳ, тағйир додан, барқарор намудан ва бекор кардани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, инчунин, дигар масъалаҳои ба ин монандро Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» танзим менамояд. Тағйироти муҳимми дигаре, ки дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони бе парастории падару модар монда аҳаммияти рӯзмара дорад, соддагардонии қоидаҳои танзими расмиёти фарзандхондии онҳо мебошад.

Муҳимтарин тағйирот ба Кодекси оилаи ҶТ аз Паёми Президенти ҶТ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ сарчашма мегирад, ки гуфтаанд: «барои беҳтар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилона, фароҳам овардани шароит барои онҳо оила ва мустаҳкам намудани ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон ба қонунгузорӣ дар бораи аз 17 ба 18 гузарондани синну соли никоҳӣ тағйирот ворид кардан зарур аст» [105, с. 99]. Дар робита ба ин, 25 марти соли 2011 ба Кодекси оилаи ҶТ тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки нисбат ба шахсони алоҳидаи дорои шаҳрвандии хориҷӣ, аз қабили иқомат дар қаламрави Тоҷикистон на камтар аз як маротиба талаботи муайян муқаррар карда шуд.

У.А. Меликов қайд месозад, ки «Низоми қонунгузорӣ чунин рушд ёфта истодааст, ки дар асоси меъёрҳои Конститутсия, кодекс ё қонунҳои соҳавӣ ба вуҷуд омада, муносибатҳои ин ё он соҳаро муфассал таҳти танзим қарор медиҳад. Доир ба танзими муносибатҳои оилавӣ Кодекси оила нақши калидӣ дорад. Дар м. 3 Кодекси оила пешбинӣ шудааст, ки «Қонунгузории ҶТ оид ба оила ба Конститутсияи ҶТ асос ёфта, аз Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад» [117, с. 65].

Дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки «ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқи оилавӣ эътироф мешавад, Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1 марти соли 2005 мебошад, ки муносибатҳои оид ба таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занонро дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳо ба танзим медарорад, ҳуқуқпоймолкуниро аз рӯи аломати ҷинсӣ пешгирӣ мекунад ва амалигардонии имкониятҳои баробарҳуқуқии онҳоро муқаррар менамояд» [43, с. 90]. Санади мазкур баҳри танзими баробарҳуқуқии мардону занон дар амалисозии ҳуқуқу озодиҳои онҳо равона шудааст.

Дар адабиёти ватанӣ қайд мегардад, ки «Қонуни ҶТ «Дар бораи солимии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ», ки аз 02.12.2002 қабул гардидааст, яке аз қонунҳои муҳиме мебошад, ки кафолати иҷтимоии ҳуқуқи занонро ба танзим медарорад, зеро қонуни мазкур асос ва тартиби танзими муносибатҳоро дар соҳаи солимии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ, ки аз эътироф намудани ҳуқуқҳои зану мард бобати доштани маълумот ва дастрас будани усулҳои бехатар, босамар, муносиб ва қобили қабули танзими оила ва таваллуди фарзанд, пешгирии бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва дигар муносибатҳои бо он алоқамандро муайян мекунад» [81, с. 108]. Маврид

ба зикр аст, ки санадҳои ҳуқуқии зикршуда дар танзими муносибатҳои оилавӣ нақши калон бозида, ба ташаккули институти оила ва никоҳ мусоидат намудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки муносибатҳои оилавию никоҳӣ на танҳо тавассути соҳаи ҳуқуқи оилавӣ, балки ба дигар соҳаҳои ҳуқуқӣ низ мавриди танзим қарор дода мешаванд. Ба андешаи Ш.Д. Миров, соҳаи муносибатҳои никоҳию оилавӣ чун анъана ба соҳае тааллуқ дорад, ки ба воситаи меъёрҳои ягонаи дорои хусусияти моддӣ танзим карда мешавад [118, с. 244]. Лозим ба ёдоварист, ки дар танзими муносибатҳои оилавию никоҳӣ нақши қонунгузории маданӣ ва ҷиноятӣ хеле баланд мебошад.

Бо назардошти андешаҳои боло, гуфтан мумкин аст, ки доираи муносибатҳои оилавию никоҳӣ васеъ буда, тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии мухталиф ба танзим даровარда мешаванд. Ба ҳайси сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ дар замони соҳибистиқлолӣ, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қобили фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ ва дигар санадҳоро номбар кардан мукин аст, ки ба танзими муносибатҳои оилавию никоҳӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои занону кӯдакон равона гардидаанд. Ба монанди Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998; Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 31 декабри соли 2008; Кодекси меҳнати ҶТ аз 15 майи соли 1997; Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон» аз 15 июли соли 2004; Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ғизодиҳии табиии кӯдакон» аз 22 декабри соли 2006; Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011; Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19 марти соли 2013; Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи кӯдак» аз 15 марти соли 2018; Қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 августи соли 2008, № 377 «Дар бораи таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак»; Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 августа соли 2008, №532 «Дар бораи Комиссияи назди Ҳукумати ҶТ оид ба ҳуқуқи кӯдак»; Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 11 марти

2000, №98 тасдиқ карда шудааст; Стратегияи миллии ҶТ дар бораи рушди саломатии кӯдакон ва наврасон дар давраи то соли 2015, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 июли соли 2008, №297 тасдиқ карда шудааст; дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ.

Лозим ба зикр аст, ки қонунгузории амалкунандаи кишвар дар самти танзими муносибатҳои оилавӣ ва никоҳӣ дар мувофиқа бо санадҳои байналмилалии эътирофшуда таҳия гардидааст. Бинобар ин, нақши санадҳои байналмилалӣ низ хеле калон мебошад. Дар ин хусус Х.Н. Ҳиматов изҳор доштааст, ки «қонунгузории нави оилавӣ бо назардошти талаботи замон меъёрҳои онро ба меъёрҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ наздик намуда, як қатор муқаррароти принсипан муҳимро вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқи никоҳ ба таври муфассал танзим кардааст» [143, с. 460]. Дар қонунгузорӣ ба бисёр меъёрҳое, ки муносибатҳои зану шавҳар ва дигар аъзоёни оиларо танзим мекунанд, тағйироти ҷиддӣ ворид карда шудааст. Принсипҳои танзими муносибатҳои оилавӣ тағйир ёфтанд. Ҳамзамон, санадҳои байналмилалӣ дар алоҳидагӣ бисёре аз муносибатҳои оилавию никоҳиро ба танзим даровардаанд. Дар байни шартномаҳои байналмилалӣ, ки меъёрҳои онҳо муносибатҳои оилавӣ ва ақди никохро бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ танзим мекунанд, Конвенсияи кишварҳои ИДМ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд.

Дар сатҳи байналмилалӣ яке аз санадҳои муҳимми танзимкунандаи муносибатҳо оид ба никоҳ Конвенсия оид ба ризоият ба ақди никоҳ, синну соли ақди никоҳ ва сабти ақди никоҳ ба ҳисоб меравад. Санади мазкур шартномаи СММ оид ба стандартҳои никоҳ буда, бо резолютсияи 1763 А (XVII) Ассамблеяи Генералӣ 7 ноябри соли 1962 барои имзо ва тасдиқ кушода шуда, аз 9 декабри соли 1964 тавассути мубодилаи мактубҳо (м. 6) эътибор пайдо кардааст. Конвенсияро 16 кишвар имзо гузошта, тарафдоронаш 55 кишвар мебошад. Конвенсия

хусусияти розигии ақди никоҳро тасдиқ мекунад ва аз тарафҳо талаб мекунад, ки тибқи қонун синни ҳадди ақали никоҳро муқаррар намуда, бақайдгирии ақди никоҳро таъмин кунанд. Аз феҳристи давлатҳои аъзои Конвенсия бармеояд, ки ҶТ санади мазкуро ба тасвиб нарасонидааст.

Дар самти муносибатҳои оилавию никоҳ яке аз санадҳои байналмилалии муҳим, ки дар ташаккули қонунгузории кишвар нақши созгор гузоштааст Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ мебошад, ки бо қатъномаи 2200 А (XXI) Ассамблеяи Генералӣ 16 декабри соли 1966 қабул шуда, аз 23 марти соли 1976 эътибор пайдо кардааст. Санади мазкур дар м. 23 муқаррар менамояд, ки «Ҳуқуқи мардон ва заноне, ки ба синни никоҳ расидаанд, барои никоҳ кардан ва бунёд намудани оила эътироф карда мешавад. Ягон никоҳ наметавонад бидуни ризоияти озодона ва пурраи ашхоси ба ақди никоҳ дароянда сурат гирад. Давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймон бояд барои таъмини баробарии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зану шавҳар дар мавриди ақди никоҳ, дар давраи дар никоҳи якдигар будан ва ҳангоми бекор кардани он тадбирҳои лозима андешанд. Дар ҳолати бекор карда шудани никоҳ бояд ҳимояи зарурии ҳамаи фарзандон пешбинӣ гардад» [6]. Аз меъёри мазкур бармеояд, ки он мазмунан ба меъёри м. 33 Конститутсияи ҶТ мувофиқ мебошад. Ҳолати мазкур аз иҷрои уҳдадории байналмилалӣ дар самти муносибатҳои оила ва никоҳ, ҳамзамон нақши меъёрҳои байналмилалӣ дар инкишофи қонунгузории миллӣ дарак медиҳад.

Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон, ки бо резолюсияи 34/180 аз 18 декабри соли 1979 қабул гардидааст дар танзими муносибатҳои оилавию никоҳӣ нақши калонро доро мебошад. Аз ҷумла, санади мазкур дар м. 16 муқаррар менамояд, ки «Давлатҳои аъзо тамоми тадбирҳои дахлдорро барои рафъи табъиз нисбат ба занон дар ҳама гуна масъалаҳои марбут ба ақди никоҳ ва муносибатҳои оилавӣ меандешанд. Аз ҷумла дар асоси баробарии мардону занон инҳоро таъмин мекунанд: а) ҳуқуқҳои якхела дар мавриди

бастани акди никоҳ; б) ҳуқуқҳои якхела ба интихоби озоди ҳамсар ва ба бастани акди никоҳ танҳо бо розигии озодона ва пурраи худ; в) ҳуқуқ ва уҳдадориҳои якхела дар давраи никоҳ ва ҳангоми бекор кардани акди нигоҳ. Фотиҳа ва никоҳи кӯдак эътибори ҳуқуқӣ надоранд ва тамоми тадбирҳои зарурӣ, аз ҷумла, қонунгузорӣ бо мақсади муайян намудани синну соли ҳадди ақали акди никоҳ ва бақайдгирии ҳатмии акди никоҳ дар санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ андешида мешаванд» [4]. Аҳаммияти меъёрҳои мазкур дар он ифода мегардад, ки новобаста аз қабули санадҳои дахлдор ҳануз масъалаи маҷбуран никоҳ кардани тарафҳо ва шахси ноболиғро ба никоҳ ворид кардан ҷой дорад. Дар сарчашмаҳо низ қайд мегардад, ки сарфи назар аз таҳияи ин санадҳои байналмилалӣ, никоҳи шахсони ноболиғ ва никоҳи маҷбурӣ дар саросари ҷаҳон ҳамчун мушкилии муҳим боқӣ мондааст. Масалан, дар соли 2020 беш аз 12 миллион духтар маҷбур ба никоҳ ҷалб карда шудааст [5]. Ба назари мо, корҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти мазкур дар сатҳи паст қарор доранд. Махсусан, дар деҳотҷойҳо бояд гурӯҳҳои корӣ ташкил карда шуда, корҳои фаҳмондадиҳӣ байни мардум зиёд карда шаванд. Барои ташкили чораи мазкур таҳия ва қабули «Барномаи давлатии коҳиш додан ва аз байн бурдани никоҳи маҷбурӣ ва шахсони ноболиғ дар ҶТ барои солҳои 2025-2030» амри зарурӣ мебошад.

Яке аз мушкилиҳои дигар, ки дар ташаккули қонунгузории кишвар халал мерасонад, коҳиш ёфтани шумораи бақайдгирандагони акди никоҳ мебошад. Миёни аҳолии ҷомеаи муосир тамоюли саркашӣ аз бақайдгирии акди никоҳ мушоҳида мешавад ва шумораи зиёди шаҳрвандон кӯшиши ба муносибатҳои воқеии акди никоҳ гузоштанро доранд. Айни ҳол ин гуна муносибатҳо бо қонун танзим карда намешаванд. Бо вуҷуди ин, «зиндагии муштарак», зиндагии якҷояро пеш мебаранд, «молу мулк мегиранд», фарзанддор мешаванд ва ба ҳамсари худ зиндагӣ пеш мебаранд. Аммо онҳо наметавонанд пурра ба ҳимояи ҳуқуқҳои худ аз давлат умед banданд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши моҳияти

чунин категорияҳо ба мисли «муносибатҳои акди никоҳ» ва «муносибатҳои воқеии акди никоҳ» ба назар мерасад.

Дар кишварҳои хориҷӣ қонунгузор ба тағйироти воқеии институти иҷтимоии оила ва акди никоҳ ба таври гуногун посух медиҳад. Аммо ҳуқуқи хориҷии як қатор давлатҳо ҳамзистии воқеиро қонунӣ гардонида, бо ҳамин, пеш аз ҳама, муносибатҳои моликияти шариконро ба тартиб даровarда, масъалаҳои тарбия ва нигоҳубини фарзандони ноболиғро танзим менамоянд. Проблемаҳои таъминот ва ё баръакс, аз имтиёзҳои муайян маҳрум кардани никоҳҳои воқеӣ ҳалли худро ёфтаанд.

Ба андешаи С.С. Чекулаев ва Я.В. Шахов, дар асри XXI мафҳуми никоҳ дар баъзе кишварҳо дар илм ва қонунгузорӣ ба таври куллӣ тағйир ёфтааст [144, с. 84]. Ба назари мо, баъзе муқаррароти қонунгузории хориҷиро дар меъёрҳои қонунгузории миллӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Чунин ба назар мерасад, ки дар шароити афзоиши шумораи акди никоҳҳои воқеӣ ба зану шавҳар додани ҳуқуқи меросӣ аҳаммияти хоса дошта, ба ҳимояи манфиатҳои амволии онҳо хизмат хоҳад кард. Аз ҷумла, дар қонунгузории оилавӣ на танҳо мафҳуми «никоҳи воқеӣ» ва меъёрҳои он, инчунин тартиби бастани шартнома дар бораи бастани акди никоҳи воқеӣ ва мустаҳкам намудани механизми танзими ҳуқуқҳои моликияти ҳамсарон низ бояд муқаррар карда шаванд. Чунин қадам ба ташаккули мавқеи қонунан муайяншудаи зану шавҳар мусоидат мекунад ва бешубҳа, кафолатҳои қонунии мақоми ҳуқуқии онҳоро таъмин менамояд. Оянда гузариш ба муносибатҳои шарикӣ дар соҳаи муносибатҳои воқеии никоҳ ва оилавӣ дар кишвар имконпазир мегардад.

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ муносибатҳои оилавӣ ва никоҳ ба таври мухталиф танзим гардидаанд, ки баъзе аз онҳо ба таҷрибаи қонунгузории мо мувофиқ буда, баъзеи дигар ба фарҳангу низоми ҳуқуқи миллии мо мухолиф мебошанд. Тавре дар адабиёт қайд мегардад, «дар ҷаҳон давлатҳои зиёде вуҷуд надоранд, ки қонунгузории онҳо мафҳуми

никоҳро мустақиман муқаррар намуда бошанд. Дар Конститутсияи Полша (м. 18) дар бораи никоҳ «ҳамчун иттиҳоди зан ва мард» сухан меравад. Дар Конститутсияи Куба мафҳуми ақди никоҳ (м. 36) сабт шудааст, ки хеле муфассал аст: «Никоҳ иттиҳоди ихтиёрӣ мебошад, ки аз ҷониби мард ва зане баста мешавад, ки барои якҷоя зиндагӣ кардан заминаи қонунӣ доранд». Дар Бразилия мафҳуми никоҳ вуҷуд надорад, аммо мафҳуми «воҳиди оила» муқаррар карда шудааст» [144, с. 84]. Дар қонунгузории ҶТ низ мафҳуми никоҳ дода нашудааст.

Бояд тазаккур дод, ки характери муносибатҳои никоҳӣ дар мамлакатҳо ба хусусиятҳои тараққиёти таърихӣ, дини ҳукмрон ва хусусиятҳои демографӣ вобаста мебошанд. Масалан, «дар аксари кишварҳое, ки дини асосӣ масеҳият аст, муносибатҳои никоҳ одатан анъанавӣ мебошанд: субъектҳо мард ва зан буда, яккаҳамсарӣ ҷорӣ мебошад. Дар ин маврид хулосае бармеояд, ки агар дини асосӣ ислом бошад, никоҳ бисёрзанӣ хоҳад буд. Бо вуҷуди ин, чунин андеша дуруст нест. Кишварҳое мавҷуданд, ки новобаста аз зиёд паҳн будани дини ислом дар онҳо бисёрникоҳиро эътироф накардаанд. Масалан, мутобиқи Кодекси ҷиноятии Ӯзбекистон (м. 126) бисёрникоҳӣ ҷиноят эътироф шудааст. Кодекси оилаи Туркманистон (м. 20) бо тағйироти соли 2018 бисёрникоҳиро манъ кардааст. Дар Аморати Муттаҳидаи Араб ба ғайр аз дин сабаби никоҳи бисёрзанӣ дар демография аст: давлат бояд шумораи сокинони таҳҷоиро зиёд кунад» [146, с. 150-155]. Тоҷикистон низ дар Конститутсия (м. 33) ва Кодекси оила (м. 14) якканикоҳиро эътироф намуда, бисёрникоҳиро манъ кардааст. Ғайр аз ин, Кодекси ҷиноятӣ (м. 170) бисёрзаниро ҷиноят муқаррар кардааст.

С.С. Чекулаев ва Я.В. Шахов қайд мекунанд, ки «Кишварҳое ҳастанд, ки дар онҳо субъектҳои ақди никоҳ на танҳо анъанавӣ – афроди марду зан, балки шахсони ғайрианъанавӣ, аз қабили шаҳрвандони якҷинс ё ҳатто ҳайвонот буда метавонанд. Албатта, дар сурати охир ин як ақаллияти мутлақ аст, чунин фаҳмиш низ бар ақидаҳои динӣ асос

ёфтааст. Масалан, дар дини буддоӣ дар Ҳиндустон бовар доранд, ки бо ин роҳ шахс метавонад гуноҳҳои худро кафорат кунад. Бо вуҷуди ин, дар Шветсия чунин никоҳҳо дар соли 2018, вақте ки Эрика Линдстрем ба додгоҳи Стокҳолм ариза дод, ба қайд гирифта шуданд. Додгоҳ наметавонист рад кунад, зеро Конститутсияи Шветсия таркиби сифатии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии никоҳро муқаррар накарда буд. Бо ин мисол маълум мегардад, ки чаро муайян намудани субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ муҳимтарин унсури техникаи ҳуқуқии қонунгузор мебошад» [144, с. 84-85].

Вобаста ба андешаҳои мазкур масъалаҳои мафҳумҳои асосӣ дар қонунгузории оилавии кишвар ба таваҷҷуҳ ниёз доранд. Кодекси оилавии ҶТ бахши мафҳуми асосӣ надорад ва, аз ин рӯ, бисёре аз мафҳумҳои асосӣ мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор нагирифтаанд. Ба монанди мафҳумҳои оила, никоҳ, субъектони никоҳ, тарафҳои никоҳ, ҳамсарон, шахсони никоҳшаванда, шахсоне, ки хоҳиши никоҳ кардан доранд, мард, зан ва монанди инҳо. Масалан, дар қонунгузории оилавӣ дақиқу равшан муқаррар нашудааст, ки зери мафҳуми шахсони никоҳшаванда киҳо фаҳмида мешаванд. Ё мафҳуми никоҳшаванда васеъ буда, баъзе меъёрҳоро истисно менамояд, аз ҷумла, ҷинсиятро. Фикр мекунем, агар дар м. 12 Кодекси оила меъёри зерин «Никоҳ танҳо байни марду зан баста мешавад» муқаррар карда мешуд, бисёре аз нофаҳмиҳо равшан мегардиданд. Ҳамзамон, дар замони ҷаҳонишавӣ ва пешрафти босуръати илму технология баҳо додан ба мафҳумҳои «мард» ва «зан» душвор гардида истодааст. Бо ин назардошт, дар Кодекси оила моддаи алоҳида ба мафҳумҳои асосӣ ҷудо гардида, дар он мафҳумҳои муҳимми муносибатҳои оилавию никоҳ, аз ҷумла, мафҳумҳои баҳсноки зикршуда муқаррар карда шаванд.

Ҳамин тавр, бо назардошти таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории кишварҳои хориҷӣ вобаста ба як қатор асосҳо чунин таснифбандиро пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Вобаста ба хусусияти таҳкими муносибатҳои ҳуқуқии ақди никоҳ:

а) бо мафҳуми ақди никоҳ, ки бевосита дар қонунгузорӣ муқаррар шудаанд (Бразилия, Полша, Туркманистон, Куба ва ғ.);

б) бевосита дар қонунгузорӣ тасдиқ накардани чунин мафҳум, сарфи назар аз он ки он аз шарту маънои меъёрҳои ҳуқуқӣ бармеояд (Арманистон, Русия ва ғ.).

2. Вобаста ба таркиби сифатии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии ақди никоҳ:

а) муносибатҳои ҳуқуқии анъанавӣ – танҳо байни зан ва мард (Арманистон, Ҷумҳурии Беларус, Булғористон, Гурҷистон, Латвия, Литва, Молдова, Полша, Русия, Тоҷикистон, Сербия, Словакия, Черногория, Украина);

б) бо имкони доштани субъектҳои муносибатҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ:

- шахсони ҳамҷинс (Бразилия, Белгия, Маҷористон, Олмон, Дания, Ирландия, Италия, Испания, Нидерландия, Норвегия, ИМА, Фаронса);

- одам ва ҳайвонот (Ҳиндустон, Шветсия, ИМА);

- бо вазъияти гузариши ин масъала (Куба).

3. Вобаста ба таркиби миқдории субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии ақди никоҳ:

а) моногамия (Русия, Туркия, Тунис, Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Узбекистон);

б) полигамия – бисёрзанӣ (Алҷазоир, Афғонистон, Бруней, Гвинея, Индонезия, Ироқ, Конго, Марокаш, Мянма, Нигерия, Миср, Покистон, Арабистони Саудӣ, Сурия, Сенегал, Танзания);

в) полиандрия – бисёршавҳарӣ (Тибет, Непал, ҷазираҳои Меланезӣ, Кения, Нигерия);

г) бо эътирофи никоҳи бисёрзанӣ барои шаҳрванд, ки бояд дар давлати дигар ба қайд гирифта шавад (Британияи Кабир, Норвегия, Шветсия).

4. Вобаста ба нақши бақайдгирии ақди никоҳ барои пайдоиши оқибатҳои ҳуқуқӣ:

а) бо эътирофи ҳамзистии берун аз никоҳ барои ба амал омадани ҳама ё қисми оқибатҳои ҳуқуқӣ (Олмон, Маҷористон, Италия, Португалия, баъзе иёлотҳои ИМА, Украина ва ғ.);

б) бо эътирофи никоҳи динӣ (баъзе иёлотҳои ИМА, Англия, Австралия, Полша, Италия, Хорватия, Чехия, Шветсия, Андорра, кишварҳои Скандинавия);

в) бо сабти ҳатмии давлатии ақди никоҳ (Фаронса, Русия, Швейтсария, Беларус, Ҷопон ва ғ.).

Ҳамин тавр, аз таҳлили масъалаи ташаккул ва инкишофи қонунгузории оилавии ҶТ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳарчанд қонунгузории оилавии кишвар заминаи таърихӣ дошта бошад ҳам, вале нахустин санадҳои муҳимми кодификатсионӣ дар давраи шуравӣ ва солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шудаанд. Пас аз эълон гардидани Истиқлоли давлатӣ дар кишвар як қатор санадҳои муҳимми ҳуқуқӣ қабул карда шудаанд, ки бахшҳои ҷудогонаи муносибатҳои оилавиро танзим менамоянд. Умуман, гуфтан мумкин аст, дар давраи соҳибистиқлолӣ қонунгузории оилавии кишвар ба дараҷаи баланди рушди худ расида, бисёре аз масъалаҳои оилавиро дар сатҳи зарурӣ танзим намудаанд.

Новобаста аз андешаҳои зикршуда, дар самти ташаккули қонунгузории оилавӣ ва никоҳ баъзе мушкилиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, санадҳои зерқонунӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳавии дахлдор ҷиҳати татбиқи меъёрҳои конститутсионӣ ва Кодекси оилавӣ таҳия ва қабул карда нашудаанд. Бисёре аз меъёрҳои қонунгузории оилавӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ намебошанд. Ҳамзамон, дар натиҷаи тағйироту иловаҳои пайдарпай мазмуну моҳияти бисёре аз меъёрҳои қонунгузории оилавӣ коста гардидааст. Айни замон бисёре аз қонунгузории кишвар, ки қаблан дар солҳои 90-ум қабул шуда буданд, бо таҳрири нав таҳия ва

қабул гардида истодаанд. Бо ин назардошт, лозим аст, ки Кодекси оилаи ҶТ дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда шавад. Ҳамзамон, ҷиҳати дар амал ҷорӣ намудани меъёрҳои қонунгузории оилавӣ таҳия ва қабули ҳуҷҷатҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ зарур мебошанд. Аз ҷумла, «Консепсияи давлатии сиёсати оилавӣ ва никоҳ дар ҶТ барои давраи то соли 2035».

## 2.2. Инкишофи мафҳум, моҳият, таъйиноти иҷтимоӣ ва нақши никоҳ дар ҳаёти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ

Дар ҳар давлат оила омили асосии рушди ҷомеа эътироф шудааст. Институти акди никоҳ бо мурури замон тағйир ёфта, мутобиқи рушди ниҳодҳои мақомоти давлатӣ дар кишварҳои ҷаҳон инкишоф ёфтааст. Барои танзими муносибатҳои никоҳӣ ва оилавӣ дар ҳар як давлат низомномаҳо таҳия карда шудаанд. Никоҳ дар бисёр ҷомеаҳо омили мусбати рушди ҳаёти фард маҳсуб мешавад. Аммо раванди рушд ва тамаддуни башарӣ нишон медиҳад, ки никоҳ барои инсон раванди хеле пуриқтидор ва мураккаб аст. Дар ҷомеаи муосир нақши никоҳ дучанд паст рафта истодааст, ки чунин ҳолат аҳаммияти анҷом додани таҳқиқотҳои илмиро дар ин самт меафзояд.

Ба андешаи Л.А. Хачатрян, «баҳодиҳии никоҳ муддати тӯлонӣ аз нуқтаи назари онҳое, ки никоҳро ҳамчун иттиҳоди қариб тамоми умри зану мард медонистанд, бартарӣ дошт. Муносибати зиндагӣ бо ҳамсар то марг дар муносибатҳои байни зану шавҳар то нимаи солҳои 40-уми асри XX бисёр чизҳоро муайян кард» [139, с. 91]. А.Т. Токоева дар ин хусус зикр намудааст, ки «тағйирот дар миёнаҳои асри XX ба миён омад. Воқеияти иҷтимоӣ боиси пайдоиши никоҳи муосир гардид, ки аз бисёр ҷиҳатҳо аз никоҳи анъанавӣ фарқ мекард» [136, с. 124]. Дар ин марҳилаи рушди ҷомеаи мо, мутаассифона, ниҳоди никоҳ дар ҳолати гумшуда қарор дорад, ки метавонад боиси таҷзияи тамоми ҷомеа шавад. Барои пешгирӣ аз оқибатҳои номатлуб дар ҷомеа бояд нақшаи чорабиниҳоеро

таҳия намуд, ки тавонанд институти никоҳро эҳё кунанд ва боиси инкишофи ҷамъият ва давлат гарданд.

Никоҳ ба ҷуз аз муносибатҳои ҳуқуқии махсуси ахлоқӣ чизи дигаре нест. Дар адабиёт акди никоҳро муаллифон танҳо аз ҷиҳати муносибатҳои ҷисмонӣ яктарафа баррасӣ намуда, онро ҳамчун муносибате, ки дар инсон табиатан хос мебошад, пешниҳод кардаанд. Никоҳ танҳо ҳамчун муносибати байни ҷинсҳо баррасӣ гардида, ҳангоми муайян кардани он ҳамчун падидаи мушаххаси иҷтимоӣ дигар хусусиятҳои иҷтимоии никоҳ ба назар гирифта намешуданд. Дар адабиёт қайд мегардад, ки «никоҳ муддати тӯлонӣ ҳамчун иттиҳоди ҷинсии қонунии зану мард вуҷуд дошт, ки ба шарофати он аҳолӣ дубора тавлид мешуд ва ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ буд. Никоҳ роҳи тӯлонии таҳаввулотро тай намуда, дар баробари ҷомеа инкишоф ва тағйир меёбад. Воқеияти нави иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, ба таври объективӣ бо тағйирот дар никоҳ ҳамроҳ буд. Тағйирпазирии таърихии никоҳ ва оила нахуст мавзуи таваҷҷуҳи илмии И. Бахофен гардид. Ӯ ба хулосае омад, ки якканикоҳӣ аз никоҳи бисёрзанӣ байни ҷинсҳо пайдо шудааст» [139, с. 89]. А.Т. Токоева қайд мекунад, ки «вақте тамоми ҷаҳон раванди ҷаҳонишавӣ ва муттаҳидшавии фарҳанги шаҳрвандиро аз сар мегузаронад, давлатро даъват менамояд, ки механизмҳои нави нигоҳдорӣ ва рушди ҷомеаро таҳия намояд» [136, с. 124]. Ҳатто К. Маркс таъкид карда буд, ки никоҳ «... худсарии шахси ба никоҳшаванда тобеъ шуда наметавонад, балки баръакс, худсарии шахсе, ки ба никоҳ медарояд, бояд ба моҳияти никоҳ тобеъ бошад» [139, с. 90].

Бояд тазаккур дод, ки раванди босуръати ҷаҳонишавӣ шаклҳои нави никоҳро ба вуҷуд овардааст, ки аз шаклҳои анъанавӣ тамоман фарқ намуда, арзиши маънавии никоҳро коста менамоянд. И.А. Макарова дар ин хусус қайд намудааст, ки дар шароити тағйир ёфтани муносибатҳои зану мард дар ҷомеа шаклҳои нави никоҳ ба вуҷуд меоянд, гарчанде онҳо

эътирофи ҳуқуқӣ нагирифта бошанд ҳам, боиси рад шудани ҷамъият намегарданд [115, с. 124].

Бояд гуфт, ки, мутаассифона, ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ бо назардошти таваҷҷуҳи баланд ба ҳуқуқу озодиҳои инсон масъалаи арзишҳои инсонию ҷамъиятиро ба масъалаи дуюмдараҷа табдил дода истодааст. Ин аз он хотир аст, ки рӯз то рӯз намудҳои нави ғайрианъанавии никоҳ ба вуҷуд омада, дар кишварҳои гуногун тарафдорони худро меёбанд. Дар ин хусус А.А. Елисеева қайд менамояд, ки «никоҳ иттиҳоди ихтиёрии зан ва мард мебошад, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба қайд гирифта шуда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои байни зану шавҳарро ба вуҷуд меорад, ки бо мақсади бунёди оила ба миён меоянд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки имрӯз ниҳоди никоҳ дигар арзишеро ифода намекунад, ки, воқеан, бояд дошта бошад. Мардум аз риояи сохтори анъанавии оила ва сабти ақди никоҳ ҳангоми таъсиси он даст кашида, ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳолатҳои мунокиша дар никоҳ ба ҷойи ҳалли мушкилот аз муносибатҳо ва масъулият даст мекашанд» [109, с. 67].

Дар ҷомеаи муосир никоҳҳое, ки ба никоҳҳои гурӯҳи ибтидоӣ монанданд, эҳё мешаванд. Масалан, «оилаи шведӣ» (никоҳи гурӯҳӣ) иттиҳоди байни чанд марду зан аст. Чунин муносибатҳо на танҳо муносибатҳои ҷинсӣ ва дӯстона, балки хонаводаи умумиро низ мустаҳкам мекунанд. Дар никоҳи гурӯҳӣ нақши шавҳарро гурӯҳи мардон ва нақши занро гурӯҳи занон иҷро мекунанд. Ҳеҷ гуна тақсимшавӣ ба ҷуфтҳо вуҷуд надорад. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқон, дар Иёлоти Муттаҳида зиёда аз 500 ҳазор оилаҳои кушода – гурӯҳӣ мавҷуданд. И. Кон дар асарҳои худ қайд кардааст, ки чунин муносибатҳо руҳияи шариконро вайрон мекунанд. Пас аз он одамон одатан муносибатҳои муқаррариро оғоз карда наметавонанд, то шарикон ба ҳамдигар эҳтиромона муносибат карда тавонанд. Никоҳи гурӯҳӣ ба эҳтимоли зиёд дар ҷомеа мавқеи қавӣ нахоҳад дошт. Якум, он ба таври васеъ маҳкум

карда мешавад. Сониян, чунин муносибатҳо дар аксар мавридҳо аз аввал муваққатӣ ҳисоб карда мешаванд [119, с. 862].

Гурӯҳе аз муаллифон таъкид мекунанд, ки никоҳ дар иттиҳоди шахсоне, ки якҷоя зиндагӣ мекунанд ва як хонаводаро пеш мебаранд, асос ёфтааст. Ин ақида низ ба қадри кофӣ асоснок карда нашудааст. Дар ҷаҳон шумораи зиёди никоҳҳои ба истилоҳ кушода мавҷуд аст, ки ҳамсарон якҷоя зиндагӣ намекунанд ва хонаводаи муштарак надоранд, вале дар бораи ҳамдигар на камтар ва шояд бештар аз онҳое, ки якҷоя зиндагӣ мекунанд, ғамхорӣ менамоянд [115, с. 124]. Айни замон яке аз навъҳои дигари оила – оилаҳои вохӯранда (никоҳҳои меҳмонӣ) низ хеле маъмул гардида истодааст. Дар ин вазъият «никоҳи зану шавҳар ба қайд гирифта мешавад, вале онҳо алоҳида, ҳар кадом дар ҳар хона зиндагӣ мекунанд. Вохӯриҳои зану шавҳар номунтазам, асосан, барои иҷрои вазифаҳои волидайнӣ ё заношӯӣ сурат мегиранд. Пас аз таваллуд кӯдакон одатан дар дасти модар тарбия карда мешаванд. Падар фақат дар ҳоле, ки вақт ва хоҳиш пайдо шавад, фарзандонро нигоҳубин мекунад». Никоҳи меҳмонӣ яке аз он шаклҳое мебошад, ки воқеан як қатор мушкилотро ҳал мекунад. Дар никоҳи меҳмонӣ мушкили ба ҳамдигар одат кардан вуҷуд надорад, одам тавре зиндагӣ мекунад, ки ба кораш ва манфиати худ осеб намерасонад. Аммо чунин никоҳҳо як қатор камбудиҳо низ доранд: бемасъулиятӣ, муносибатҳо ба осонӣ аз байн мераванд, вақте фарзандон дар никоҳи меҳмонӣ таваллуд мешаванд, аксар вақт онҳоро танҳо модар тарбия мекунад. Ин ҳам барои кӯдак ва ҳам барои модар осон нест.

Яке аз шаклҳои муносибатҳои оилавӣ ва никоҳ, ки дар ҷомеаи муосир хеле паҳн шудааст, иттиҳоди якҷинсаҳо мебошад. Гурӯҳе аз муаллифон никоҳро танҳо ҳамчун иттиҳоди зану мард мефаҳманд, ҳарчанд никоҳи якҷинса дар дигар кишварҳо кайҳо вуҷуд дорад. Чунин ҷуфтҳо метавонанд муносибатҳои худро дар Шветсия ва Фаронса қонунӣ кунанд [115, с. 124]. Шумораи зиёди тащқиқотҳо оид ба ин масъала ба И.

Кон тааллуқ доранд. Муаллиф қайд мекунад, ки муҳите, ки инсон то синни 14-солагӣ дар он ба воя расидааст, ба ташаккули тамоюли ҷинсии ӯ нисбат ба муҳити минбаъдае, ки ӯ дар он зиндагӣ мекунад, хеле сахттар таъсир мерасонад.

Ҳамин тавр, дар ҷомеаи муосир чунин шаклҳои никоҳро метавон мушоҳида кард:

– никоҳи озмоишӣ созишномаи шифоҳӣ байни зану мард дар бораи чанд муддат якҷоя зиндагӣ кардан то бастани муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Онҳо дарк мекунанд, ки ҳангоми вохӯриҳо ҳама чиз миёни онҳо хуб буда метавонад, аммо ин маънои онро надорад, ки вақте ки онҳо ба зиндагии оилавӣ шуруъ мекунанд, ҳамин тавр мешавад. Аз ин рӯ, пеш аз ба расмият даровардани муносибатҳои худ онҳо кӯшиш мекунанд, ки якҷоя ҳамчун зану шавҳар зиндагӣ карда, баъдан тасмим мегиранд, ки ба идораи САҲШ ҷиҳати қайди никоҳ раванд ё ҷудо шаванд;

– никощи свингӣ табодули шарикон дар дохили ҷуфти никоҳ мебошад. Он бо муносибатҳои ҷинсии бадахлоқӣ каме умумият дорад. Свингерҳо, чун қоида, одамони аз ҷиҳати ҷинсӣ озодшуда мебошанд;

– никоҳи «кушода» дар он зану шавҳар дар мавриди иҷозати муносибатҳои ошкоро – алоқаи ҷинсӣ бо одамони дигар, мувофиқа мекунанд. Зану шавҳаре, ки дар «никоҳи кушода» зиндагӣ мекунанд, ифтихор доранд, ки ба якдигар ҳамчун моликият муносибат намекунанд ва озодии шахсии якдигарро поймол намекунанд. Баъзан ин мавқеъ натиҷаи хоҳиши яке аз ҳамсарон барои наҷот додани никоҳи вайроншаванда аст;

– никоҳҳои меҳмонӣ муносибатҳои расман ба расмият даровардашуда байни ду шахс мебошанд, ки дар алоҳидагӣ (дар шаҳрҳо, кишварҳо, манзилҳои гуногун) зиндагӣ мекунанд. Он ҳангоми давра ба давра ба дидани ҳамдигар барои истироҳат ё таътил рафтан (омадан) ё

баъзан якҷоя зиндагӣ кардан, вале надоштани хоҷагии умумӣ ифода мегардад;

– никоҳи синергетикӣ никоҳи наздик ба дузанагӣ ва эҳтимолан дузанагии дукарата мебошад;

– никоҳи ҳамҷинсгароён – никоҳи шахсони ҳамҷинс.

Дар ҷаҳони муосир шаклҳои зиёди «ғайрианъанавии» муносибатҳои оилавӣ ва никоҳ вуҷуд доранд. Бархе аз моделҳои муносибатҳои оилавию зану шавҳар, ки мавриди таҳлил қарор гирифтанд, аллакай иқтидори худро тамом карда истодаанд, баъзеи дигар аз ҷониби ҷомеа навакак эътироф ва баҳогузорӣ шуда истодаанд. Баъзе аз алтернативаҳои зикршуда «ифротӣ» буда, бо ақаллиятҳои иҷтимоӣ ва ҷавонон маҳдуданд, дар ҳоле ки баъзеи дигар васеътар мешаванд. Тамоюли пайдоиши навъҳои нави оила аз суст шудани муносибатҳои падару модарӣ ва хешутаборӣ, «ҷудоӣ»-и рафтори никоҳӣ, шаҳвонӣ ва репродуктивӣ гувоҳӣ медиҳад [119, с. 864]. Андешаҳои мазкур гувоҳи онанд, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ намудҳо гуногуни никоҳ ва оилаҳо ба миён омада истодаанд ва никоҳ моҳияти худро ҳамчун институти иҷтимоии оилавӣ аз гум карда истодааст.

Ба фикри мо, ҳангоми инъикоси хусусиятҳои никоҳ бояд ду меъёр – ахлоқӣ (маънавӣ) ва ҳам ҳуқуқӣ ба инобат гирифта шаванд. Меъёри ахлоқӣ мавҷудияти муҳаббат ва эҳтиром, ҳисси масъулият ва ҷавобгарии тарафайнро дар бунёди оила таҷассум менамояд. Меъёри ҳуқуқӣ – талаботи қонун оид ба бунёди никоҳ, танзими муносибатҳои никоҳию оилавӣ мебошад. Агар ин ду меъёр дар раванди зиндагии якҷоя эҳсос шаванд, ҳурмату эҳтироми тарафайн ба вуҷуд меояд ва сабаби хушбахтии ҷовидонаи аҳли хонадон мегардад.

Никоҳ ҳамчун равобити иҷтимоӣ ва ниҳоди иҷтимоӣ, ки муносибатҳои ҷинсии одамонро ба танзим медарорад, имрӯз бештар ба ҷанбаи шахсӣ тамаркуз карда, паҳлуи иҷтимоиро бештар нодида мегирад. Як зумра муаллифон бар ин назаранд, ки никоҳ бо мақсади

таваллуд ва тарбияи фарзанд бунёд мешавад. Мо ба ин нуқтаи назар қисман розӣ шуда метавонем, ба он назар ки 20% [115, с. 124] никоҳои ҷаҳон бефарзанданд. Агар мо асоси никоҳро танҳо фарзанддоршавӣ ҳисобем, пас, ҳама никоҳҳои бефарзандро бояд ба назар нагирем.

Ҳамин тариқ, институти никоҳ дар марҳалаи ҳозираи инкишофи худ давраи душвори гузаришро аз модели анъанавӣ ба модели нисбатан озод ва соддатар аз сар мегузаронад, ки аҳаммияти мақсадҳои никоҳ, яъне таваллуд ва тарбияи кӯдакон кам шуда истодааст. Мо чунин мешуморем, ки дар ин шароит вазифаи давлат аз он иборат аст, ки институти никоҳ, баланд бардоштани нуфузи бақайдгирии иттифоқҳои никоҳ ва дастгирии иҷтимоии оилаҳо таъмин карда шавад, зеро некуаҳволии ҷомеа ва умуман, давлат аз оила вобаста аст.

Дар қонунгузории оилавӣ мафҳуми ҳуқуқии ақди никоҳ вуҷуд надорад ва ин имкон намедиҳад, ки ба баҳсҳо оид ба моҳияти ҳуқуқии ақди никоҳ хотима дода шавад. Маврид ба зикр аст, ки дар қонунгузории оилавии аксар кишварҳои хориҷӣ таърифи дақиқи мафҳуми «никоҳ» дода нашудааст. Ин тааҷҷубовар нест, зеро набудани таҳкими меъёрии ақди никоҳ ба қонунгузории қаблан амалкунандаи оилавии кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла, кодекси қаблан амалкунандаи никоҳ ва оила дар давраи баъд аз инқилоб қабул шуда, муносибатҳои оилаву никоҳро дар давлатҳои Иттиҳоди Шуравӣ ба танзим медароварданд. Дар таълимоти илмии соҳаи ҳуқуқи оилавӣ ба таърифи никоҳ равиши ягона мавҷуд нест [106, с. 53]. Дар ин хусус дар дигар сарчашмаҳо низ қайд мегардад, ки бо вуҷуди рушди фаъоли илми ҳуқуқи оила ва қонунгузории оила имрӯз мафҳуми ҳуқуқии «оила» ва «ақди никоҳ» вуыуд надорад. Дар ҳаёти ҳаррӯза ин мафҳумҳо аксар вақт якхела истифода мешаванд, ки ин комилан дуруст нест [96, с. 2181]. Бо ин назардошт, атрофи мафҳум, табиат ва фаҳмишҳо оид ба никоҳ андешаҳои мухталиф ба назар мерасанд. Таҳлили таърифҳои мавҷудаи чунин падида, ба монанди ниқоҳ аз ҷониби олимони О.А. Хазовой, А. Нечаева, М.В. Антоколская, Л.

Пчелинсева, О.Ю. Косова ва дигарон ба мо имкон медиҳанд, ки ҳар кадоми ин муаллифон ҳангоми пешниҳоди таърифи никоҳ кӯшиш мекунанд, ки тамоми ҷиҳатҳои акди никоҳро пурра фаро гиранд. Ин ба баъзе таърифҳои душвор оварда мерасонад, аммо дар айни замон ба мо имкон медиҳад, ки моҳияти ин падидаро пурратар ифшо кунем.

Дар адабиёт мафҳумҳо ва фаҳмишҳои мухталиф оид ба никоҳ ҷой доранд. Аз ҷумла, Н.М. Имомова чунин мафҳуми никоҳро қайд кардааст: никоҳ як иттиҳоди озод, ихтиёрӣ, баробарҳуқуқ ва аслан якумраи (на шартнома!) зану мард аст, ки ҳадафи он бунёди оила мебошад [30, с. 41]. Ба андешаи Ю.М. Фетюхин, «никоҳ – иттиҳоди озоду ихтиёрии қонунан ба расмият даровардаи зану мард, ки бо риояи шартҳои пешбининамудаи қонун баста шуда, ба ташкили оила нигаронида шудааст ва боиси ба миён омадани ҳуқуку ухдадориҳои байни зану шавҳар мегардад» [159, с. 185]. Аз нуқтаи назари ҳуқуқшиносӣ, никоҳ ҳамчун як намуди махсуси муносибатҳои байни мардон ва занон далели муҳимми ҳуқуқӣ мебошад, ки боиси ташаккули робитаҳои ҳуқуқии оилавӣ мегардад ва доираи ҳуқуқ ва ухдадориҳои зану шавҳарро нисбат ба ҳамдигар муқаррар мекунад.

Ҳамчун муомилоти ҳуқуқии маданӣ будани никоҳ дар адабиёти ҳуқуқӣ баъзе фаҳмишҳо ҷой доранд. Масалан, М.В. Антоколская қайд мекунад, ки «шартномаи акди никоҳ аз рӯйи моҳияти ҳуқуқии худ аз шартномаи маданӣ фарқ намекунад. То он дараҷае, ки онро қонун танзим мекунад ва боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад, шартнома ба ҳисоб меравад» [30, с. 40]. Ба фикри мо, чунин изҳорот аслан нодуруст аст. Агар акди никоҳ ҳамчун аҳд фаҳмида шавад, пас, бояд қайд намуд, ки амали зану шавҳар ҳангоми акди никоҳ ҷиҳати ба вуҷуд омадан, тағйир додан ё қатъ гардидани ҳуқуку ухдадориҳои маданӣ нигаронида шудааст. Зимнан, ҳадафи аслии никоҳ бунёди оила аст. Ҳангоми бақайдгирии акди никоҳ мо чунин мешуморем, ки зану шавҳар дар бораи шартномаи акди никоҳ, низоми молумулки никоҳ, шартҳои пардохти алимент ва ғайра

камтар аз ҳама фикр мекунанд. Яъне никоҳ иттифоқ ва ягонагии зану мард аст, ки мехоҳанд оила (қонунӣ) барпо кунанд.

В.В. Гридина қайд намудааст, ки «дар назарияи ҳуқуқи оилавӣ айни замон ду нуқтаи назар дар бораи моҳияти ҳуқуқии никоҳ мустаҳкам карда шудааст. Яке аз онҳо мегӯяд, никоҳ як ниҳоди хос аст. Тарафдорони он мавҷудияти унсурҳои муайяни шартномавиро дар муносибатҳои ҳуқуқии ақди никоҳ эътироф мекунанд, вале аз қабули он ҳамчун шартнома худдорӣ менамоянд» [106, с. 53]. Дигараш ин аст, ки ақди никоҳ мақоми муайянест, ки аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии он ба вуҷуд меояд. Мазмуни ин ҳолат ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зану шавҳар мебошад. Ин мақом ба имконияти анҷом додани амалҳои муайян (дохил шудан ба ақди никоҳи дигар, ҳуқуқи мерос) таъсир мерасонад.

Дар мавриди моҳияти никоҳ, ки онро ҳамчун шартномаи сирф маданӣ ҳисоб менамоянд, мавқеи Кантро ҳам баён кардан мумкин нест. Дар ин шакл мазмуни байни иштирокчиёни ақди никоҳ танҳо бо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дар шартнома зикргардида муайян карда мешавад, ки хусусияти муносибатҳои шахсони алоҳидаро нисбат ба ҳамдигар муайян мекунад ва никоҳ дар мазмуни худ ба талаботи тарафайн табдил меёбад [96, с. 2179]. Бояд гуфт, ки ин равиш кайҳо боз таърифи ақди никоҳро ифода намуда, «дар он бештар шартномаи мадание, ки дар шакли муқаррарнамудаи қонун баста шуда, зану мардро барои якҷоя зистан, дастгирии ҳамдигарӣ ва муттаҳид шудан ба ҳам меовард, баррасӣ мешуд. Ин мавқеъро маданияти хориҷӣ (махсусан фаронсавиҳо) ҳам тарафдорӣ мекунанд, вале бо мурури замон назариячиёни ватанӣ ба нуқтаи назари дигар пайравӣ кардаанд. Таърифи ақди никоҳ ҳамчун шартнома яке аз дидгоҳҳо оид ба моҳият ва маънои ҳуқуқии он мебошад» [106, с. 53]. Муаллиф дар мубоҳиса оид ба моҳияти ҳуқуқии ақди никоҳ (никоҳ иттиҳод, никоҳ факти ҳуқуқист) ба он олимоне ҳамроҳ мешавад ва дар никоҳ маҳз иттиҳоди зану мардро мебинанд, ки бо мақсади барпо намудани оила никоҳ бастаанд. Мо чунин иттифоқро ҳамчун

муносибатҳои ҳуқуқии дарозмуддат, асосан (барои зану шавҳар), муносибатҳои ҳуқуқӣ мешуморем, ки ба таври дигар ҳолати никоҳ номида мешавад. Мо ҳукми дар адабиёт (М.В. Антоколская) ифодаёфтаро дар бораи он ки ақди никоҳ муомилоти (шартномаи) мадании ҳуқуқӣ мебошад, хато мешуморем. Шартномаи маданӣ боиси оқибатҳои маданӣ мегардад. Баръакс, бастани никоҳ боиси оқибатҳои ҳуқуқи оилавӣ мегардад.

Дар адабиёти илмӣ ду равиши муайян кардани мафҳуми никоҳ кайҳо муқаррар шудааст. Якум, равиши сотсиологӣ буда, он никоҳро ҳамчун шакли таърихан шартӣ ва танзимшавандаи муносибатҳои байни намояндагони ҷомеаи ҷинси гуногун муайян мекунад. Ин мафҳуми ақди никоҳ ба ҳамзистии воқеӣ дахл дорад, зеро ҳуқуқ ва уҳдадориҳои байни мард ва зан аз он бармеоянд. Аз нуқтаи назари К.П. Победоностсев: «моҳияти никоҳ, на танҳо дар иттиҳоди ҳуқуқии васиятҳост, балки, пеш аз ҳама, дар шароити табиати ҷисмонӣ ва руҳии инсон ифода меёбад» [51, с. 13]. Равиши дигар фаҳмиши ҳуқуқии никоҳ мебошад, ки баррасӣ кардани он барои мо беҳтар аст. Пас, «никоҳро ба маънои ҳуқуқӣ чӣ бояд фаҳмид? Маълум аст, ки таърифи ақди никоҳ ҳамчун иттиҳоди зану мард, ки дар мақомоти САҲШ бо тамоми шартҳои муқарраргардида ба қайд гирифта шудааст, бешубҳа, кифоя нест. Дарвоқеъ, дар сурати ҳал шудани масъалаи қалбакӣ будани ақди никоҳ суд наметавонад ҳақиқии ақди никоҳро танҳо аз рӯйи он баҳо диҳад, ки он бо риояи пурраи тамоми талаботи пешбининамудаи қонун ба қайд гирифта шудааст» [106, с. 53].

Дар адабиёт равиши сеюм барои муайян кардани моҳияти никоҳ вуҷуд дорад, ки пешниҳоди никоҳро танҳо дар эҳсоси муҳаббат ба ҳамдигар баррасӣ мекунад [96, с. 2179]. Бо вуҷуди ин, бояд дар назар дошт, ки муҳаббат ва эҳсосот метавонанд натиҷаи гумроҳӣ, ҳаваси ҷисмонӣ ё натиҷаи ҳама гуна маҷмуи ҳолатҳо бошанд. Муҳаббат ҳамчун симои муайян, идеал метавонад дорои принсипҳои ахлоқӣ набошад.

Аммо маҳз принсипҳои маънавию ахлоқӣ қодиранд, ки никоҳро ҳамчун як навъ иттиҳоди шахсиятҳо мустаҳкам созанд.

Қабл аз тавсифи ақди никоҳ ҳамчун як ниҳоди ҳуқуқӣ мо қайд мекунем, ки сарфи назар аз пажӯҳишҳои ба назар намоён оид ба масъалаи никоҳ ҳамчун як ниҳоди ҳуқуқӣ, миёни олимоне, ки бо ин мушкилот сарукор доранд, дар мавриди моҳияти ҳуқуқии ақди никоҳ ягонагӣ вуҷуд надорад. Онҳо бар он назаранд, ки барои ҳуқуқшиносӣ танҳо он ҷанбаҳои ҳаёти оилавӣ, ки метавонанд мавриди танзими ҳуқуқӣ бошанд, манфиатдор мебошанд [96, с. 2180]. Баъзе коршиносони муосир дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии никоҳ ҷонибдори ақидаи О. Иоффе [31, с. 187] буда, никоҳро ҳамчун амали муайяни ихтиёрӣ ва мақсаднок мефаҳманд, ки бо мақсади ба вуҷуд овардани оқибатҳои муайян анҷом дода мешавад. Таҳлили ин нуқтаи назар ба мо имкон медиҳад, ки байни ақди никоҳ ва муомилоти маданӣ монандиҳо муайян карда шаванд. Гурӯҳи дигари олимон бар ин назаранд, ки никоҳ аслан шартномаи оддии маданӣ мебошад [10, с. 109].

Институти ақди никоҳ ба маънои сотсиологӣ иттиҳоди иҷтимоӣ ва созиши махсуси ҳаёти одамон мебошад. Дар баробари ин, институти ақди никоҳ категорияи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Он маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки муносибатҳоро оид ба бастан, қатъ ва беэътибор донистани ақди никоҳ танзим мекунад. Дар низоми ҳуқуқи оила, институти ақди никоҳ яке аз ҷузъи асосӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамин тавр, никоҳ ниҳоди мураккаби иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Дар қонунгузории оилавӣ ягон таърифи ҳуқуқие оид ба никоҳ вуҷуд надорад, чунонки дар таърихи қонунгузории пештараи оилавии давраи шуравӣ низ вуҷуд надошт. Ҳуқуқшиносон ва ҷомеашиносони соҳибмаърифат ба никоҳ таърифҳои гуногун медиҳанд, ки онҳоро хато ҳисоб кардан мумкин нест, аммо ҳамзамон онҳо ба қадри кофӣ комил намебошанд. Муаллиф мавқеи ҳамон муаллифонро баён мекунад, ки ақди никоҳ иттиҳоди озод ва ихтиёрии қонунан ба расмият

даровардашудаи зану мард, ки бо риояи шартҳои пешбининамудаи қонун баста шуда, ба ташкили оила, ба вуҷуд овардани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои зану шавҳар мутақобила нигаронида шудааст.

Дар адабиёти муосири ватанию хориҷӣ ақди никоҳ ҳамчун иттиҳоди оилавии зан ва мард фаҳмида мешавад, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳоро нисбат ба ҳамдигар ва фарзандон ба вуҷуд меорад. Ё ба таври дигар: ақди никоҳ иттиҳоди ихтиёрии баробарҳуқуқии зану мард аст, ки бо мақсади ташкили оила баста шуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамдигарро ба вуҷуд меорад, ки дар мақомоти САҲШ бақайд гирифта мешавад. Мафҳуми зерин низ мавҷуд аст: «ақди никоҳ муҳимтарин факти ҳуқуқие мебошад, ки боиси ба вуҷуд омадани робитаҳои ҳуқуқии оилавӣ гардида, иттиҳоди озоду ихтиёрии зану мард мебошад ва бо тартиби муқарраршуда бо риояи талаботи қонун баста шуда, ба ташкили оила оварда мерасонад» [115, с. 124]. Мафҳумҳои додашуда ба таври равшан моҳияти никоҳро мекушоянд, вале дар баробари ин аз камбудӣ орӣ намебошанд. Масалан, дар мафҳуми аввал озодона баста шудани никоҳ ва дар мафҳуми дуюм боиси ба вуҷуд омадани ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо зикр нагардидааст.

Мушкилоти дигари аҳаммияти ақди никоҳ дар ҷомеаи муосир никоҳи беқайд аст, ки ҳамсарон бидуни сабти никоҳ якҷоя зиндагӣ мекунанд. Тавре А.А. Ведерникова қайд мекунад, «ҳар даҳумин никоҳ дар кишвар ба қайд гирифта намешавад, ғайр аз ин ҷуфти дар никоҳ бақайд гирифташуда ба ҳамзистии берун аз ақди никоҳ роҳ медиҳанд. Сабабҳои таъсиси чунин иттиҳодия метавонанд инҳо бошанд: набудани масъулияти расмӣ барои таъмини оила ва тарбияи фарзандон, ташаккул наёфтани моликияти муштараки ба даст овардашуда, инчунин, бепарвоӣ нисбат ба маросими ақди никоҳ» [101, с. 109].

Дар баробари ин, қисми муҳимми ҷомеаи муосир моҳияти муносибатҳои зиндагии муштаракро дуруст дарк намекунад. Мақсади никоҳ бунёди оила аст, ки мантиқӣ ба назар мерасад. Аммо барои

бисёриҳо имрӯз никоҳ на бунёди оила, балки гирифтани имтиёзҳост. Масалан, «акди никоҳ барои гирифтани шаҳрвандӣ ба тариқи соддашуда, яъне дар муддати кӯтоҳтар ё дигар имтиёзҳо аз хадамоти давлатӣ ё маҳаллӣ баста мешавад. Аксар вақт ҳолатҳои акди никоҳ бо мақсади ба даст овардани мерос ё дигар сарватҳо ё, масалан, барои мустақилият аз волидон ва озодии бештари фаъолият мушоҳида мешаванд» [140, с. 117]. Аз андешаҳо бармеояд, ки дар баъзе ҳолатҳо никоҳро ҳамчун воситаи ба даст овардани фоидаи муайян, ҳамчун як муомилоти иқтисодӣ истифода мебаранд.

Ба андешаи В.В. Гридина, «бо ташаккул додани мафҳуми «никоҳ» назарияшиносони адабиёти муосири ҳуқуқии оилавӣ ба мувофиқа расиданд, ки никоҳ бояд, чун қоида, иттиҳоди қонунӣ, ба расмият даровардашуда, озод ва ихтиёрии зану мард ҳисобида шавад, ки ба бунёди оила ва тавлиди он нигаронида шудааст» [106, с. 54]. Таърифи ҳуқуқии акди никоҳро давлат ҳамчун «иттифоқ» мешуморад, яъне факти ҳуқуқии як намуди махсус, ки муддати дароз вуҷуд дошта, пайваста ё давра ба давра боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад.

Бо назардошти андешаҳои боло, мафҳуми зерини никоҳро қайд кардан мумкин аст: никоҳ иттиҳоди озоду ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқи марду зани никоҳшаванда мебошад, ки бо муҳаббат ва ғамхории ҳамдигар муттаҳид гардида, бо мақсади бунёди оила созиши ихтиёронаи худро дар мақомоти САҲШ расман тадсиқ намудаанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили муфассали он ба мо имкон медиҳад, ки аломатҳои никоҳро муайян кунем, ки барои ошкор кардани моҳияти ҳуқуқии он мусоидат мекунанд: иттифоқи зану мардро ифода мекунад; якканикоҳӣ; озодии бастани никоҳ; баробарҳукуии зану шавҳар; бақайдгирии ҳатмӣ дар мақомоти САҲШ; мақсад бунёди оила аст; дар байни зану шавҳар ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсии мутақобила ва молу мулкиро ба вуҷуд меорад.

Ба ҷуз аз аломатҳои зикршуда, ҳамзамон, чунин аломатҳои таркибии никоҳро қайд намудан мумкин аст, ки ифодакунандаи табиати ҳуқуқии никоҳ мебошанд:

а) ақди никоҳ шартнома нест, балки иттиҳоди як марду як зан, яъне иттиҳоди якҷоягӣ аст;

б) озодии ақди никоҳ, зеро ҳар як шахс худаш қарор медиҳад, ки никоҳ кунад ё накунад;

в) ихтиёрӣ дар никоҳ маънои онро дорад, ки ҳеҷ касро бар хилофи хоҳиши ӯ маҷбур кардан мумкин нест;

г) баробарии зану шавҳар дар никоҳ;

ғ) аломати «аслан иттиҳоди якумрӣ» нишон медиҳад, ки ақди никоҳ на барои як муҳлат, балки барои тамоми ҳаёт баста мешавад, вале бо хохиши зану шавҳар он метавонад қатъ карда шавад.

Ҳамаи аломатҳои мазкур кумак мекунанд, ки хусусиятҳои асосии онро ҳамчун далели ҳуқуқӣ инъикос кунанд ва тасвири пурратари онро ташкил диҳанд. Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон ба хулосае омад, ки мафҳум ва маънои ҳуқуқии ақди никоҳ бояд ҳамчун далели ҳуқуқӣ шарҳ дода шавад, ки он иттиҳоди ихтиёрии қонунан ба расмият даровардашудаи зану мард мебошад, ки бо мақсади бунёди оила ва ба зану шавҳар додани мақоми махсуси ҳуқуқӣ, ки барои онҳо ҳуқуқу вазифаҳои навро ба вуҷуд меорад, ташкил карда мешавад.

Ҳангоми бақайдгирии давлатии ақди никоҳ мақомоти САҲШ як қатор вазифаҳоро иҷро мекунанд, аз ҷумла:

– назорат аз болои риояи шарту тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории никоқ;

– қонеъ гардонидани манфиатҳои шахсӣ ва эҳтиёҷоти шаҳрвандон дар ташкили оила тавассути бақайдгирии расмии муносибатҳои ақди никоҳи байни зану мард;

– баҳисобгирии ақди никоҳ барои ҳисоботи оморӣ, ки ҷиҳати таҳияи самтҳои асосии сиёсати демографӣ ва оилавӣ заруранд;

– имконияти назорати қонунӣ будани ақди никоҳро амалӣ менамояд.

Бо назардошти андешаҳои боло, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки новобаста аз коҳиш ёфтани арзишҳои оилавию никоҳ нақши он дар ҳаёти шахсию ҷамъиятӣ ва давлатӣ баланд ва пураҳаммият боқӣ мемонад. Танҳо давлатро зарур аст, ки дар ин самт чораҳои зарурии ҳуқуқӣ андешад, то никоҳро ҳамчун муҳимтарин арзиши оилавии насли гузашта ҳифз намояд. Мафҳуми дақиқи никоҳ, ки дар боло дода шуд, дар қонунгузории оилавӣ мустаҳкам карда шуда, ҷиҳати баланд бардоштани арзишҳои анъанавии никоҳ дар кишвар бояд чораҳои муҳим андешида шаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар ҷомеаи муосир шаклҳои нави никоҳ ба миён омада истодааст, ки ба мақсади никоҳ ҳамчун як институти муҳими оилавӣ мувофиқат намекунанд. Давлатро зарур аст, ки ҷиҳати пешгирӣ намудани паҳншавии чунин шаклҳои никоҳ, ки ба арзишҳои фарҳангию ахлоқӣ ва оилавӣ мувофиқат намекунанд, чораҳои ҳуқуқӣ андешад.

### 2.3. Инкишофи вазъи ҳуқуқии тарафҳои ақди никоҳ

Асоси бунёди оила хоҳиши никоҳшавандагон ва тасдиқи хоҳиши онҳо тибқи барасмиятдарорӣ дар мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Никоҳ аз ҷониби тарафҳо баста шуда, ҳуқуқу уҳдадориҳо низ дар байни тарафҳо ба вуҷуд меояд. Бекор кардани ақди никоҳ низ аз ҷониби тарафҳо сурат мегирад. Аз ин ҷост, ки он ба муомилоти маданӣ шабеҳ буда, дар баъзе адабиёт ақди никоҳро ҳамчун шартномаи маданӣ тавсиф медиҳанд. Новобаста аз ин, вазъи ҳуқуқии тарафҳо дар муносибатҳои никоҳию оилавӣ аз шартномаи маданӣ фарқ намуда, омӯзишу таҳқиқи ҷудогонаро тақозо менамояд. Тавре дар адабиёт қайд мегардад, «тибқи қонунгузории амалкунандаи оила, занон ва мардон пас аз расидан ба синни никоҳ, яъне ҳаждаҳсолагӣ метавонанд дар мақомоти сабти асноди

ҳолати шаҳрвандӣ никоҳ банданд. Аммо имкони паст кардани синни никоҳ вуҷуд дорад ва ин ба тарафҳои ақди никоҳ таъсири муайян мерасонад. Асосҳо метавонанд сабабҳои узрнок, аз ҷумла, ҳомиладорӣ ё таваллуди кӯдак, инчунин, эмансипатсияи ашхоси ба синни никоҳӣ нарасида бошанд. Вобаста ба қисми аввали сабабҳо ҳама чиз равшан аст, вале масъалаи эмансипатсияи наврасон, ақди никоҳ бастан ва имзои шартномаи никоҳ аз ҷониби наврасон саволҳои зиёдеро ба миён меорад» [98, с. 145].

Дар хусуси мақоми ҳуқуқӣ ва вазъи ҳуқуқӣ баъзе гуногунандешӣ ҷой дорад. Мавқеи мо ин аст, ки дар робита ба мавзуи таҳқиқоти мо категорияҳои «вазъи ҳуқуқӣ» ва «мақоми ҳуқуқӣ»-ро метавон ҳамчун мафҳумҳои якхела танҳо ба маънои васеъ ҳисобид. Мо чунин мешуморем, ки зану шавҳар субъектҳои махсуси ҳуқуқ буда, хусусияти онҳо танҳо дар вақте зоҳир мегардад, ки онҳо иштирокчиёни якҷояи ин ё он муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Дар чунин ҳолатҳо категорияи «мақоми ҳуқуқӣ» нисбат ба зану шавҳар ҳамчун субъекти ҳуқуқ татбиқ мегардад.

Дар асоси андешаҳои Н.В. Витрук метавон хулоса кард, ки аз рӯйи вазъи ҳуқуқӣ ба маънои васеъ ӯ қобилияти иштирокчии ин ё он муносибатҳои иҷтимоӣ буданро дарк мекунад. Муаллиф мақоми ҳуқуқиро ҳамчун «ҳудуди рафтори имконпазир ва зарурии шахс, бо нишон додани ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва манфиатҳои қонунӣ дар тамоми соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода намудааст, ки ҳаҷми истифодаи неъматҳои мушаххаси моддӣ ва маънавиро муайян мекунад» [16, с. 116]. Умуман, Н.В. Витрук хулосаи ниҳоии худро бароварда, пешниҳод мекунад, ки мафҳуми аввалро соф истилоҳот ҳамчун «вазъи ҳуқуқӣ» ва дуюм ҳамчун «мақоми ҳуқуқӣ» муайян карда шавад [162]. Е.А. Лукашев [50, с. 30] низ ин мавқеъро дастгирӣ кардааст.

Мақоми ҳуқуқии зану шавҳар ҳамчун маҷмуи ҳуқуқу озодиҳои зану шавҳар, ки аз ҷониби давлат кафолат дода шудаанд, инчунин, вазифаю

уҳдадориҳо дар оила муайян карда мешаванд. Вазъи ҳуқуқии зану шавҳар қобилияти иштирокчии муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо меъёрҳои қонунгузории амалкунанда, пеш аз ҳама, муносибатҳои акди никоҳ танзим мешаванд, ба ҳисоб меравад [147, с. 75]. Ҳамин тариқ, ба мард ва зан аз лаҳзаи бақайдгирии акди никоҳ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои акди никоҳ дода мешаванд, яъне аз ҳамин лаҳза онҳо субъектҳои ҳуқуқу уҳдадориҳои аз тарафи давлат ба онҳо додашуда мегарданд. Бинобар ин, аз ҳамон лаҳза онҳо мақоми ҳуқуқии зану шавҳарро пайдо мекунанд. Нисбат ба онҳо дигар меъёрҳои ҳуқуқи оила, ки муносибатҳои онҳоро ҳамчун муносибатҳои байни зану мард танзим мекунанд, паҳн мегарданд.

Айни замон ин муносибатҳо, сарфи назар аз намудашон, хусусиятҳои умумӣ доранд. Якум, ин таркиби субъективӣ: танҳо зану шавҳар субъектҳо шуда метавонанд, дуюм, баробарии ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳар дар оила. Ин хусусият ҳамчун принсипи асосии ҳуқуқи оила эълон карда шудааст. Принсипи баробарии ҳуқуқи зану шавҳар ва мутаносибан вазъи ҳуқуқии онҳо ба мо имкон медиҳад, ки дигар хусусиятҳои хоси муносибатҳои зану шавҳарро нишон диҳем.

Бар хилофи дигар субъектҳои муносибатҳои оилавӣ асоси пайдоиши муносибатҳои марду зан никоҳ мебошад. Асоси пайдоиши дигар муносибатҳои оилавӣ метавонад хешутаборӣ ё шакли ҷойгиркунии кӯдак дар оила барои тарбия бошад. Инчунин, бояд гуфт, ки қонунгузор муносибатҳои байни падару модар ва фарзандонро пурратар ошкор мекунад, оид ба масъалаи ҳамсарон бошад, қонунгузор бо хусусиятҳои умумӣ маҳдуд мешавад. Муносибатҳое, ки байни зану шавҳар ба вуҷуд меоянд, асосан, дар асоси хусусиятҳои шахсии ҳарду сохта мешаванд, ки наметавонанд таҳти таъсири ҳуқуқӣ қарор гиранд [147, с. 76]. Муносибатҳои марду занро наметавон бар пояи қудрат ва итоат бунёд кард. Албатта, муносибатҳои воқеӣ дар дохили оила наметавонанд дар асоси қудрат ва тобеияти дигар аъзои оила бунёд шаванд, зеро

қонунгузор имкони ҳалли баҳсҳои дохили оиларо бо мувофиқаи тарафайн пешбинӣ мекунад. Аммо амалан иродаи падару модар ҳамеша бар иродаи кӯдак ва баъзан бар ноболиғ бартарӣ дорад. Байни зану шавҳар ҳама чиз гуногун аст ва ин ҳолат бо меъёрҳои қонунгузории оилавӣ тасдиқ карда мешавад, ки дар ҳуқуқҳо баробар будани зану шавҳар; ба моликияти муштарак ҳуқуқӣ баробар доранд; ҳуқуқи доштан, истифодабарӣ ва ғ.

Бояд тазаккур дод, ки «вазъи махсуси ҳуқуқии зану шавҳар бевосита аз муносибатҳои шахсии онҳо вобаста аст ва аз ин рӯ, қонунгузор онҳоро ҳамчун як воҳиди том, оилаи ягона ва субъекти ягонаи ҳуқуқ мешуморад. Муносибатҳое, ки байни зану шавҳар ба вуҷуд меоянд, новобаста аз он ки онҳоро кадом меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим мекунанд (оилавӣ, маданӣ, маъмурӣ ва ғ.) наметавонанд ҳамеша мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гиранд, зеро дар аксари маврид ба онҳо меъёрҳои ахлоқӣ таъсир мерасонанд, ки дар навбати худ аз тарбия, анъанаҳои оилавӣ, урфу одат ва ғайра иборатанд» [133, с. 39]. Вазъи ҳуқуқии зану шавҳар бо ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективии онҳо муайян карда мешавад ва аз рӯйи хусусияташ онро байнисоҳавӣ ҳисоб кардан мумкин аст. Моҳияти байнисоҳавии муносибатҳое, ки зану шавҳар ба он ворид мешаванд, аз он иборат аст, ки меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ лаҳзаи додани мақоми зану шавҳар – рӯзи бақайдгирии давлатии ақди никоҳи онҳоро муайян мекунанд ва танҳо дар он сурат вобаста ба кадом муносибатҳои ҷамъиятии зану шавҳар қоидаҳои ин ё он соҳаи ҳуқуқ амал мекунанд. Ҳамин тавр, новобаста аз он ки зану шавҳар ба кадом муносибате ворид мешаванд, меъёрҳои ҳуқуқи оила афзалиятнок хоҳанд буд, ки муносибатҳои иҷтимоиро, ки зану шавҳар ба он дохил мешаванд, танзим намоянд. Ҳамин тариқ, мо чунин мешуморем, ки мафҳуми мақоми ҳуқуқии зану шавҳар мафҳуми байнисоҳавӣ мебошад. Бо ин назардошт, наметавон гуфт, ки мақоми ҳуқуқии тарафҳои никоҳро қонунгузории оилавӣ пурра муқаррар ва танзим намудааст, зеро баъзе аз паҳлуҳои

масъалаи мавриди назар тибқи қонунгузории дигар соҳаҳо ба танзим даровarda мешаванд. Бинобар ин, таҳия ва қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи мақоми ҳуқуқии зану шавҳар дар ҶТ» ба мақсад мувофиқ мебошад.

Хусусияти вазъи ҳуқуқии зану шавҳар дар танзими муносибатҳои амволӣ низ ба назар мерасад, бинобар ин, мувофиқи қонунгузории оилавӣ агар зану шавҳар шартномаи ақди никоҳ набаста бошанд, пас, молу мулки муштарак ба даст овардашуда таҳти низоми моликияти муштарак қарор дорад. Ин бар хилофи дигар намудҳои моликияти умумӣ бе саҳомӣ мебошад ва чунин тахмин карда мешавад, ки моликият, истифода ва ихтиёрдории он бо розигии тарафайн ба амал баровarda мешавад.

Муносибатҳои шартномавии байни зану шавҳар бар хилофи дигар аъзоёни оила инчунин, хусусиятҳои хоси худро доранд: шартномаи никоҳ ё созишномаи тақсимоти молу мулки умумии муштаракро танҳо зану шавҳар баста метавонанд. Он хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии зану шавҳар, ки мо мавриди баррасӣ қарор додем, ба мо имкон медиҳанд, ки ба категорияҳои «вазъи ҳуқуқӣ» ва «мақоми ҳуқуқӣ» назари дигар андозем. Зану шавҳар вобаста ба он ки муносибатҳои онҳоро кадом соҳаҳои ҳуқуқ танзим мекунанд, метавонанд ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гуногун дошта бошанд. Аммо ин онҳоро водор намекунад, ки мақоми ҳамсари худро аз даст диҳанд. Бо ин назардошт, гуфтан мумкин аст, ки мафҳумҳои «мақоми ҳуқуқӣ» ва «вазъи ҳуқуқӣ» аз ҳамдигар фарқ мекунанд, зеро мақоми ҳуқуқӣ васеъ буда, вазъи ҳуқуқӣ мушаххасан дар ҳар як самт ба вуҷуд омаданаш мумкин аст.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки бояд мавриди баррасӣ қарор дода шавад, масъалаи тарафҳои ақди никоҳ ва субъектони таркиби он мебошад. Масъалаи муайян кардани тарафҳои ақди никоҳро дар замони муосир никоҳҳои нави ғайрианъанавӣ мураккаб намудааст. Дар ҳоли ҳозир никоҳи воқеии зану мард ё маъмулан «никоҳи шаҳрвандӣ» ё

«ҳамзистии муштарак» низ маъруфияти зиёд пайдо мекунад. Чунин зиндагии муштарак, ки аз замони ҳуқуқи римӣ маълум буд, «конкубинат» номида мешуд. И.А. Покровский дар экскурсияи мухтасари худ қайд мекунад, ки «конкубинатро як навъ ивазкунандаи акди никоҳ мешумориданд ва онҳо мегуфтанд, ки «concubina ab uxore solo dilectu separatur» («конкубинат аз зани худ танҳо бо ихтиёри худ фарқ мекунад», гарчанде ки ин аз он дур аст). Дар паҳлуи акди никоҳ ба маънои аслии калима, ҳамзистии никоҳӣ, ба ибораи дигар, дараҷаи поёнтар – баъзе «inaequale conjugium» («никоҳи нобаробар») ба вуҷуд омадааст» [52, с. 345]. Ҳамин тариқ, мо метавонем бигӯем, ки ақди никоҳ факти ҳуқуқӣ мебошад, ки муносибатҳои муайяни ҳуқуқии маданиро ба вуҷуд меорад ва шартномаи ақди никоҳ «уҳдадории» зану шавҳар мебошад.

Як қатор олимон бар он назаранд, ки «ба гурӯҳи шахсони ба ақди никоҳ воридшаванда танҳо онҳое дохил мешаванд, ки дар оянда ният доранд бо тартиби муқарраршуда ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аризаи дахлдор пешниҳод кунанд» [145, с. 28-31]. Дар чаҳорчӯби ин бархӯрд пешниҳод шудааст, ки «шахсони ба ақди никоҳ воридшаванда бояд зан ва марде бошанд, ки нияти ба муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ворид шудан доранд, на танҳо онҳое, ки бо тартиби муқарраршуда ба мақомоти дахлдор ариза пешниҳод кардаанд» [57, с. 145]. Гурӯҳи дигар мегӯянд, ки «афроде, ки ба ақди никоҳ ворид мешаванд, танҳо онҳое буда метавонанд, ки бо пешниҳоди ариза ба идораи САҲШ чунин хоҳишро изҳор кардаанд» [113, с. 27-32]. Ба андешаи И.В. Бакаева, «бар хилофи охирин шаҳрвандоне, ки танҳо нияти ба муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ворид шуданро доранд, вале дар ин бора бо тартиби муқарраршуда изҳор накардаанд (шахсоне, ки дар шакли муқарраршуда хоҳиши худро баён накардаанд ё ба синни никоҳ нарасидаанд), қонунгузор чунин шахсонро ҳамчун шахсоне, ки хоҳиши бастани ақди никоҳ доранд, муайян мекунад» [90, с. 12]. Ин мавқеъро

аксарияти олимон ҷонибдорӣ мекунанд, дар ҳоле ки дар адабиёти махсус қайд мегардад, ки «ба беаҳаммиятии чунин муомила маҳз аз он сабаб таваҷҷуҳи хосса дода мешавад, ки шаҳрвандон, гарчанде хоҳиши бастани ақди никоҳ доранд, бо пешниҳоди аризаи дахлдор хоҳиши худро баён накардаанд. Ин маънои онро дорад, ки шартномаи ақди никоҳ аз ҷониби шахсоне баста мешавад, ки танҳо хоҳиши бастани муносибатҳои ақди никоҳро доранд, вале онро бо тартиби муқарраршуда баён накардаанд, ба аломатҳои муомилоти беэътиборе, ки дар таркиби субъективӣ нуқсон доранд, меафтанд, ки боиси оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ мегардад» [158, с. 87]. Ҳамин тавр, ақди никоҳ ба қайд гирифта намешавад ва шартномаи никоҳи басташуда эътибори қонунӣ нахоҳад дошт.

Ба фикри мо, хоҳиши ба муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ дохил шудан танҳо дар ҳолатҳои амалҳои ҳуқуқие, ки боиси оқибатҳои муайян мегарданд, характери ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Аз ҷумла, шахсоне, ки хоҳиши ақди никоҳ доранд, бояд мувофиқи тартиби муқарраршуда ба мақомоти САҲШ ариза пешниҳод кунанд. Аз ин рӯ, ба ғайр аз шахсони дар ақди никоҳ қарордошта шахсоне, ки ният ва хоҳиши ақди никоҳ доранд, низ метавонанд шартномаи ақди никоҳ банданд, вале танҳо аз лаҳзаи додани аризаи дахлдор.

Муаллифон А.В. Бегичев ва Е.Е. Фролов қайд мекунанд, ки «субъекти ҳуқуқ дар навбати худ ба маҷмуи ҳуқуқҳо дода мешавад ва нотариус бошад, аз рӯйи табиати худ ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муомилоти маданӣ нигаронида шудааст» [91, с. 3]. Нотариус дар тасдиқи шартномаи ақди никоҳ  нақши муҳим мебозад, вале ҳангоми муайян кардани талаботи иловагӣ, ба монанди пешниҳоди розигии падару модар барои тасдиқи шартномаи ақди никоҳ нотариус ба таври илова ба сифати як навъ кафили ҳуқуқҳои ноболиғони эманспатсияшуда баромад мекунад [98, с. 146]. Қайд кардан зарур аст, ки аксари олимон ба вуҷуд омадани институти ақди никоҳро марҳилаи мантиқии инкишофи ҳуқуқ ва муносибатҳои шартномавӣ медонанд. Аз

рӯйи моҳияти ҳуқуқӣ шартномаи ақди никоҳи дорои хусусиятҳои ба худ хос як намуди шартномаи ҳуқуқии маданӣ мебошад. Қонунгузории муосир муқаррароти зарурии ин намуди шартномаро ба таври кофӣ тавсиф намекунад.

Гуфтаҳои болозикрро ҷамъбаст намуда, қайд мекунем, ки шартномаи ақди никоҳ як амалиёти ҳуқуқи маданӣ мебошад, зеро имкони бастани шартномаи ақди никоҳ дар Кодекси маданӣ ва ҳам Кодекси оила пешбинӣ шудааст. Илова бар ин, тағйирот ва тартиби қатъ кардани чунин шартномаҳо бо меъёрҳои қонунгузории маданӣ танзим карда мешаванд, дар ҳоле ки Кодекси оила тартиби махсуси бастан ва қатъи шартномаи никоҳро дар бар намегирад. Масъалаи таркиби предмети шартномаи никоҳ номуайян боқӣ мемонад, зеро дар айни замон ба категорияи субъектҳо шахсони расман никоҳ дошта, инчунин, шахсоне, ки нияти бастани ақди никоҳи қонуниро доранд, ноболиғони эмансипатсияшуда ва шахсонеро дохил мешаванд, ки то бақайдгирӣ ақди никоҳ зану шавҳари воқеӣ мебошанд. Ҳар як категорияи субъектон тавзеҳоти алоҳидаро талаб мекунад. Эҳтимол аст, ки бо пайдо шудани моддаҳои иловагӣ дар Кодекси оила ба танзими шартномаҳои ақди никоҳ, бахусус, таркиби субъективӣ маъруфияти ин гуна созишномаҳо афзоиш ёфта, шумораи даъвоҳои марбут ба муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ кам шавад.

Як қатор баҳсҳо миёни ҳуқуқшиносон дар бораи фаҳмиши «шахсоне, ки хоҳиши никоҳ кардан доранд» ба миён меоянд. Кодекси оила дар м. 11 ибораи «шахсоне, ки хоҳиши никоҳ кардан доранд»-ро истифода намуда, дар м. 12 ибораи «марду зани никоҳшаванда»-ро муқаррар кардааст. Дар байни ҳуқуқшиносон чунин ақида паҳн шудааст, ки ««шахсоне, ки хоҳиши никоҳ кардан доранд» бояд танҳо шахсоне фаҳмида шаванд, ки ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ариза додаанд» [129, с. 235]. Аммо, чунонки Б.М. Гонгало дуруст қайд мекунад, «ин нуқтаи назар нодуруст мебошад, зеро дар қонунгузории оила чунин

талабот мавҷуд нест, ки пеш аз бастани шартномаи ақди никоҳ бояд ариза дар бораи бақайдгирии ақди никоҳ пешниҳод карда шавад» [86, с. 63-67].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд гардидааст, ки «Ба категорияи субъектҳои «шахсоне, ки хоҳиши никоҳ кардан доранд», таваққуф кардан зарур аст, зеро шахсони воқеӣ – зану шавҳари дар никоҳ қарордошта миёни коршиносони маданӣ ба мисли категорияи якум баҳси зиёдро ба вуҷуд намеоранд. Пас, кӣ ва дар кадом лаҳза ҳамчун «шахсоне, ки хоҳиши никоҳ кардан доранд», ба ҳисоб мераванд? Чунин ақидае ба миён меояд, ки шахсони дар боло зикршуда аз лаҳзаи ба идораи САҲШ муроҷиат кардан шахсони воқеӣ мебошанд. Мутобиқи меъёрҳои қонунгузории оилавӣ, никоҳ дар мақомоти САҲШ як моҳ пас аз пешниҳоди аризаи мутақобилаи зану шавҳар дар бораи нияти ақди никоҳ, вале на дертар аз дувоздаҳ моҳ аз рӯзи додани чунин ариза сурат мегирад» [98, с. 146]. Дар ин сурат агар ба нуқтаи назари аввала такя намоем, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки шахсон пас аз пешниҳоди ариза дар бораи хоҳиши бастани ақди никоҳ метавонанд бо нотариус шартҳои шартномаи ақди никохро, ки эътибори қонунӣ пайдо мекунанд, баъди ба қайд гирифтани ақди никоҳ созиш ва тасдиқ кунанд. Ин шартнома дар давоми дувоздаҳ моҳ аз рӯзи додани аризаи зану шавҳари оянда муҳим мебошад.

Як гурӯҳи муҳаққиқон (М.И. Брагинский, В.В. Витрянский, Ю.А. Королев ва И.М. Кузнетсова) қайд мекунанд, ки шартномаи никоҳ як навъи шартномаи ҳуқуқи маданӣ буда, хусусиятҳои муайян дорад. Ба хусусиятҳои он таркиби махсуси субъективӣ, мазмун ва предмети шартнома дохил мешаванд. Назарияи болоро тақвият дода, Е.А. Чефранова, махсусан, хусусияти боваринок доштани муносибатҳои тарафҳо, инчунин, номуайян будани мавзуи шартномаро қайд мекунад. Вай ба хулосае меояд, ки шартномаи ақди никоҳ муносибатҳои ҳуқуқии оилавиро тавассути воситаҳои ҳуқуқии маданӣ танзим мекунад [86, с. 65].

Б.М. Гонгало ва П.В. Крашенинников чунин мешуморанд, ки «шартномаи акди никоҳ яке аз навъҳои шартномаҳои ҳуқуқии маданӣ мебошад ва далели ин изҳорот дар он аст, ки тағйир додан ва қатъ намудани шартномаи акди никоҳ дар асос ва тартиби муқаррарнамудаи меъёрҳои Кодекси маданӣ сурат мегирад» [40, с. 125]. Аммо нуқтаи муҳим он аст, ки қариб ҳама шартномаҳои маданӣ ҳам шахсан ва ҳам дар асоси ваколатномаи нотариалӣ ё одии хаттӣ баста мешаванд, дар ҳоле ки шартномаи акди никоҳ танҳо аз ҷониби шахсони воқеӣ шахсан баста мешавад. Чунин нуқтаи назар аз ҳама боварибахш ба назар мерасад, зеро субъектҳои он танҳо шахсоне мебошанд, ки акди никоҳ мебанданд ва ё ҳамсароне, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо аз рӯйи шартнома баъд аз бастани акди никоҳ ба миён меоянд. Ҳамин тариқ, ин шартнома бо чунин факти мушаххаси ҳуқуқии ҳуқуқи оилавӣ, ба монанди акди никоҳ алоқаманд аст.

Тарафҳои шартномаи акди никоҳ метавонанд зану шавҳаре, ки дар акди никоҳи бақайдгирифташуда қарор доранд ва шахсоне, ки хоҳиши никоҳ карданро доранд, бошанд. Субъектҳои шартномаи акди никоҳ инҳо буда метавонанд: 1) шахсони дар акди никоҳ қарор доранд; 2) шахсоне, ки акди никоҳ бастан мехоҳанд, бо шарти пешниҳоди ариза ба мақомоти САҲШ. Дар мавриди якум аз лаҳзаи тасдиқи нотариалӣ ва дар сурати дуюм аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифтани акди никоҳ шартномаи никоҳ басташуда ҳисобида мешавад. То ин лаҳза шартномаи мавриди назар аз сабаби норасогии таркиби субъективӣ беэътибор дониста мешавад.

Агар ба масъалаи субъектони никоҳ таваҷҷуҳ намоем, саволе ба миён меояд, ки ҳар ду категорияи шахсони зикргардида метавонанд ба сифати субъектони акди никоҳ баромад кунанд? Савол ҳарчанд сода намояд ҳам, вале баъзе душвориҳоро доро мебошад. Масалан, агар никоҳ аз лаҳзаи бақайди давлатӣ гирифтани он ҳамчун никоҳи расмӣ эътироф шавад, пас, шахсонеро, ки хоҳиши бастани никоҳ доранд,

ҳамчун субъекти никоҳ ҳисобидан нодуруст мебошад, зеро онҳо ҳануз ба муносибатҳои никоҳӣ ворид нашудаанд ва байни онҳо ҳуқуқу уҳдадориҳо ба миён наомадааст. Аммо ба масъалаи мазкур аз ҷониби дигар низ таваҷҷуҳ кардан мумкин аст. Масалан, тибқи қонунгузории оилавӣ ҳар як марду зани ба синни никоҳӣ расида ва дорои шартҳои муқарраршуда аллакай метавонад барои бастани никоҳ муроҷиат намоянд, зеро дар ин маврид онҳо аллакай барои бастани никоҳ соҳибҳуқуқ мебошанд. Бо ин назардошт, гуфтан мумкин аст, ки шахсони ба синни никоҳӣ расида аллакай субъекти муносибатҳои никоҳӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар адабиёт қайд карда мешавад, ки «танҳо шахсони дар акди никоҳ ба қайд гирифташуда метавонанд субъекти шартномаи ақди никоҳ ба ҳисоб раванд, зеро ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аз шартнома бароянда ба зану шавҳар танҳо пас аз ба амал омадани факти ҳуқуқӣ, яъне баъди ба қайди давлатӣ гирифтани никоҳ вогузор мешаванд» [138, с. 42]. Инчунин, дар саҳифаҳои адабиёти тахассусӣ нокомии ибораи «шахсони ба ақди никоҳ воридшаванда» қайд карда мешавад, зеро чунин истилоҳ «... имкон медиҳад тахмин кунем, ки тарафҳо бояд дарояндаи наздик пас аз бастани шартномаи никоҳ бояд ба ақди никоҳ ворид шаванд» [41, с. 32]. Бархе аз донишмандон бар ин назаранд, ки «ба ҷойи «шахсони ба ақди никоҳ воридшаванда» бояд дар бораи «шахсони дорои нияти бастани ақди никоҳ» сухан ронем» [102, с. 94]. Чунин равиш аз ҳама мувофиқ ба назар мерасад ва ба мо имкон медиҳад, ки дар оянда аз мушкилии ҳалнашаванда дар амал канорагирӣ кунем. Илова бар ин, дар бораи имкони «пайваст кардани категорияи «шахсони никоҳшаванда» бо далели пешниҳоди ариза барои қайди ақди никоҳ ба мақомоти САҲШ» ақида вуҷуд дорад [46, с. 67].

Ба андешаи А.Н. Головистикова, «агар шартномаи ақди никоҳ то ба қайд гирифта шудани ақди никоҳ баста шуда бошад, чунин шартномаи ақди никоҳ муомилоти шартӣ бо шарти боздоштан ба ҳисоб

меравад, яъне танҳо аз лаҳзаи бастани ақди никоҳ эътибор пайдо мекунад» [86, с. 65]. Э.А. Чефранова чунин мешуморад, ки ҳуқуқи бастани шартномаи никоҳ пеш аз никоҳ бояд барои шахсоне эътироф карда шавад, ки ҷиҳати қайди давлатии ақди никоҳ ба мақомоти САҲШ ариза пешниҳод кардаанд. Аз ин рӯ, барои равшан кардани муқаррароти қонунгузорӣ мафҳуми шахсоне, ки хоҳиши никоҳ бастан доранд, бояд дақиқ карда шавад [86, с. 65]. Ба андешаи мазкур розӣ шудан мумкин аст, зеро тамоми субъектони никоҳ дар умум ҳамчун тарафҳои ақди никоҳ ҳисобида мешаванд ва ибораи шахсоне, ки хоҳиши никоҳ бастан доранд, муайян кардани мафҳум ва ҳайати тарафҳои ақди никоҳро душвор месозад. Қонунгузории оилавӣ дар баробари ин дигар мафҳумҳои норавшанро низ истифода мебарад, ки ба дақиқсозӣ ниёз доранд. Аз ҷумла, мафҳумҳои ҳамсарон, зан ё шавҳар, никоҳшавандагон ва монанди инҳо. Масалан, Кодекси оила дар м. 16 зимни муайян кардани асосҳои қатъи никоҳ дар қисми якум мафҳуми «ҳамсарон» ва дар қисми дуюм мафҳуми «зан ё шавҳар»-ро истифода бурдааст. Саволе ба миён меояд, ки магар ин ду мафҳумҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд? Оё мафҳуми ҳамсарон ҳамон зану мард аст? Фикр мекунем, ки истифодаи дақиқи мафҳуми «марду зан» ва ё «мард ё зан» дуруст мебошад, зеро мафҳуми ҳамсаронро имрӯз ба маънои қаблии худ маънидод намудан душвор аст. Ин ба он хотир аст, ки дар кишварҳои гуногун намудҳои мухталифи никоҳҳо ба миён омада истодаанд. Масалан, никоҳи байни ҳамҷинсҳо, одаму ҳайвон ва ғайра. Мафҳуми ҳамсарон васеъ буда, чунин никоҳҳои ғайрианъанавиро фаро гирифтанаш мумкин аст. Бинобар ин, беҳтар аст, ки дар қонунгузорӣ мафҳумҳо дақиқ ва якхела карда шаванд. Ҳамзамон, дар қонунгузорӣ бояд дақиқ муқаррар карда шавад, ки ба ҳайси тарафҳои ақди никоҳ киҳо баромад мекунанд.

Масъалаи муайян кардани тарафҳои ақди никоҳ ба масъалаи субъектони никоҳ робитаи зич дорад, зеро таркиби асосии тарафҳо субъектони ақди никоҳ мебошанд. Ба андешаи Ю.В. Константинова,

«субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии никоҳӣ шахсоне мебошанд, ки бо ҳамдигар вобаста ба татбиқи ҳуқуқҳои оилавӣ ва иҷрои уҳдадориҳои оилавӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ ва (ё) воқеиро ба вуҷуд меоранд. Қонунгузории оила ба онҳо талаботҳои муайян мегузорад» [112, с. 56]. С.А. Муратова ба сифати субъектҳои муносибатҳои никоҳ инҳоро дохил кардааст: зану шавҳар [47, с. 31]. Маълум мегардад, ки ба ҳайси тарафҳои ақди никоҳ танҳо марду зан баромад карда метавонанд. Бояд гуфт, ки нисбат ба шахсоне, ки хоҳиши зану шавҳар шуданро доранд, талаботи зерин гузошта мешавад:

– онҳо бояд аз ҷинсҳои гуногун (мард ва зан) бошанд;

– онҳо бояд ба камолоти никоҳӣ (синну сол) расида бошанд;

– дар ягон никоҳи дигари бақайдгирифташуда бояд қарор надошта бошанд;

– онҳо хешовандони наздик, фарзандхондагон ва фарзандхондашудагон, шахсони ғайри қобили амал ё дорои қобилияти маҳдуд буда наметавонанд;

– аз муоинаи ҳатмии тиббӣ гузашта бошанд ва монанди инҳо.

Шахсоне, ки алакай дар ақди никоҳи бақайдгирифташуда қарор доранд, ҳамчун тарафҳои ақди никоҳ дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои муайян мебошанд. Зану шавҳар аз лаҳзаи дар мақомоти САҲШ ба қайд гирифта шудани ақди никоҳ ҳолати никоҳӣ пайдо мекунанд. Онҳо марду зане мебошанд, ки ба синни никоҳ расидаанд ва бо хоҳиши худ ва ризоияти тарафайн ба иттиҳоди ақди никоҳ, ки аз ҷониби мақомоти САҲШ ба қайд гирифта шудааст, дохил шуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои пешбининамудаи қонунгузории оиларо доро мебошанд.

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зану шавҳар дар навбати аввал дар фасли 3 Кодекси оила пешбинӣ шудаанд. Ба онҳо чунин ҳуқуқу вазифаҳо дохил мешаванд:

– ҳар як зану шавҳар дар интихоби касб, кор, ҷойи истиқомат ва макони зист озоданд;

– масъалаҳои модар, падар, тарбия, таълими фарзандон ва дигар масъалаҳои ҳаёти оилавиро зану шавҳар дар асоси принсипи баробарии зану шавҳар якҷоя ҳал мекунанд;

– зану шавҳар вазифадоранд муносибатҳои худро дар оила дар асоси эҳтиром ва ёрии ҳамдигарӣ ба роҳ монанд, ба беҳбудӣ ва мустаҳкам гардидани оила мусоидат намоянд, дар бораи некуаҳволӣ ва инкишофи фарзандони худ ғамхорӣ кунанд;

– зану шавҳар бо салоҳдиди худ ҳангоми ақди никоҳ насаби яке аз онҳоро ҳамчун насаби умуми интихоб мекунанд ё ҳар кадоме аз зану шавҳар насаби пеш аз никоҳи худро нигоҳ медорад ё агар дар қонунгузорӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, ба насабашон насаби ҳамсари дигарро илова мекунанд;

– тағйир додани насаб аз ҷониби яке аз шавҳарон боиси тағйир додани насаби ҳамсари дигар намегардад;

– дар сурати бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар ҳуқуқ доранд насаби умумии худро нигоҳ доранд ё насаби пеш аз никоҳашонро барқарор намоянд.

Ҳамин тавр, дар муносибатҳои никоҳӣ нақши тарафҳо хеле баланд мебошад. Маҳз бо созиши тарафҳо никоҳ баста шуда, ҳамзамон, бо созиши онҳо барҳам дода мешавад. Агар яке аз тарафҳо дар бастани ақди никоҳ розӣ набошад, он гоҳ никоҳ баста намешавад. Ҳамзамон, агар дар бекор кардани ақди никоҳ яке аз тарафҳо розӣ набошад, он гоҳ никоҳ ихтиёран бекор карда намешавад, балки аз ҷониби суд ҳал карда мешавад. Андешаҳои мазкур гувоҳи онанд, ки асоси бунёд ва пойдории никоҳ аз тарафҳо вобаста мебошад.

Қонунгузорӣ бояд маҷмуи қоидаҳоеро дар бар гирад, ки вазъи ҳуқуқии зану шавҳарро дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқ муайян мекунанд (аз ҷумла, мо тахмин мекунем, ки он бояд рӯйхати мукаммали ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони ба ақди никоҳ воридшаванда, зану шавҳар ва зану шавҳари собиқро дар бар гирад).

Чунин хулосаҳо баровардан мумкин аст, ки ба зану шавҳар аз рӯзи бақайдгирии давлатии ақди никоҳ мақоми махсуси ҳуқуқӣ дода мешавад. Зану шавҳар дар бисёр муносибатҳои ҳуқуқӣ ба сифати субъекти ҳуқуқ зери унвони «тарафҳо» ва ё «зан ё шавҳар» баромад мекунанд. Мақоми зану шавҳар аз рӯйи моҳияти худ характери байнисоҳавӣ дорад ва дар танзими муносибатҳое, ки зану шавҳар ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ дохил мешаванд, зоҳир мегардад. Аммо он хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии зану шавҳар, ки дар меъёрҳои соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ мавҷуданд, бо меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ пешакӣ муайян карда мешаванд.

Пешниҳод карда мешавад, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи мақоми ҳуқуқии зану шавҳар дар ҶТ» қабул карда шавад, ки он бояд меъёрҳои ягонаи танзимкунандаи мақоми зану шавҳарро дар бар гирад.

## 2.4. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи никоҳ

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи никоҳ яке аз ҷузъҳои таркибии сиёсат дар самти оила мебошад. Сиёсати давлатии оила ва демография дар навбати худ ҷузъи таркибии сиёсати иҷтимоӣ буда, фарогирандаи сиёсат дар соҳаи никоҳ мебошад. Масъалаҳои муносибатҳои оилавӣ ва ақди никоҳ дар ҶТ, вазъи занону кӯдакон дар оилаҳо вақтҳои охир дар маркази таваҷҷуҳи ҳукумат, созмонҳои ғайриҳукуматии байналмиллалӣ, маҳаллӣ ва васоити ахбори омма қарор гирифтаанд, ки ин аз ҷиддияти мушкилот шаҳодат медиҳад ва танҳо бо ҷидду ҷаҳди якҷоя ин соҳаи асосии муносибатҳои одамонро ба тартиб андохтан мумкин аст [142, с. 88]. Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ва мустақил дар раванди боло бардоштани нақши занон дар самтҳои гуногуни иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ саҳми намоён гузошта, эътирофи баробарҳуқуқии занону мардонро дар сатҳи конститутсионӣ кафолат додааст. Имрӯз гуфтан мумкин аст, ки сиёсати давлатӣ оид ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа дар ҳолати рушд қарор дорад, ки шаҳодати мақоми бузурги занон дар ҷомеаи тоҷик мебошад [104, с. 143]. Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки

дар баробари дигар кишварҳо ҶТ низ сиёсати давлатиро дар самти оила ва никоҳ роҳандозӣ намудааст. Маврид ба зикр аст, ки сиёсат дар соҳаи никоҳ тамоми масъалаҳои бо никоҳ робитадоштаро дар худ муттаҳид менамояд. Аз ҷумла, масъалаҳои бастани никоҳ расмӣ, баробарҳуқуқии никоҳшавандагон, шартҳои никоҳ, аҳдномаи никоҳ, муносибатҳои шахсию молумулкии никоҳшавандагон, сатҳи ворид шудани ҷавонон ба никоҳ, сатҳи қатъгардии никоҳҳо ва ғ.

Дар ҳама гуна ҷомеа никоҳ хусусияти иҷтимоӣ дорад. Дар ин хусус дар адабиёт қайд мегардад, ки «дар раванди расмисозии никоҳ ҷомеа барои ҳифзи он уҳдадориҳои муайянеро ба дӯш мегирад ва бар души шахсоне, ки ба акди никоҳ медароянд, барои таъмини моддӣ, тарбияи фарзандон ваояндаи оила масъулияти муҳимро мегузорад» [75, с. 10]. Барои давлат никоҳ шакли қонунӣ муқаррар ва иҷозатдодашудаи муносибатҳои байни зану мард ва воситаи сиёсати демографӣ мебошад.

Никоҳ асоси барпо намудани оила буда, иттифоқию бардавомии он маҳз аз иҷроиши шартҳои никоҳ вобаста мебошад. Г. Гегел дар «Фалсафаи ҳуқуқ» гуфта буд, ки «оила танҳо дар натиҷаи никоҳ пайдо шуда метавонад ва иттиҳоди зану шавҳар, падару модар ва фарзандон аст. Дигар иттифоқҳои шахсоне, ки якҷоя зиндагӣ мекунанд, аз ҷониби ӯ ҳамчун «таваллудгоҳ ё хона» маънидод карда мешавад» [18, с. 218]. Дар аксари кишварҳо сиёсати давлатӣ дар соҳаи никоҳ дар алоҳидагӣ таҳия ва роҳандозӣ нагардидааст, балки он дар доираи сиёсати иҷтимоии демографию оилавӣ амалӣ карда мешавад. Дар ин хусус И.А. Трофимес дуруст қайд намудааст, ки «сиёсати давлатӣ дар соҳаи никоҳ алоҳида муайян карда нашудааст. Ҳангоми муайян кардани сиёсати оила давлат (аз ҷумла) самтҳои асосии масъалаҳои никоҳро ёдовар мешавад» [137, с. 108]. Бо ин назардошт, сиёсати давлатӣ дар соҳаи оила ифодакунандаи сиёсат дар соҳаи никоҳ низ мебошад.

Сиёсати давлатии оила – низоми фаъолияти давлат мебошад, ки ба оила ҳамчун институти иҷтимоӣ бо мақсади таҳким, рушд, соҳибихтиёрӣ,

ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои оила дар асоси танзими ҳуқуқии муносибатҳо бо давлат нигаронида шудааст. Ин системаи ягонаи принсипҳо, арзёбӣ ва тадбирҳои хусусияти ташкилӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, илмӣ, иттилоотӣ, таблиғотӣ ва кадрӣ мебошад, ки ба беҳтар кардани шароит ва сифати зиндагии оила равона гардидааст. Сиёсати давлатии оила самти мустақили сиёсати иҷтимоӣ мебошад, ки танҳо масъалаҳои мушаххаси оилавиро ҳал намуда, оила ва давлатро ба зинаи нави муносибатҳо мебарорад.

Вақте ки мо дар хусуси оила сухан меронем, муносибатҳои байнишахсии зану шавҳар ва миёни волидону фарзандонро дар назар дорем. Тамоюл ва дурнамои муносибатҳои дохили оила дар давраи тағйири муносибати одамон ба арзишҳои никоҳ, табдили шаклҳои анъанавии оила ва никоҳ, пайдоиши шаклҳои нави оила аз ҷумлаи он масъалаҳое мебошанд, ки олимон айни замон таҳдқиқот бурда истодаанд. Андешаҳо дар бораи мазмуни нақшҳои оилавӣ ва вайроншавии системаи меъёрҳои рафтор дар соҳаи издивоҷ ва оила тағйир меёбанд. Аз ин рӯ, омӯзиши тамоюлҳои нав ва воқеан, пайдошаванда дар ин соҳа аҳаммияти калон пайдо мекунад. Андешаҳо оид ба рафтори зану шавҳар, асосан, дар зери таъсири фарҳанги миллӣ, таҷрибаи наслҳои пешин ва пойдории анъанаҳо ташаккул меёбанд [142, с. 79].

Унсурҳои сиёсати давлатӣ объект, предмет, принсипҳо, мақсад, вазифаҳо, самтҳо, механизм ва тадбирҳои (воситаҳои) татбиқи онҳо мебошанд. Объекти сиёсати давлатии оила – оила мебошад. Аммо оила на танҳо объекти сиёсати давлатии оила аст, балки ба ташаккули он таъсир мерасонад. Оила субъекти ғамхории махсуси давлат, институти иҷтимоӣ мебошад, аммо субъекти мустақили муносибатҳои ҷамъиятӣ нест. Ҳамин тариқ, фаъолияти ҳукумат ба як ҷомеаи муайяни одамон – оила нигаронида шудааст. Мавзуи сиёсати давлатии оила проблемаҳои

мушаххаси ин ниҳоди иҷтимоӣ – оила ва никоҳ, ҳамчун асоси он мебошад.

Дар баъзе сарчашмаҳо қайд мегардад, ки «Пас аз соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон ба мустаҳкам гардидани оилаҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуда, давлат баҳри беҳтар намудани шароити оилаҳо, ҳифзи манфиатҳои модару кӯдак ғамхорӣ менамояд ва барои омода кардани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ тадбирҳои амалӣ меандешад» [164]. А.В. Карпова зикр намудааст, ки «Аз сабаби гуногун будани вазифаҳо ва мураккабии ин ниҳоди иҷтимоӣ олимони соҳаҳои гуногуни назариявӣ ба масъалаҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи никоҳ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, аз ҷумла ҷомеашиносон, сиёсатшиносон, иқтисоддонҳо, муаррихон, ҳуқуқшиносон ва ғ.» [152, с. 123]. Муҳим он аст, ки дар кишвар мушкилоти оилавӣ ва демография дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеа, сиёсати давлатӣ, ҷамъият ва умуман, илм қарор дорад. Мушкилоти пойдории оилаи муосир низ набояд нодида гирифта шавад. Масъалаи мазкур аз вазъият ва динамикаи талоқҳои оилавӣ, ҷанбаҳои иҷтимоӣ-типологӣ ва минтақавии онҳо, сабабҳои талоқ, арзишҳои ақди никоҳ, қаноатмандии ақди никоҳ иборат мебошад. Ин масъалаҳо ташвишоваранд ва бинобар ин онҳо зери назорати доимӣ қарор мегиранд. Оид ба масъалаҳои талоқ пурсишҳо ва таҳқиқотҳои гуногун гузаронида мешаванд, ки ба омор сохторбандӣ шудаанд. Омори никоҳ ва талоқро дар кишвар Агентии омори назди Президенти ҶТ анҷом медиҳад. Масалан, мутобиқи маълумоти омории Агентии мазкур шумораи никоҳ ва талоқ чунин мебошад: дар соли 2020 никоҳ – 67100, талоқ – 10532; дар соли 2021 никоҳ – 74677, талоқ – 13684; дар соли 2022 никоҳ – 70665, талоқ – 14909 [23]. Воқеан, масъалаи талоқ ташвишовар боқӣ мемонад. Дар ин масъала як нуқтаи муҳим аст, ки ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Соли 2015 дар тамоми кишвар «Соли оила» эълон карда шуд. Дар соли мазкур шумораи никоҳ – 76956 ва талоқ – 8346-ро ташкил медиҳад [23]. Воқеан, дар соли мазкур тағйироти ҷиддӣ дар бунёди оила ва бекорнамоии он ба мушоҳида

мерасад. Аммо чунин натиҷа, мутаассифона, дер давом накардааст, зеро ду сол баъд (2017) шумораи талоқ аллакай 10053-ро ташкил медиҳад [23]. Аз ҳамин давра сар карда, шумораи талоқ сол ба сол рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Саволе ба миён меояд, ки сабаби якбора афзудани шумораи талоқ дар чӣ ифода меёбад?

Дар сарчашмаҳои иттилоотӣ қайд мегардад, ки яке аз сабабҳои пошхӯрии оилаҳо барвақт хонадор намудани ноболиғон мебошад. Дар натиҷаи нокифоя будани донишу малака, омода набудани навхонадорон ба зиндагии мустақилона ҳаёти якҷоя дер давом намекунад ё дар оила мушкилиҳои моддию маънавӣ пеш омада, муҳити солимии оиларо вайрон менамоянд. Мо ба андешаи мазкур розӣ шуда наметавонем. Зеро тавре маълум аст дар давраи шуравӣ сини никоҳи 15-16 сола буд, вале чунин нишондоди пошхурии оилаҳо ба назар намерасид. Ҷомеа зиёд олаҳоро медонад, ки дар сини барвақтӣ оиладор шуда, бисёр зиндагиии хуш гузаронидаанд. Ҳар кас метавонад зиндагии бобою бибиҳо ва ё баъзе волидони худро ёдовар шавад, ки дар кадом сину сол оиладор шуда, чи гуна зиндагиро аз сар гузаронидаанд доштанд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки парокандашавии оилаҳо маҳз дар солҳои охир ба нишондодҳои баланд расидааст. Дар таълимоти зардуштӣ ва мусулмонӣ низ сини никоҳӣ барвақт муқаррар шуда буд. Пас, хулоса кардан мумкин аст, ки мушкилот дар сину сол нею, балки дар дигар омилҳо мебошад. Ба назари мо, дар ҷомеаи муосир масъалаҳои нтихоби дуруст ва мувофиқи ҳамсар, сатҳи мутобиқшавии ҳамсарон, барзиёдии иттилооти мухталиф дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ки дар натиҷа сабаби пайдоиши талаботҳои барзиёд нисбати ҳамсарон мегардад ва амсоли инҳоро зикр намудан мумкин аст, ки дар парокандашавии оилаҳо таъсир мерасонанд. Дейл Карнеги дар китоби машҳураш «Оиди дӯстёбӣ» чунин изҳор доштааст, ки «пас аз таваҷҷуҳи

диққат дар интихоби ҳамсаре шоиста муҳимтарин чиз адабу эҳтиромест, ки бояд миёни марду зан боқӣ бошад».

Таҷрибаи инсоният нишон медиҳад, ҷомеае, ки дар он институти оила мустаҳкам нест, ба нокомӣ ва мушкилоти зиёди иҷтимоӣ печида, дар ниҳоят хавфи аз байн рафтан низ ба он таҳдид мекунад. Ин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба устувории оила ва дар ин замина ба бунёди ҷомеаи солим таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2015-ро «Соли оила» эълон карда, таъкид намуданд: «Масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад» [163]. Агар мо нишондодҳои солҳои 2025-2022-ро муқоиса намоем, он гоҳ маълум мегардад, ки 6563 никоҳ қатъ гардидааст. Як масъалаи дигарро низ бояд ба назар гирифт, ки на ҳама никоҳҳои аз ҷиҳати динӣ қатъгардида сари вақт расман қатъ карда мешаванд, зеро ба мушоҳида мерасад, оилаҳое, ки ба таври динӣ ҷудо мешаванд, барои расман бекор кардани никоҳи худ муроҷиат намекуннад. Чунин ҳолат моҳҳо ва баъзан сол идома меёбад. Бинобар ин, ҳолати мазкур ба нишондодҳои оморӣ ҳатман таъсир мерасонад.

Ҳарчанд дар адабиёт ва сарчашмаҳо оид ба коҳиш ёфтани шумораи талоқ дар солҳои охир изҳори назар шавад ҳам, вале масъалаи мазкур ҳануз ташвишовар боқӣ мемонад. Масалан, ба иттилои сардори Раёсати омори демографӣ ва шуғли аҳолии Агентии омор Набизода Абдувалӣ дар семоҳаи якуми соли 2023 дар Тоҷикистон 21 ҳазору 428 ақди никоҳ расман сабт шудааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,5 фоиз зиёд мебошад. Дар ин давра шумораи пошхӯрии оилаҳо 3057 ададро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта

827 ҳолат кам мебошад [163]. Ин ҷо ҳарчанд сухан дар хусуси кам шудани талоқ равад ҳам, атрофи коҳишёбии воқеӣ ҳануз сухан кардан душвор аст, зеро ин нишондиҳанда танҳо дар се моҳ муайян шудааст. Сабаби пошхӯрии оилаҳоро таҳлилгарон дар ҷаҳонишавӣ ва шаҳрнишинӣ (глобализатсия ва урбанизатсия) мебинанд, ки омезиши фарҳангҳоро ба вуҷуд оварда, махсусият ва таомулҳои мардумиро осебпазир гардонидааст.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки масъалаи барпо доштани муносибатҳои солими оилавӣ яке аз масъалаҳои мубрам ва мураккаб буда, рӯз то рӯз мубрамияти бештарро касб намуда истодааст. Ба андешаи мо, омили асосии пошхурии оилаҳои ҷавон дар он аст, ки бнобар сабаби маълумотҳои зиёд дар шабакаҳои иҷтимоӣ тафаккури ҷавонон ба зиндагии воқеӣ мувофиқат наменамояд. Яъне, ҷавонон дар шабакаҳои иҷтимоӣ саҳнаҳои гуногуну наворҳои оилавиро оид ба зиндагии беҳтару хушбахтонаи хориҷиён тамошо карда, дар тафаккурашон нақш мебандад, ки зиндагӣ воқеӣ чунин хоҳад буд. Пас аз оиладор шудан, онҳо аз ҳамдигар талаботҳои зиёдро интизор мешаванд, ки ба вуқуъ намепайвандад. Дар ниҳоят, боиси нобоварӣ ба ҳамдигар ва сард шудани муносибатҳо мегардад. Бо ин назардошт, пеш аз оиладор шудан, сатҳи фикрронии ҷавононро ба таври ҷиддӣ эътибор додан лозим аст.

Новобаста аз ҳолатҳои мавҷуда ҶТ тамоми саъю талоши худро барои ҳарчи кам кардани нишондиҳандаҳои талоқ равона сохтааст. Ба андешаи И.А. Трофимес, «категорияи «тадбирҳои ҳуқуқии татбиқи сиёсати давлатии оила»-ро аз категорияи «сиёсати ҳуқуқии давлатӣ дар соҳаи оила ва никоҳ» фарқ кардан лозим аст. Мафҳуми «тадбирҳои ҳуқуқӣ оид ба татбиқи сиёсати давлатии оила» мафҳуми маҳдудтаре буда, чунонки аз номаш бармеояд, аз таъсиси механизмҳои ҳуқуқии татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба оила ва никоҳ иборат мебошад. «Сиёсати ҳуқуқии давлат дар соҳаи оила ва никоҳ» мутаносибан мафҳуми

васеътаре мебошад, ки на танҳо баъзе муқаррароти ҳуқуқиро оид ба проблемаҳо, балки тамоми фаъолияти қонунбарорӣ, татбиқи ҳуқуқ, тафсири қонун, фаъолияти доктриналӣ ва ҳуқуқии тарбиявии давлатро муайян мекунад. Ҳукумат кӯшиш мекунад, ки тадбирҳои гуногунро (сиёсати ҳуқуқӣ ва сиёсати оилавӣ, ки усулҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад) амалӣ намояд, ки ба ҳифз ва таҳкими институтҳои иҷтимоии оила ва никоҳ нигаронида шудаанд. Мушкилоти асри XXI оид ба масъалаҳои никоҳ ҳалли ин масъаларо душвор мегардонад. Дар тӯли таърихи башарият тамаддунҳои инфиродӣ бо ғояҳои махсус, арзишҳои ахлоқӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ хос буданд, ки ба механизми танзими давлатӣ-ҳуқуқӣ таъсир расонидаанд. Анъанаи ҳуқуқӣ дар шароити муосир аз ҳисоби тағйироти муносибатҳои ҷамъиятӣ навсозӣ мешавад. Зарурати дарки консептуалии падидаҳои давлатию ҳуқуқӣ бо таносуби институти ҷамъиятии никоҳ ба миён омадааст» [137, с. 111]. Оила муҳимтарин институти иҷтимоие мебошад, ки дар ҳастии инсоният, ташаккули неруи инсонӣ, иҷтимоишавии шахс, танзими рафтори одамон ва ҳалли масъалаҳои хоҷагидорӣ нақши бузург дорад. Ин гурӯҳи иҷтимоӣ барои рушди шахсият шароитҳои заруриро фароҳам сохта, барои татбиқи иқтидори шахсӣ ва қобилиятҳои субъектони муносибатҳои иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Ба ибораи дигар, оила пойдевори ҳаёти шахс аст ва шахс дар такя ба он ояндаи худро месозад. Дар давраҳои мушкили ҳаётӣ аъзоёни оила якдигарро аз ҷиҳати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва равонӣ кумак мерасонанд ва аз қарорҳои нодуруст бозмедоранд.

Фикр мекунем, ки ҷиҳати коҳиш додани ҳолатҳои бекоршавии ақди никоҳ дар амал татбиқ намудани чунин чорабиниҳо мусоидат мекунанд:

1. Масъалаи бекоршавии ақди никоҳ пайваста мавриди таҳқиқи журналистон, сотсиологҳо ва донишмандони соҳа қарор гирад ва оқибатҳои номатлуби он таҳқиқ гардида, дар шакли мақолаҳои илмӣ, барномаю намоишҳо ва дигар воситаҳои таъсирбахш пешкаши аҳолӣ гардонида шаванд;

2. Ҷавонон дар интихоби ҳамсар мустақилу соҳибихтиёр бошанд ва дахолати атрофиён ба ин масъала бартараф карда шавад. Барои коҳиш додани дахолати волидайн, хешовандон ва шахсони сеюм ба зиндагии оилаҳои ҷавон корҳои фаҳмондадиҳӣ пурзӯр гардонида шаванд;

3. Таълими дарсҳои фарҳанги оиладорӣ ва рузгордорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тақвият дода шаванд, тарғиби тарзи ҳаёти солими оилавӣ ҳамаҷонба ба роҳ монда шавад ва ғайраҳо.

Асоси ҳар як давлатро институти оила ташкил медиҳад, оила барои таълиму тарбияи шахс, пешгирии каҷрафтории иҷтимоӣ ва ҳифзи фарҳанги миллӣ нақши бузург дорад. Оила муҳофизи ҳувияти миллӣ, урфу одат, анъанаҳо ва фарҳанги миллии миллат ва давлат мебошад. Аксарияти шахсоне, ки оилаи солим ташкил карда наметавонанд ва дар ҳаёт ба мушкилиҳо гирифтор ҳастанд, дар ҷамъият ҷойгоҳи худро намеёбанд.

Давлат барои танзими масъалаҳои оилавию никоҳ як қатор тадбирҳоро меандешад. Аз ҷумла, ташкили субъектони назоратӣ, таҳия ва қабули ҳуҷҷатҳои танзимкунанда ва монанди инҳо. Ҳуҷҷатҳои махсуси ҷорӣ, ки сиёсати давлатии Тоҷикистонро дар соҳаи никоҳ ва оила муайян мекунанд, ба андешаи мо, инҳоянд: Конститутсияи ҶТ, санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, Кодекси оилаи ҶТ ва дигар қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ. Ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зикргардида масъалаҳои гуногуни оила ва никоҳро дар кишвар ба танзим медароранд.

Пеш аз ҳама, Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 масъалаҳои оила ва никоҳро дар м.м. 1, 17, 33 ва 34 танзим намудааст [1]. Конститутсияи ҶТ дар рушди қонунгузории оилаву ниқоҳ ва танзими муносибатҳои дохилиоилавӣ нақшу аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар Конститутсия зикр ёфтани муҳимтарин принсипу усулҳои ба оила алоқаманд, аз ҷумла асоси ҷамъият будани оила ва таҳти ҳимояи давлат қарор гирифтани он, таҳти ҳимояи махсус ва дастгирии давлат будани

кӯдак, инчунин масъул будани волидайн дар тарбияи фарзандон самти инкишофи ҳуқуқи оила ва қонунгузории соҳаи мазкурро муайян кардаанд.

Сиёсати давлатӣ дар самти оила ва никоҳ низ, маҳз аз ҳамин меъёрҳои ҳуқуқӣ маншаъ мегирад. Тавре ки маълум аст, тибқи муқаррароти Конститутсия, «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, сиёсати он ба фароҳам овардани шароите нигаронида шудааст, ки зиндагии шоиста ва рушди озоди инсон, модару кӯдак, оиларо таъмин намуда, таҳти ҳимояи давлат қарор диҳад, дастгирии давлатӣ дар оила ба модар, падар ва кӯдак таъмин карда шавад ва кӯдакон афзалияти муҳимтарини сиёсати давлатии кишвар мебошанд, ки барои рушди ҳамаҷонибаи онҳо шароит фароҳам оварда мешавад» [1]. Ин муқаррароти конститутсионӣ ба муқобили буҳрони институти оила ва никоҳ нигаронида шудаанд ва дар ин робита муқаррароти Конститутсия на танҳо хусусияти таълимотӣ доранд, зеро ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавию маҳаллӣ мавриди амалсозӣ қарор мегиранд.

Яке аз ташаббуси муҳимми давлат, тавре дар боло гуфта шуд, «Соли оила» эълон намудан соли 2015 маҳсуб меёбад. Дар ин хусус Қарори Ҳукумати ҶТ дар бораи соли оила эълон кардани соли 2015 аз 15 апрели соли 2015, № 221 қабул шуда буд. Дар баробари ин, Консепсияи рушди оила дар ҶТ бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри соли 2015, № 801 таҳия ва қабул мегарадад. Албатта, ташаббусҳои мазкур дар соҳаи танзими муносибатҳои оилавию никоҳӣ нақши созгор гузоштаанд. Субъекони аввалиндараҷаи никоҳ зану шавҳар ба ҳисоб мераванд ва давлат нисбат ба онҳо бояд таваҷҷуҳ зоҳир намояд, то оилаҳо солиму пойдор монанд. Зану шавҳар танҳо ба эътирофи мақоми онҳо аз ҷониби ҷомеа ва давлат ниёз доранд. Давлат ба зану шавҳаре, ки муносибатҳои худро дуруст ба расмият даровардаанд, кафолатҳои ҳуқуқӣ медиҳад.

Ҳукумати Тоҷикистон дар замнаи татбиқи сиёсати давлатӣ чораҳои гуногунро амалӣ намуда, ба ин васила арзишҳои оилавиро ташвиқ

менамояд. Аз ҷумла, ҳамасола бо ташаббуси Ҳукумати мамлакат ва Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ як қатор чорабиниҳои илмиву маърифатӣ, фарҳангиву варзишӣ ва ғайра баргузор мегарданд. Озмунҳои варзишии оилавӣ ва оилаҳои намунавиро ташкил намуда, дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ тӯйи домодиву арӯсӣ ва хатнасури кӯдакони оилаҳои камбизоат ба таври ройгон ба роҳ монда мешаванд. Ҳамчунин озмунҳои «Кадбонуи беҳтарин», «Хушдомани беҳтарин», «Фарзанд – боғи падару модар» ва ғайра дар ҷумҳурӣ бо мақсади устувор намудани рукнҳои оиладорӣ ва қавӣ намудани пайвандҳои хонаводагӣ роҳандозӣ мегарданд.

Ҳуҷҷати дигари муҳим, ки муносибатҳои оилавию никоҳро муқаррар намудааст, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 мебошад, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст. Ҳуҷҷати мазкур муқаррар менамояд, ки «сиёсати ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи ақди никоҳ ва оила бо ҷалби васеи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар бобати мустаҳкам намудани оила амалӣ карда мешавад. Ҷалби мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ (шурои маҳалла, кумитаи маҳалла, кумитаи манзил) дар кори таблиғотиву ташвиқотӣ бо мақсади мустаҳкам намудани оила дар назар дошта мешавад. Бо мақсади танзими фаъолияти миёнаравӣ дар ҳалли низоъҳои дохилиоилавӣ қабули санади қонунгузории дахлдор ба мақсад мувофиқ мебошад» [3].

Кодекси оилаи ҶТ аз 13 ноябри соли 1998, № 682 дар сиёсати давлатии оилавию никоҳ нақши калонро соҳиб мебошад. Санади мазкур муқаррар менамояд, ки оила, ақди никоҳ, модар, падар ва кӯдак дар ҶТ таҳти муҳофизати давлат қарор доранд [2]. Яке аз мақсадҳои асосии таҳияи Кодекси оилаи ҶТ ба эътибори вазъи нави инкишофи ҷамъияту давлат ба тартиб даровардан, устувору мустаҳкам гардонидани муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ мебошад. Зарурати қабули кодекси нави оила ба он дигаргуниҳои куллие алоқаманд буд, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ба амал омода

бевосита муносибат ва назари навро ба масъалаи никоҳу оила ба вуҷуд овардaнд. Мақсади асосии қабули Кодекси оилаи ҶТ дар муқаррар намудани муносибатҳои ҳуқуқие зоҳир мешавад, ки ба ризоият ва қаноатмандии томи манфиатҳои шахсиятҳо, муҳайё кардани шароит барои таъмини ҳаёти муътадил ва рушди устувори ҳар узви оила ва алалхусус тарбияи кӯдакон мусоидат мекунад.

Консепсияи рушди оила дар ҶТ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри соли 2015, №801 қабул гардидааст, дар самти танзими масъалаҳои никоҳ яке аз ҳуҷҷатҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳуҷҷати мазкур масъалаҳои маърифати оиладорӣ, манъи никоҳи хешутаборӣ ва амсоли инҳоро, ки дар пешгирии қатъшавии никоҳҳо мусоидат менамоянд, муқаррар кардааст. Аммо, маврид ба зикр аст, ки дар се солаи охир ягон санади муҳими ҳуқуқӣ дар самти никоҳ таҳия ва қабул карда нашудааст. Агар асоси оилаҳо никоҳ бошад, пас таваҷҷуҳи асосии давлат бояд ба масъалаи никоҳ равона гардад. Бо ин назардошт, таҳия ва қабули ҳуҷҷатҳоро дар самти мазкур қобили қабул меҳисобем. Аз ҷумла, Стратегияи давлатӣ оид ба никоҳ барои давраи то соли 2030, Консепсияи ташаккули никоҳ дар ҶТ ва ғ.

Яке аз самтҳои сиёсати давлатии никоҳ баланд бардоштани маърифати оилавию ҳуқуқии никоҳшавандагон ба ҳисоб меравад. Дар ин хусус Фармони Президенти ҶТ аз 30 декабри соли 2023 «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» ба тавсиб расида, «мувофиқи ин фармон соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шуд. Дар ин асос Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024 низ таҳия гардида, бо амри Президенти ҶТ аз 18 марти соли 2024 тасдиқ карда шуд. Масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқи оилавӣ бо роҳи тарғиб ва ташвиқи донишҳои ҳуқуқӣ, таълиму тарбияи ҳуқуқӣ басе арзишманд буда, яке аз омилҳои мустаҳкамии оилаҳо маҳсуб мешавад» [164].

Оила ин дар асоси розигии тарафайн ва гузаштан аз қайди никоҳ ба вуҷуд меояд. Оила – ташкилоти махсусест, ки аз як тараф, ҳамчун гурӯҳи хурди иҷтимоӣ баромад менамояд, аз тарафи дигар ниҳоди ҷамъиятӣ мебошад. Ҷомеашиносон бар он ақидаанд, ки оиларо муносибати волидон – кӯдакон ташкил дода, никоҳ бошад, муносибатҳои байни мард ва зан, шаклҳои ҳамзистӣ ва муносибатҳои маҳрамонаро ба танзим медарорад.

Оила иттиҳоди ихтиёрии одамон аст, ки таърихан дар асоси никоҳ ва қаробати хунӣ ташаккул ёфтааст. Никоҳ бошад, танҳо асоси ҳуқуқии оиларо (яъне ҳуқуқу вазифа ва масъулияти ҳамаи аъзои оиларо нисбат ба ҳамдигар ва нисбат ба ҷамъият аз ҷиҳати маънавӣ ва ҳуқуқӣ) ташкил менамояд.

Дар давраи дигаргунсозии ҷомеаи тоҷик сохтори оила тағйироти миқдорӣ ва сифатиро аз сар гузаронд. Чун анъана дар Тоҷикистон як оилаи калон, яъне оилае, ки беш аз ду наслро дар бар мегирифт, ҳукмронӣ мекард. Давлати шуравӣ сиёсати баланд бардоштани вазъияти занонро ба амал гузаронда, шиддати занро ҳамчун коргар ва модар ба роҳбарӣ мегирифт. Барои ба ҳам пайвастани ин нақшҳо шароитҳои муайян фароҳам оварда шуданд, аз ҷумла, рухсатиҳои пулакӣ дода мешуданд ва ғ. [67, с. 5]. Аммо дар замони муосир бо сабаби таъсири ҷаҳонишавӣ асосҳо ва арзишҳои оилавӣ аз байн рафта истодаанд, робитаҳои оилавӣ заиф шуда истодааст, аҳаммияти муносибатҳои оилавӣ коҳиш меёбад ва дар натиҷа миёни оилаҳои ҷавон нашъамандӣ, майзадагӣ, ҷиноятҳои кӯдакӣ ва ғайра афзоиш ёфта истодаанд. Инчунин, мо бояд мушкилоти бад шудани саломатии кӯдакону ҷавонон, вазъи номусоиди демографӣ ва сатҳи баланди бекоршавии ақди никоҳ, бад шудани фазои равонӣ дар оила ва умуман, ҷомеаро илова намоем. Тамоюли тағйироти оила дар доираи масъалаҳои иҷтимоӣ ва ҷустуҷӯи моделҳои муносиби ҳалли проблемаҳои сиёсати оила, инчунин, самарабахшии онҳо мавзуи мубоҳисаҳои зиёд гардидааст.

Қайд карда мешавад, ки навъи бартаридоштаи оилаи миллӣ оилаи оддие ҳисобида мешавад, ки аз ҳамсарони дорои фарзанд иборат аст. Тавре дар адабиёт қайд мегардад, «Аз афзоиши вазни оилаҳои нопурра, ки аз модарони танҳо, занҳои аз шавҳар ҷудошуда ё бевазанони фарзанддор (аз рӯи қоида 1-2 кӯдак) иборат аст, изҳори нигаронӣ карда мешавад. Яке аз мушкилоти сиёсати оила дар он аст, ки давлат тағйирпазирии навъҳои оиларо нодида гирифта, афзалияти модели назариявии оиларо нисбат ба воқеияти ҳаёт муқаррар менамояд. Модели асосӣ иттифоқи зану шавҳаре мебошад, ки дар акди никоҳи бақайдгирифта қарор дошта, ду ё зиёда фарзанд доранд. Асосан, тадбирҳои сиёсати давлат маҳз ба ҳамин гуна объект – модели назариявии оила (масалан, таъмини сармояи модарӣ (оила) ва ғ.), нигаронида шудаанд. Доираи субъектҳои сиёсати давлатии оила хеле васеъ аст: мақомоти ҳокимияти ҳама сатҳҳо (ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ), ташкилотҳои ҷамъиятӣ (аз ҷумла, хайрия ва динӣ), ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ» [137, с. 109].

Бояд тазаккур дод, ки яке аз механизмҳои танзими ҳамкориҳо дар ин соҳа метавонад аҳдномаи акди никоҳ бошад. Тавре дар адабиёт қайд мегардад, «давлат бо нигоҳ доштани мафҳуми анъанавӣ масъалаи таҳкими институтҳои иҷтимоии оила ва никоҳро ҳал карданӣ мешавад: акди никоҳ иттиҳоди бақайдгирифташуда, асосан, якумрӣ, иттифоқи зану мард дар асоси муҳаббат, эҳтиром ва ёрии байниҳамдигарӣ мебошад. Моҳияти никоҳ дар барпо намудани оила, якҷоя идора кардани хоҷагӣ ва таваллуду тарбияи фарзанд мебошад. Тавре ҷомеашиносон қайд мекунанд, «вазъи оила нишондиҳандаи солимии ҷомеа мебошад» [137, с. 112]. Ба андешаи мо, доштани ин ҳуҷҷат ҳангоми никоҳ барои ҳалли мушкилоте, ки аз тағйироти дохилии оила аз сар мегузаронад, зарур аст. Дар аксари кишварҳои пешрафта аҳдномаи акди никоҳ ҳамчун ҷузъи ҳатмии муносибатҳои оилавӣ кайҳо боз паҳн

шудааст. Мафҳуми умумии аҳдномаи ақди никоҳ муайян менамояд, ки он созишномаи байни зану шавҳари оянда мебошад, ки шартҳои муайяни ҳаёти оилавии ояндаи онҳоро тавсиф мекунад ва масъалаҳои талоқро танзим менамояд. Дар баъзе кишварҳо ин ҳатмӣ аст, дар баъзеи дигар он танҳо ҳамчун як ҳуҷҷати ихтиёрӣ ба никоҳ замима карда мешавад. Масалан, дар мамлакатҳои тараққикардаи Иттиҳоди Аврупо, ки дар он ҷо ҳуқуқи ҳар ду ҷинс кайҳо баробар буд, ин навъи созишнома дар талаб пешсаф аст. Аммо кишварҳои осиёӣ бо суннатҳои кӯҳна, муҳофизакори худ ва ҳамчунин, вазъи нобаробарии занон аз чунин созишнома кам истифода мебаранд. Барои ҳамин рӯ овардан ба он дар замони мо на танҳо манфиати таърихӣ, балки ба талаботи ҳаёти имрӯзаи ба куллӣ тағйирёбанда ҳам вобаста мебошад.

Принсипҳои асосии сиёсати давлатии оила ба муқаррароти қонунгузории оила мувофиқат мекунанд. Ба андешаи И.А. Трофимес, «Давлат мавқеи дахолат накардан ба муносибатҳои дохили оиларо тасдиқ мекунад, истиқлолият ва мустақилияти оила дар қабули қарорҳо оид ба рушди он риоя карда мешавад, рушди худидоракунии он таъмин карда мешавад ва барои интихоби шаклҳои ёрии давлатӣ имконият фароҳам оварда шудааст. Давлат баробарҳуқуқии оилаҳо ва ҳамаи аъзоёни онҳоро дар ҳуқуқи таъминот, сарфи назар аз вазъи иҷтимоӣ, миллат, ҷойи истиқомат ва эътиқоди динӣ, инчунин, баробарии мардону занон барои ноил шудан ба тақсими одилонаи уҳдадориҳои оилавиро таъмин менамояд» [137, с. 110]. Давлат оилаҳоро ба шарикӣ ташвиқ намуда, барои тақсими масъулият ва ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои хайрия ва соҳибкорон пешниҳод менамояд. Хоҳиши ягонагии сиёсати оилавӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ изҳор карда мешавад.

Дар баъзе сарчашмаҳо қайд карда шудааст, ки «яке аз фишангҳои самарабахши механизми амалигардонии сиёсати давлат қонунгузорӣ мебошад. Экспертизаи ҳатмии лоиҳаҳои қонун аз нуқтаи назари баҳо

додан ба таъсири онҳо ба муътадил гардондани муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ, фароҳам овардани шароит барои иҷрои вазифаҳои худ, пеш аз ҳама, вазифаҳои демографии давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Донистани қонун ва риоя намудани он ба мустаҳкам гардидани оила ёрӣ мерасонад. Ҷавонон бояд донанд, ки танҳо никоҳи дар мақомоти ақди никоҳ бақайдгирифта қонунӣ буда, дигар шаклҳои бастани никоҳ оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд намеоранд. Никоҳи ғайрирасмӣ, яъне никоҳе, ки дар ташкилоти ақди никоҳ ба қайд гирифта нашудааст, ғайриқонунӣ буда, ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳарро ба танзим даровarda наметавонад ва дар ҳолати бекор шудани никоҳҳои ғайрирасмӣ аксаран занҳо дар ҳолати ногувор мемонанд» [164]. Дар баробари ин, ба назари мо, имрӯз яке аз сабабҳои муҳимтарини мавҷудияти шахсони берун аз никоҳ дар кишвар шумораи зиёди талоқҳо ва кӯдакони берун аз никоҳ таваллудшуда, аз ҷумла, тарғиби муносибатҳои ошкоро, беэҳтиромӣ ба арзишҳои анъанавии оилавӣ, озодии интихоби ҷинсият, порнография дар Интернет, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд.

Яке аз самтҳои сиёсати оилавии давлат оид ба масъалаҳои никоҳ ин эътироф намудани шакли ягонаи имконпазири ақди никоҳ ҳамчун иттиҳоди зану мард ва роҳ надодан ба қайди ақди никоҳ байни шахсони ҳамҷинс мебошад [137, с. 112]. Дар низоми татбиқи тадбирҳои сиёсати давлатӣ, ки ба таъмини устувории ақди никоҳ нигаронида шудаанд, талаботи бақайдгирии ҳатмии ақди никоҳ ҷойи муҳимро ишғол намуда, ба риоя накардани талаботи давлат оид ба қайди ақди никоҳ таҳдид мекунад.

Никоҳ иттиҳоди зан ва мард аст, ки талаботи ҷисмонию психикии онҳоро қонеъ намуда, барои тозагии ахлоқ хидмат мекунад. Никоҳ намуди устувори алоқаи ҷинсиест, ки аз тарафи ҷамъият ва дин иҷозат дода шуда, аз нуқтаи назари ҳам ҷамъиятӣ ва ҳам шахсӣ мақсаднок мебошад. Асоси оиларо ду шахси болиғ ташкил мекунанд, ки аз қайди

никоҳи динӣ ва расмӣ гузашта, масъулияти ҳамзистии ояндаро ба дӯш гирифтаанд.

Ҳамин тавр, таҳқиқот нишон медиҳад, ки давлат дар доираи татбиқи сиёсати демографӣ сиёсати давлатиро дар бахши оила ва никоҳ роҳандозӣ намудааст. Дар ин самт заминаи ғании ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ таҳия гардидаанд, ки айни замон мавриди амалисозӣ қарор доранд. Якчанд масъалаҳои муҳим мавҷуданд, ки бояд асоси сиёсати давлатиро дар самти никоҳ ва оила фаро гиранд. Инҳо пеш аз ҳама, масъалаи шарту талаботҳои бастани никоҳи қонунӣ, ки ба фарҳангу арзишҳои оилавии ҷомеа мувофиқ мебошад ва ҳамзамон масъалаи афзудани шумораи бекоршавии никоҳ ба ҳисоб меравад, ки дар ҷомеаи имрӯза хеле ташвишовар гардидааст.

Дар робита ба андешаҳои матраҳшуда, муҳимтарин вазифаҳои сиёсати демографии Тоҷикистон аз инҳо иборат мебошанд: таҳкими институти оила, эҳё ва ҳифзи анъанаҳои маънавию ахлоқии муносибатҳои оилавӣ, аз ҷумла, рушди низоми дастгирии машваратӣ ва равонӣ ба оила; тарғиби арзишҳои оилаҳои серфарзанд; шаклҳои ташкили оила барои кӯдакони бе парастории падару модар монда; ба амал баровардани тадбирҳои кам кардани шумораи исқоти ҳамл; баланд бардоштани уҳдадориҳои волидон оид ба таъмини сатҳи муносиби зиндагӣ ва рушди кӯдак; ташкили системаи махсуси хифзи ҳуқуқҳои кӯдакон.

# ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқу омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии масъалаи ташаккули институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва соҳибистиқлол чунин хулосаҳои илмӣ ба даст омаданд:

1. Дар баробари муайян кардани мафҳум ва нишонаҳои ҳуқуқии никоҳ он дорои як қатор шартҳо мебошад, ки мавҷудияти онҳо дар қонунгузории имрӯза сарчашмаи худро ҳанӯз аз давраҳои қадим мегиранд. Махсусан, дар ҳуқуқи шуравӣ шартҳои никоҳ дар қонунгузорӣ муқаррар гардида, хусусияти ҳуқуқӣ ва ҳатмӣ пайдо намудаанд. Аммо дар назарияи ҳуқуқи оилавии шуравӣ шартҳои никоҳ мухталиф пешниҳод шудаанд. Эҳтимол чунин ҳолат аз он вобаста мебошад, ки ҳуқуқи шуравӣ якчанд марҳилаҳои тағйироти сиёсию, иқтисодӣ ва иҷтимоию ҳуқуқиро аз сар гузаронидааст. Бояд гуфт, ки онҳо қисман аз шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории оилавии имрӯзаи мо фарқ мекунанд. Ба он хотир қисман, ки он аз рӯйи шумора зиёд буда, ҳамзамон баъзе тағйиротҳои иловагиро доро мебошад. Дар қонунгузории оилавии мо бошад, чунин шартҳо танҳо се номгӯ муқаррар шудаанд, вале дар мазмуни шарти сеюми он баъзе аз шартҳои зикршуда дохил мешаванд **[3-М]**.

2. Таҳқиқот нишон дод, ки ҳарчанд масъалаҳои вобаста ба никоҳ ва оила дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ қисман ва аз рӯйи мазмун ба ҳамдигар наздикӣ дошта бошанд ҳам, вале аз рӯйи талабот ва шумора шартҳои никоҳ дар ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ ва шуравӣ фарқ мекунанд. Масалан, шарти розигии тарафҳои никоҳкунанда дар ҳар се гурӯҳи шартҳо ба назар мерасад. Ин метавонад маънои онро дошта бошад, ки мавҷудияти шарти мазкури никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ аз ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ маншаъ мегирад. Дар баробари ин, баъзе шартҳои дигар хоси танҳо ҳамон низоми ҳуқуқӣ буда, ба ҳамдигар гузариш накардаанд. Масалан, шарти тобеият ба ойини зардуштӣ танҳо хоси ҳуқуқи зардуштӣ буда, дар ҳуқуқи мусулмонӣ ва шуравӣ вуҷуд

